**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**УДК:** 347.7 (575.3)

**ББК:** 67.406

**Ҷ –** 12

**ҶАБОРОВ ДИЛОВАР АБДУҚАҲОРОВИЧ**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИНҲИСОРИ ТАБИӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**САНГИНОВ Д.Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2019**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА......................................................................................3-13**

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ИНҲИСОРИ ТАБИӢ..............14- 84**

1.1. Ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**..........................................................................14-32**

1.2. Инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ**.......................32-58**

1.3. Мафҳум ва вижагиҳои ҳолати ҳуқуқии субъектони инҳисори табиӣ**.............................................................................................................58-84**

**БОБИ 2. МАХСУСИЯТИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ИНҲИСОРИ ТАБИӢ...................................................85-128**

2.1. Асосҳои молумулкии фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ**.....85- 101**

2.2. Вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектони инҳисори табиӣ**.........................................................................................102- 118**

2.3. Ҷавобгарии граждании-ҳуқуқи субъектони инҳисори табиӣ**..........118-128**

**ХУЛОСА...........................................................................................129-140**

**НОМГӮИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)................................................141-162**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқот.** Иқтисодиёти муосири бозоргонӣ сохтори мураккабе мебошад, ки аз миқдори калони унсурҳои гуногуни истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ таркиб ёфта, дар низоми бисёрҷанбаи меъёрҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ, ки бо мафҳуми ягона – бозор муттаҳид мегарданд, танзим карда мешавад. Дар ин бозор рақобат механизми ҷудонашавандаи иқтисодиёт баромад менамояд. Рақобат дар иқтисодиёт ба инҳисор муқобил меистад, зеро имкониятҳои ҳар як иштирокчии муносибатҳои бозоргониро дар таъсири инҳисор ба шарти умумии гардиши молҳо дар бозори мол маҳдуд месозад. Фаъолияти маҳдуднашудаи инҳисорӣ рақобатро паст мекунад ва ба маҳдудкунии озодии фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонад. Омили бздорандаи фаъолияти инҳисорӣ ва нигоҳдории рақобат қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад. Он ба муқобили суиистеъмол дар бозор ҳам бо роҳи манъи бевоситаи намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам ихтисори афзоиши тамоюлҳое, ки ба пастравии рақобати бозорӣ оварда мерасонанд, равона мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) қонунгузории зиддиинҳисорӣ танҳо дар натиҷаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, вақте ки ба рақобат зарурати ҷомеа пайдо гардид соли 1993 ба вуҷуд омад ва минбаъд такмил додашуд. Аммо танҳо бо манъи инҳисор ва дастгирии рақобат рушди иқтисодиёт Тоҷикистон ғайриимкон мебошад. Чунки дар тамоми давлатҳои дунё, ки ба низомҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешаванд, аз ҷумла иқтисодиёти бозоргонӣ маҷмӯи соҳаҳо ва намудҳои фаъолият мавҷуд мебошанд, ки аз доираи амали қонунгузории зидиинҳисорӣ бароварда шудаанд. Ин соҳаҳоро соҳаҳои «инҳисори табиӣ» номгузорӣ намудаанд, ки дар онҳо давлат мавқеи ҳукумфармоии истеҳсолкунандагонро навобаста аз шакли моликият муқаррар ва ҳифз менамояд ва дар онҳо бо назардошти хусусиятҳои технологию истеҳсолӣ рақобат ҷой дошта наметавонад.

Мавҷудияти инҳисори табиӣ барои давлат аз нигоҳи иқтисодӣ манфиатбахш мебошад, чунки як субъекти хоҷагӣ метавонад кулли бозорро ба мол, кор, хизматрасонӣ таъмин намояд ва хароҷоти камтарро ба неъмати ягона дар фарқият

аз ташкилотҳои рақобадошта пешкаш намояд. Дар баробари ин соҳаҳои инҳисори табиӣ дорои механизмҳои махсуси тадбиқнамоӣ мебошанд, ки имкониятҳои тағйир ва истифодаи онҳо дар бозори рақобатнок ғайриимкон аст. Бо назардошти ин зарурат соли 1997 Қонуни ҶТ «Дар бораи монополияҳои табиӣ» қабул карда шуд[1]. Аммо бо рушди кишвар ва мавҷудияти нуқсонҳо дар қонунгузорӣ ба қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо дароварда шуд[2] ва ҳато дар таҳрири нав қабул карда шуд[3].

Ҳануз соли 2013 бо назардошти мавҷудияти нуқсон дар қонунгузории инҳисори табиӣ дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2013 ва вазифаҳо барои соли 2014 такид намуда буданд, ки: «Ба Ҳукумат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки тибқи муқаррароти қонунгузории зиддиинҳисорӣ масъалаҳои фаъолияти самараноки монополияҳои табиӣ, пешгириву маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, инчунин рақобати ғайрисолими субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкорони инфиродиро дар бобати риояи тартиби муқарраргардидаи нархгузорӣ таҳти назорати доимӣ қарор диҳад»[4].

Танзими дахлдори ҳуқуқии инҳисори табиӣ ба монанди мукаммал намудани қонунгузорӣ ва бартараф намудани мухолифати меъёрӣ дар соҳаҳои инҳисори табиӣ дар шароити ҶТ амри воқеист. Ин вазифаҳо аз ҳуҷҷатҳои стратегии давлат сарчашма мегирад. Мисоли мушаххас муқаррароти Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 мебошад, ки дар комплекси сӯзишворию энергетикӣ ба ҳайси мушкилот самаранокии нокифояи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар комплекси

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997, № 525 "Дар бораи монополияҳои табиӣ"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1997, № 23–24, мод. 358.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи монополияҳои табиӣ" 12 майи соли 2001 № 5// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2001, № 5, мод. 586.

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, № 235 "Дар бораи инҳисороти табиӣ"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 168, Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 433, аз 28.12.2013 № 1055, аз 23.11.2015 № 1256, аз 18.07.2017 № 1460.

[4] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2013 ва вазифаҳо барои соли 2014 аз 15.01.2014 сол// Манбаъи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/6167 (санаи мурочиат: 12.01.2018 сол).

сӯзишворию энергетикии кишварро пешбинӣ менамояд[5]. Мисоли мухолифати меъёрӣ бошад дар таҷдиди сохтори Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик»[6] айён аст. Чунки дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028 бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти стратегӣ доштани соҳаи энергетика ва бо мақсади таъмини истифодаи он ба манфиати аҳолии кишвар нигоҳ доштани монополияи давлат дар ин соҳа ва таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ дар ин самт мақсади ҳалли мушкилоти соҳаи энергетика мебошад[7]. Чунин номукамалии қонунгузорӣ ва мухолифатҳои меъёрӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хизматрасонии оид ба истеҳсол, ҳамлу нақли нафт ва гази табиӣ, ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан, терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва айронавигатсия, алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ, хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия, ҳамлу нақл тавассути роҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ, ки соҳаҳои фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ мебошанд, вохурдан мункин аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи ин таъсиротҳо аҳмияти муҳим барои ҶТ дорад, чунки базаи қонунгузории танзимкунандаи инҳисори табиӣ идеалӣ намебошад. Бинобар ин дар сатҳи дисертатсионӣ таҳқиқи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ мубрам арзёбӣ мегардад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи соҳибкорӣ») иҷро гардидааст.

**Дараҷаи коркарди илмии мавзӯи тадқиқот.** Дар шароити муосир танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ яке аз масоили калидии ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад.

---

[5] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 декабри соли 2016, №636. Душанбе, 2017. С.69.
[6] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011 № 431 "Оид ба тасдиқи Нақшаи инфиродии таҷдиди сохтори Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик" барои солҳои 2011–2018// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.
[7] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028 аз 6 феврали соли 2018, №1005. Душанбе, 2018. С.19.

Ин масъала қисман дар осори илмии олимони ҳуқуқшинос ва иқтисодчиёни ватанӣ таҳқиқ шудааст: Б.Ю. Ахунов[8], А.В. Золотухин[9], А.Қ. Каримов[10], И.С. Муллобоев[11] А.М. Раҳимов[12], М.З. Раҳимзода[13], Д.Ш. Сангинов[14], Т.И. Султонова[15], Н. Шонасридинов[16].

Дар давлатҳои хориҷӣ баъзе аз ҷанбаҳои инҳисори табиӣ аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос Андреев И.А.[17], Григорьева О.А.[18], Ерина Е.Н.[19], Елизаров М.В.[20], Марасанов Н.Н.[21], Нельговский И.Е.[22], Теплов А.С.[23], Ткачев В.Н.[24], Чукалова С.Н.[25] таҳқиқ шудааст.

---

[8] Ахунов Б. Ю. Защита прав субъектов предпринимательской деятельности по законодательству Республики Таджикистан : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Ахунов Бахром Юсупджанович; [Место защиты: Тадж. гос. нац. ун–т].– Душанбе, 2010.– 174 с.

[9] Золотухин А.В. Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР–граф, 2018. – 596 с.

[10] Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан. диссертация ... кандидата юридических наук: 12.00.03. – Душанбе, 2010. – 188 с.

[11] Муллобоев И.С. Рыночная трансформация энергетического сектора национальной экономики Республики Таджикистан. Дис. ... канд. экон. наук : 08.00.01: Худжанд, 2012. 174 с.

[12] Рахимов А.М. Монополизм в экономике и пути его преодоления (На примере Республики Таджикистан) : Дис. ... канд. экон. наук : 08.00.01: Худжанд, 2000. 145 с.; Рахимов А.М. Конкурентоспособность национальной экономики и основные направления ее повышения: 08.00.01 Рахимов, Абдулатиф Маджидович Конкурентоспособность национальной экономики и основные направления ее повышения (На примере Республики Таджикистан): Дис. ... д–ра экон. наук: 08.00.01 Худжанд, 2005 399 с.

[13] Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе, МН "Дониш". – 2019. 557 с.

[14] Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. – Душанбе: «ЭР–граф», 2013. 600 с.; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ. – Душанбе: «ЭР–граф», 2014. 500 с.; Сангинов Д.Ш. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Андалеб–Р». 2015. 500 с.

[15] Султонова Т.И. Злоупотребление хозяйствующими субъектами доминирующим положением на товарном рынке в Республике Таджикистан: вопросы теории и законодательства: диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Султонова Тахмина Истамовна; [Место защиты: Кыргызско–рос. славян. ун–т].– Душанбе, 2007.– 154 с.

[16] Шонасридинов Н.Ш., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. Қисми 1. Душанбе, 2009. 478 с.; Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. Қисми 2. Душанбе: « Эр–граф», 2010. 348 с.

[17] Андреев И.А. Заключение договора оказания финансовых услуг субъекту естественной монополии посредством открытого конкурса в гражданском праве Российской Федерации : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03 / Андреев Игорь Алексеевич; [Место защиты: Ур. гос. юрид. акад.].– Екатеринбург, 2009.– 184 с.

[18] Григорьева О. А. Правовое регулирование естественных монополий: Дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.03 : Екатеринбург, 2003 235 с.

[19] Ерина Е.Н. Административно–правовое регулирование естественных монополий в сфере топливно–энергетического комплекса : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.14 / Ерина Екатерина Николаевна; [Место защиты: Моск. гос. юрид. акад.]. – Москва, 2008. – 191 с.

[20] Елизаров М.В. Особенности банкротства некоторых отдельных категорий юридических лиц : Дис. ... канд. юрид. наук : 12.00.03 : Владивосток, 2002. – 253 с.

[21] Марасанов Н.Н. Правовое регулирование деятельности субъектов естественных монополий : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.14. – Москва, 2005. – 169 с.

[22] Нельговский И.Е. Административно–правовое регулирование режима естественных монополий в Российской Федерации : Дис. ... д–ра юрид. наук : 12.00.14 : Москва, 2004. – 418 с.

[23] Теплов А.С. Правовое регулирование естественных монополий на железнодорожном транспорте в период структурной реформы : диссертация... кандидата юридических наук : 12.00.03. Москва, 2007. – 198 с.

Аммо дар Тоҷикистон тадқиқоти маҷмӯии илмӣ аз рӯи мавзӯи баррасишаванда мавҷуд нест ва зарурат таҳқиқи амиқи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ дар сатҳи дисертатсионӣ бавуҷуд омадааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Бо такя ба мубрамияти мавзӯи зикршуда тадқиқи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ бо назардошти асраҳои илмӣ ва қонунгузории амалкунанда мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

Мақсади таҳқиқот зарурати гузориш ва кӯшиши ҳалли масоили зеринро муайян намуд, ки он:

–омӯхтани ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар ҶТ;

–муайян кардани мафҳуми инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ–ҳуқуқӣ;

–муайян кардани мафҳум ва вижагиҳои ҳолати ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ;

–муайян кардани асосҳои молумулкии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ;

–омузиши вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисории табиӣ;

– муайян кардани ҷавобгарии граждани–ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ;

–коркард ва тавсияи пешниҳодҳо бо мақсади такмили қонунгузории амалкунандаи кишвар дар ин бахш дар ҶТ.

**Объекти тадқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ мебошанд.

**Мавзӯи тадқиқотро** андешаву назари олимон оид ба танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин бахш ташкил медиҳад.

---

[24] Ткачев В.Н. Теоретические и практические проблемы правового регулирования несостоятельности (банкротства) особых категорий субъектов конкурсного права : диссертация ... доктора юридических наук : 12.00.03 / Ткачев Валентин Николаевич; [Место защиты: ГОУВПО "Российская академия правосудия"]. – Москва, 2008. – 429 с.

[25] Чукалова С. Н. Государственное регулирование естественных монополий : административно–правовой аспект : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.14 / Чукалова Светлана Николаевна; [Место защиты: Рос. правовая акад. М–ва юстиции РФ].– Москва, 2013.– 239 с.

**Асоси методологии тадқиқот.** Асоси методологии диссертатсияро методҳои муосири идрок, ки онҳоро илм ошкор кардаасту дар таҷриба санҷидааст, методи муқоисавӣ–ҳуқуқӣ ва методи системавӣ ташкил намудаанд.

**Асоси назариявии тадқиқоти диссертатсионӣ.** Асоси назариявии тадқиқоти диссертатсиониро асарҳои олимони зерин ташкил медиҳанд: Абдуллаев Т.К., Айдарова Н.А., Алексеев С.С., Аминҷонов Р.М., Андреев И.А., Ахунов Б.Ю., Белых В.С., Бозоров Р.Б., Григорьева О. А., Елизаров М.В., Ерина Е.Н., Жидков О.А., Жилинский С.Э., Золотухин А.В., Исмаилов Ш.М., Каримов А.К., Клейн Н.И., Ковалева Т.В., Кузнитсин В.Б., Малинникова Е.В., Менглиев Ш.М., Нодиров Ф.М., Раҳимзода М.З., Самадов Ш.Д., Сангинов Д.Ш., Султонова Т.И., Тотьев К.Ю., Уильямсон О.И., Халфина Р.О., Чукалова С.Н., Шершеневич Г.Ф., Шонасридинов Н., Янковский К.А. ва дигарон.

**Навоварии илмии тадқиқот.** Дар диссертатсия дар асоси муносибати бонизом тадқиқи ҳаматарафаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ гузаронида шуд ва барои такмили қонунгузории амалкунанда дар ин бахш пешниҳодҳои судманд карда шуд.

Навоварии диссертасия дар он аст, ки танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ маҷмуан дар илми ватанӣ то ҳол тадқиқи худро наёфтааст. Ҳамзамон дар давраи муосири танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар ҶТ талабот ба гузаронидани тадқиқи маҷмӯии масоили асосӣ, аз ҷумла дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои нави хориҷии доктриналӣ, ки таҳлилашон дар илми ҳуқуқшиносии ҶТ ҳоло гузаронида нашудааст, ба вуҷуд меояд. Диссертасияи мазкур дар илми ватанӣ аввалин кӯшуши тадқиқотӣ ва ҷамъбасткунии мавзӯи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ мебошад.

Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Дар замони Истиқлолияти давлатӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши инҳисори табиӣ вобаста ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба инҳисори табиӣ ба ду марҳила тақсим карда мешавад: а) марҳилаи аввал - солҳои 1991-1996; б) марҳилаи дуюм – солҳои

1997-2018. Ба марҳилаи аввали танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ хусусияти заминавии танзими ҳуқуқӣ, яъне танзимнамои дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ хос буда, марҳилаи дуюм хусусияти коплексро касб намуд, яъне танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар асоси воситаҳои хусусияти хусусӣ ва умумидошта бароҳ монда шуд. Ба сохтори қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ чунин омилҳои субъективӣ, мисли сатҳи рушди техникаи ҳуқуқӣ, коркард дар назарияи ҳуқуқии масъалаҳои танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ таъсир мерасонанд.

2. Инҳисори табиӣ зуҳуроти иқтисодиву ҳуқуқӣ мебошад, ки ифодакунандаи ҳолати бозорест, ки дар он бо дарназардошти махсусиятҳои технологӣ ва ё иқтисодӣ бавуҷудории шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда ба хизматрасонӣ ба мақсад мувофиқ нест. Инҳисори табиӣ аз як тараф барои маҳдуд намудани фаъолияти рақобатноки субъектони хоҷагидори дигар ба истиснои хизматрасонии соҳаи муталлиқи инҳисори табиӣ монеъа нашуда, аз тарафи дигар фаъолияти инҳисориро, ки қонунугузорӣ манъ намудааст, ифода намекунад.

3. Соҳаи танзими бевоситаи давлатӣ танҳо бо соҳаи инҳисори табиӣ маҳдуд намегардад ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт, ки аҳамияти калони иҷтимоӣ–иқтисодӣ доранд, вале ба онҳо аломатҳои инҳисори табиӣ хос нест, дар бар мегирад. Тартиботҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектҳо, ки дар шароити инҳисори табиӣ ва субъектҳои дар соҳаҳои ба ҳам наздик амалкунанда кор мекунанд, ба куллӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Тафовути муҳимтарин дар он аст, ки тартиботи ҳуқуқии инҳисори табиӣ мустасност ва дар соҳаҳои фаъолияте, ки ба инҳисори табиӣ мансубият надоранд, истифода намегардад.

4. Соҳаҳои инҳисорҳои табиӣ мутаҳарриканд. Онҳо баъзан васеъ, баъзан маҳдуд мешаванд, инчунин баъзан вобаста ба омилҳои табиӣ, яъне талабот ба неъматҳо, вазъи бозор, рушди пешрафти илмӣ–техникӣ ва дигар сабабҳо барҳам мехуранд. Мавҷудияти инҳисори табиӣ дар ин ё он соҳа аксаран бо муҳтавои сиёсати давлат дар давраи мушаххаси таърихӣ муайян мегардад. Ин аз тағйирёбандагӣ (ноустуворӣ)–и феҳристи соҳаҳои инҳисори табиӣ, ё ба ибораи

иқтисодӣ «вариабелии ҳудудҳо»–и инҳисори табиӣ шаҳодат медиҳад. Маҷмӯи мушаххаси намудҳои фаъолияти инҳисори табиӣ–аз вазъи сифатии иқтисодиёти ин ё он давлат вобастагӣ дорад. Илова бар ин, дар марҳилаҳои гуногуни таърихии рушди низоми миллии иқтисодӣ намудҳои фаъолияте, ки–инҳисори табиӣ дониста мешаванд, тағйир меёбанд. Аз ин лиҳоз номгӯи мутлақи соҳаҳои инҳисори табиӣ вуҷуд надорад. Пас, масъалаи мансуб донистани фаъолият ба соҳаи инҳисори табиӣ танҳо дар асоси таҳлили ҷиддии иқтисодӣ, ки дар шароити мушаххаси таърихӣ гузаронида мешавад, бояд ҳал гардад. Ан ин рӯ бояд қайд кард, ки феҳристи соҳаҳои инҳисори табиӣ дар ин ё он давлат дар давоми вақти муайян мушаххасу таърихӣ муайян мегардад.

5. Субъекти инҳисори табиӣ субъекти хоҷагидорӣ мебошад, ки бо хизматрасониҳо бо истеъмолкунандагон дар шароити инҳисори табиӣ машғул аст. Субъекти инҳисори табиӣ дар соҳаи манъи умумӣ, ки аз тарафи давлат ташкил мегардад, ҳуқуқи махсус дорад. Манъ муносибати манфии давлатро ба инҳисорот ва самти сиёсати давлат ба дастгирӣ ва рушди рақобат чун муқобили инҳисорот ифода мекунад. Ҳамзамон, ҳуқуқи махсус аз тарафи худи давлат пешниҳод мегардад ва ба таври қонунӣ ба расмият даровarда мешавад.Чунин хулоса бо маълумотҳои ҳуқуқи мусбӣ тасдиқ мегардад. Субъекти инҳисори табиӣ ба гуруҳи ашхос дохил шуда, ҳарчанде ки расман шахси ҳуқуқии мустақил ҳисоб меёбад, аммо аз ҷиҳати иқтисодӣ аз дигар иштирокчиёни гуруҳ вобастагии пурра дорад, бо онҳо манфиатҳои умумӣ дорад. Дар чунин шароит ташаккули ирода ва ифодаи он аз тарафи инҳисорчии табиӣ мустақилона амалӣ намегардад. Изҳори иродаи ӯ таҳриф карда шудааст.

6. Бо мақсади ҳифзи ҷомеа аз суиистифода аз қудрати табиӣ–инҳисории сохторҳои якҷояшуда ба қонунгузорӣ ворид сохтани манъ ба якҷоякунии намудҳои инҳисори табиӣ ва рақобатнокии фаъолият аз тарафи як субъекти хоҷагидорӣ мувофиқи мақсад аст. Бояд қайд кард, ки қонунгузорӣ дар бораи соҳаҳои алоҳидаи инҳисори табиӣ–муносибати вобастагии байни субъектҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустақили хоҷагидориро ба ҳисоб гирифта, фаъолияти онҳоро маҳдуд гардонида истодааст.

7. Муносибатҳое, ки дар шароити инҳисори табиӣ бавуҷуд меоянд, бо маҷмӯи сершохаи санадҳои қувваю аҳамияти гуногундошта танзим мегарданд. Норасоии асосии қонунгузорӣ оид ба инҳисори табиӣ дар он зоҳир мешавад, ки санадҳои сершумори танзимкунандаи муносибатҳои гуногун бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ ба таври ҷудогона амал мекунанд. Ҳарчанде, ки аз рӯйи умумият муносибатҳои танзимшаванда мантиқи қонунгузориро ифода менамоянд, бояд бо ҳамдигар алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста буда, ҳамдигарро пурра кунанд ва инкишоф диҳанд. Вобастагӣ бояд дар сохтори зинавии санадҳо, тобеияти онҳо (алоқаи амудӣ) ифода ёбанд. Илова бар ин, бояд алоқаи байниҳамдигарии санадҳои ҳуқуқӣ доир ба инҳисори табиӣ дараҷаи якхеладошта (алоқаи уфуқии санадҳо) вуҷуд дошта бошад.

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ **ворид намудани тағйиру иловаҳои** зеринро судманд меҳисобем:

1. Дар сархати 1 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 № 235 "Дар бораи инҳисороти табиӣ" тағйироти зайр ворид карда шавад: «Инҳисори табиӣ зуҳуроти иқтисодиву ҳуқуқӣ мебошад, ки ифодакунандаи ҳолати бозорест, ки дар он бо дарназардошти махсусиятҳои технологӣ ва ё иқтисодӣ бавуҷудории шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда ба хизматрасонӣ ба мақсад мувофиқ нест».

2. Маҷмӯи истеҳсолӣ–технологиро чун як намуди молумулк ба сифати объекти мустақили ҳуқуқҳои гражданӣ қайд кардан ва дар қисми 2 моддаи 140 КГ ҶТ мустаҳкам намудан зарур мебошад.

3. Маҷмуъҳои ягонаи истеҳсолот–технологии субъектҳои инҳисорҳои табииро чун ашёи мураккаб барраси кардан зарур аст. Бинобар ин, ба моддаи 147 КГ ҶТ илова намудани қисми 3 бо мазмуни зерин мувофиқи мақсад мебошад: «Ашёи мураккаб маҷмӯи молумулке мебошад, ки бо мақсади умумии истеҳсолӣ–хоҷагидорӣ (қубурҳо, хатҳои интиқоли барқ, роҳи оҳан, бандарҳо, терминалҳои нақлиётӣ ва ғайра) муттаҳид гардонида мешавад».

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҳам барои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки танзими давлатии инҳисори

табииро баамал мебароранд ва ҳам барои субъектҳои хоҷагидории ҶТ, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии инҳисори табиӣ мебошанд, арзиши амалӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашударо бо мақсади такмили қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии судҳои иқтисодӣ ва судҳои умумии ҶТ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамчунин муҳтавои алоҳидаи диссертатсияро дар корҳои илмии минбаъда, ки ба масъалаҳои ҳуқуқии гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Ин диссертатсия ҳангоми тадрис оид ба фанни «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва курси махсуси «Ҳуқуқи рақобат» дар факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олӣ метавонад мавриди корбурд қарор дода шавад.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия шудааст. Муҳтавои асосӣ, хулосаву тавсияҳое, ки дар тадқиқоти диссертатсионӣ ҷой доранд, дар 15 мақолаи илмии нашршуда, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳо тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ нашршуда, инъикос ёфтаанд.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд: конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои рушди соҳибкорӣ дар ҶТ» бахшида ба 50-солагии дотсент Бобокалонов Ғ.М. (ш. Душанбе, 10-уми декабри соли 2014); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии инноватсия дар фаъолияти соҳибкорӣ» (ш. Душанбе, 10-уми июни соли 2014); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Низоми ҳуқуқии ҶТ ва кишварҳои ИДМ: вазъият ва мушкилотҳо» бахшида ба фаъолияти илмии ҳуқуқшиноси хизматнишондодаи ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш. Менглиев (ш. Душанбе, 23-юми октябри 2015); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар ҶТ» (ш. Душанбе, 22-юми октябри соли 2015); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории

соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони истиқлолияти давлатии ҶТ» (ш. Душанбе, 18-уми майи соли 2018); конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» (ш. Душанбе, 8-уми декабри 2018).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи тадқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 162 саҳифаро ташкил медиҳад.

# ҚИСМИ АСОСӢ

## БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ИНҲИСОРИ ТАБИӢ

### 1.1. Ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ яке аз шаклҳои дахолати давлат ба иқтисодиёт мебошад. Зарурияти чунин таъсиррасонӣ бо талаботи ҳифзи манфиатҳои оммавӣ, риояи афзалиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди давлат муайян мегардад. Танзими давлатии иқтисодиёт дар умум фаъолияти мақсадноки мақомотҳои давлатиро доир ба ташкил, идоракунӣ ва назорати фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро дар бар мегирад. Таъсиррасонии давлат ба муносибатҳои иқтисодӣ бояд дар доирае, ки қонун муқаррар кардааст, амалӣ гардад.

Мудохилаи давлат ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба инҳо алоқаманд аст: пешгирии садамаҳои экологӣ ва ҳалли масъалаҳои экологӣ; мубориза бар зидди ҷинояткориҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ; бартараф намудани бӯҳрони иқтисодӣ ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ; назорат ба истифодаи захираҳои умумимиллӣ; функсияи идоракунии давлат: пешгӯйии ҳолатҳои номусоид ба иқтисодӣ ва бартараф намудани онҳо; таъминоти иттилоотӣ ва назорати иҷрои меъёрҳо ва маҳдудиятҳо; таъмини моддию техникӣ ва молиявии лоиҳаҳои умумимиллӣ[26].

Дар таҷрибаи ҷаҳонии кишварҳои мутараққӣ се навъи асосии иқтисодӣ бозорӣ, пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ, яъне бозори либералӣ, бозори тамоили иҷтимоидошта ва омехта мушоҳида мешавад. Онҳо пеш аз ҳама бо дараҷаи танзими давлатии иқтисодиёт аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Аломатҳои хоси иқтисоди навъи либералӣ аз он иборат аст, ки чунин навъи иқтисод ба дахолати на чандон зиёди давлат, озодии ҳамаҷонибаи субъектҳои хоҷагӣ, ба иштироки камтари давлат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ асос ёфта, танзимнамои хислати

[26] Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ // Душанбе: «Андалеб-Р», 2014. - С.219.

монетарӣ дошта, дар доираи чароёнҳои макроиқтисодӣ маҳдуд мегардад. Чунин навъи иқтисоди бозорӣ танҳо дар сурати ноил шудан ба дарачаи баланди инкишофи иқтисодиёт имконият медиҳад, ки сатҳи баланди зисти қисми зиёди шаҳрвандонро таъмин намояд. Давлат табақаҳаи камбизоати аҳолиро дастгирӣ намуда, ба онҳо таъмини шароити зистро аз рӯи меъёрҳои кишварҳои нисбатан сусттараққикарда кафолат медиҳад. Навъи мазкур дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва то андозае дар Англия ва Франсия амал менамояд. Иқтисодӣ навъи дорои тамоили ичтимоӣ, чунин иқтисодиётест, ки дар он то дарачае танзими давлатии иқтисодиёт чой дошта, бахши давлатӣ мавқеи асосиро доро мебошад. Давлат на танҳо чараёни макроиқтисодӣ, балки баъзе соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти субъектҳои хочагиро танзим менамояд. Ҳамзамон парастории давлат қариб ҳамаи аъзоёни чамъиятро фаро гирифта, дарачаи муайяни қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба манзил, хизмати тандурустӣ ва фарҳанг, таъмини шуғли аҳолӣ кафолат дода мешавад. Тачрибаи  Олмон, Шветсия ва Австралия ҳаёти будани ин навъи иқтисоди бозории тамоили ичтимоидоштаи хочагиро  тасдиқ намуд. Ба ин навъи иқтисод, иқтисодӣ бозории навъи Япония хеле наздик мебошад. Асоси ин иқтисодро сиёсати дахолати фаъолонаи давлат ба иқтисодиёт ташкил медиҳат, ки он на барои ифодаи манфиати шахси алоҳида, балки коллектив  ва оила равона карда шудааст. Иқтисодиёти дорои тамоили ичтимоӣ ё ин ки «иқтисодиёти барои инсон» низоми иқтисодие мебошад, ки дар он муносибатҳои истеҳсолӣ ва механизми хочагидорӣ итоати истеҳсолотро барои беҳтар кардани шароити ҳаёти инсон ва такмили шахсияти он таъмин менамояд. Зарурати объективии чунин муносибат ба иқтисодиёт ба он асос меёбад, ки дар  асри ХХ1 маҳз иқтисодиёти дорои тамоили ичтимоӣ то дарачае самаранок ва доимо инкишофёбанда гардидааст. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки прогресси илмию техникӣ ба сифати симои маркази истеҳсолот корманди баландихтисоси дорои имконияти эчодиро  медонад. Технологияи навтарин танҳо аз тарафи инсони хушзеҳн мумкин аст эчод ва истифода карда шавад. Аз ҳамин чиҳат хусусияти

иқтисодиёти ҳозиразамон инсонигардонии истеҳсолот ва итоати он ба инкишофи қобилияти эҷодии корманд мебошад[27].

Таҷрибаи ҷаҳонии танзими инҳисори табиӣ ба ҷудо намудани ду тарзи асосии чунин мухолифат имкон медиҳад. Ин метавонад муқаррар намудани моликияти давлатӣ дар соҳаҳои инҳисори табиӣ ё танзими давлатӣ ва назорат аз болои фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ бошад. Дар мамлакатҳои гуногун тарзҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба инҳисори табиӣ истифода мегардад. Ин бо маҷмӯи махсуси инҳисори табиӣ, анъанаи танзими онҳо муайян карда мешавад.

Танзими фаъолияти инҳисори табиӣ яке аз мавзуҳои мубрам дар давлатҳои ба иқтисодиёти бозоргонӣ руоварда мебошад, чунки аз натиҷаи ин фаъолият бевосита некуаҳволӣ ва зиндагии ҷомеа вобасти дорад[28].

Ҷараёнҳое, ки бо рақобатнокӣ, ташаккул ва амали бозорҳои молҳо алоқамананд, объекти диққати махсуси қонунгузорони тамоми мамлакатҳое, ки ба иқтисоди бозоргонӣ рӯ овардаанд, гаштаанд. Ба зарурияти мавҷудияти қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва вазифаҳоеро, ки он бояд иҷро намояд, ҳанӯз дар адабиёти шӯравӣ диққат дода шуда буд[29].

Аммо то ҳол байни қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва қонунгузорӣ оид ба рақобат таносуб гузошта мешавад. Ба андешаи С.Л. Ермакович дар аввал қонунгузории зидиинҳисорӣ бо мақсади маҳдуд намудани ҳукумронии бозоргонии инҳисор бунёд ёфта, баҳри рафъи мухолифати манфиатҳои истеъмолкунанда, ҷомеъа ва давлат равона гардида буд. Аз нигоҳи объективӣ меъёрҳои зидинҳисорӣ ба рушд ва ҳифзи рақобат мусоидат намуданд. Бо гузашти вақт қонунгузории зидиинҳисорӣ дарбаргирандаи меъёрҳои махсус оид ба ҳимояи рақобат ва манъи рақобати бевиҷдонона, инчунин муқовимат ба маҳдудияти рақобат аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ мешавад. Дар натиҷаи инқилоби муносибатҳои рақобатнок, рушди ҳамкории иқтисодии байналмилалӣ доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳимояи рақобат оҳиста-оҳиста

---

27 Ниг.: Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ, монография. Душанбе, 2018. С. 30-31.

28 Бращин Р.М. Методы государственного регулирования естественных монополий// Вестник Российской экономической академии им. Г.В. Плеханова. 2008. № 6 (24). С. 59.

29 Халфина Р.О. Об антимонопольном законодательстве // Экономика и жизнь. – 1991. – № 9. – С. 14.

васеъ гардид, ки боиси танзими зидинҳисорӣ қисмати алоҳидаи ин бахш гардид. Бо назардошти хусусиятҳои зикршуда мафҳуми "қонунгузории зидиинҳисорӣ" ба "қонунгузорӣ оид ба ҳимояи рақобат" табдил ёфт, ки дар он меъёрҳои зидиинҳисорӣ накши муҳим вале на истисноиро ишғол менамоянд[30].

Дар ибтидои ислоҳотҳои иқтисодӣ ақидае ҳукумрон буд, ки тибқи он зарурат ба бунёди низоми махсуси ҳуқуқӣ дар соҳаи инҳисорҳои табиӣ нест, танзими онҳо бошад бояд қисми таркибии Қонуни ягона дар бораи рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ гардад. Аммо қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ мустақилона инкишоф ёфт. Зарурат ба мавҷудияти қонунгузории махсус дар бораи соҳаҳои фаъолияти субъектҳои инҳисорҳои табиӣ аз ҷониби аксари олимон эътироф гаштааст. Инро, ҳамчунин мутахассисони соҳаҳои алоҳидаи танзимшаванда, масалан, доир ба интиқоли гармӣ ва қувваи барқ, таъкид менамоянд[31]. Ба зарурати тафриқагузорӣ байни амалҳои ду меъёрҳо Н.И. Клейн диққат дода буд. Ӯ аз рӯйи адолат қайд мекунад, ки Қонун дар бораи инҳисори табиӣ ба рушди рақобат, маҳдудсозӣ ва қатъи фаъолияти инҳисорӣ равона нашудааст, зеро ки дар соҳаҳои инҳисори табиӣ рақобат самара намедиҳад. Инчунин, вазифаю ҳуқуқҳои мақомотҳои танзимкунандаи субъектҳои инҳисори табиӣ ва мақомотҳои зиддиинҳисорӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд[32].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ бо қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи рақобат якҷоя амал менамояд. Баъзе моддаҳои Қонун "Дар бораи инҳисороти табиӣ"[33] бо меъёрҳои Қонун "Дар бораи ҳимояи рақобат"[34] таносуби ҳам умумӣ ва ҳам хусусӣ доранд.

---

[30] Ниг.: Ермакович С.Л. О соотношении понятий "антимонопольное законодательство" и "законодательство о конкуренции" // В сборнике: Актуальные проблемы сравнительного правоведения: теория и практика сборник научных статей. 2017. С. 95-96.

[31] Кузьмин В.В., Образцов СВ. Государственное регулирование тарифов на электрическую и тепловую энергию в России: учебное пособие. – М., 1999. – С. 9.

[32] Клейн Н.И. Антимонопольное законодательство и законодательство о естественных монополиях. Проблемы применения и дальнейшего совершенствования// Право и экономика. – 1998. – № 1. – С. 46.

[33] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №235 «Дар бораи инҳисороти табиӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.168; с.2008, №10, мод.814; с.2013, №12, мод.899; с.2015, №11, мод.977, Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 433, аз 28.12.2013 № 1055, аз 23.11.2015 № 1256, аз 18.07.2017 № 1460.

[34] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, №1417 «Дар бораи ҳимояи рақобат» // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

Бояд қайд кард, ки қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ дар аксари ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ва айни ҳол Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил алоҳида амал менамояд. Он аз қонунгузории умумӣ дар бораи рақобат, бо қонунгузории махсус дар бораи инҳисори табиӣ ва фаъолияти зиддиинҳисорӣ ҷудо рушд меёбад. Чунончӣ, дар Ҷумҳурии Озорбойҷон Қонун «Дар бораи инҳисори табиӣ»[35] сарфи назар аз қонуни қаблан қабулшудаи «Дар бораи фаъолияти зиддиинҳисорӣ»[36] амал мекунад. Дар Украина Қонун «Дар бораи инҳисороти табиӣ»[37] якҷоя бо Қонун «Дар бораи ҳимояи рақобати иқтисодӣ»[38] амал менамояд. Дар Узбекистон сарфи назар аз мавҷудияти Қонун «Дар бораи рақобат»[39] Қонун «Дар бораи инҳисори табиӣ»[40] амал мекунад. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон Қонун «Дар бораи инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон»[41]

[35] Закон Азербайджанской Республики от 15 декабря 1998 года, №590-IQ «О естественных монополиях» // В редакции Законов Азербайджанской Республики от 26.12.2000 г. №48-IIQ, 20.10.2006 г. №167-IIIQD, 09.10.2007 г. №430-IIIQD, 02.06.2008 г. №618-IIIQD, 22.10.2013 г. №766-IVQD, 03.04.2015 г. №1252-IVQD, 18.12.2015 г. №51-VQD.

[36] Закон Азербайджанской Республики от 4 марта 1993 года №526 «Об антимонопольной деятельности» // В редакции Законов Азербайджанской Республики от 10.10.1997 г. №381-IQD, 23.03.2001 г. №103-IIQD, 05.10.2001 г. №183-IIQD, 23.11.2001 г. №219-IIQD, 05.10.2001 г. №190-IIQD, 03.12.2002 г. №387-IIQD, 30.12.2003 г. №568-IIQD, 09.03.2004 г. №603-IIQD, 20.10.2006 г. №167-IIIQD, 01.02.2008 г. №543-IIIQD, 01.04.2008 г. №588-IIIQD, 02.06.2008 г. №618-IIIQD, 30.09.2010 г. №1083-IIIQD, 03.04.2015 г. №1250-IVQD, 05.04.2016 г. №183-VQD, 28.12.2018 г. №1408-VQD.

[37] Закон Украины от 20 апреля 2000 года №1682-III «О естественных монополиях»// В редакции Законов Украины от 15.05.2003 г. №762-IV, 18.11.2003 г. №1280-IV, 20.11.2003 г. №1294-IV, 13.01.2005 г. №2339-IV, 31.05.2005 г. №2599-IV, 01.12.2006 г. №424-V, 25.12.2008 г. №800-VI, 05.03.2009 г. №1072-VI, 01.06.2010 г. №2289-VI, №2388-VI от 01.07.2010, 08.07.2010 г. №2467-VI, 09.07.2010 г. №2479-VI, 07.10.2010 г. №2592-VI, 23.12.2010 г. №2856-VI, 17.02.2011 г. №3038-VI, 07.07.2011 г. №3610-VI, 22.12.2011 г. №4220-VI, 17.05.2012 г. №4709-VI (вступил в силу 13.06.2013 г.), 24.05.2012 г. №4851-VI, 07.06.2012 г. №4910-VI, 21.06.2012 г. №4998-VI, 02.10.2012 г. №5400-VI, 24.10.2013 г. №663-VII, 27.03.2014 г. №1170-VII, 02.06.2015 г. №499-VIII, 22.09.2016 г. №1540-VIII, 13.04.2017 г. №2019-VIII, 09.11.2017 г. №2189-VIII.

[38]Закон Украины от 11 января 2001 года №2210-III «О защите экономической конкуренции»// В редакции Законов Украины от 26.12.2002 г. №380-IV, 15.05.2003 г. №762-IV, 27.11.2003 г. №1344-IV, 23.12.2004 г. №2285-IV, 25.03.2005 г. №2505-IV, 31.05.2005 г. №2596-IV, 23.02.2006 г. №3486-IV, 16.04.2009 г. №1276-VI, 22.12.2010 г. №2850-VI, 23.12.2010 г. №2856-VI, 05.07.2011 г. №3567-VI, 04.07.2013 г. №406-VII, 12.11.2015 г. №782-VIII, 23.12.2015 г. №901-VIII, 26.01.2016 г. №935-VIII, 09.11.2017 г. №2195-VIII, 18.01.2018 г. №2269-VIII, 19.09.2019 г. №112-IX.

[39] Закон Республики Узбекистан от 6 января 2012 года №ЗРУ-319 «О конкуренции» // В редакции Законов Республики Узбекистан от 07.10.2013 г. №ЗРУ-355, 20.01.2014 г. №ЗРУ-365, 20.08.2015 г. №ЗРУ-391, 18.04.2017 г. №ЗРУ-429, 03.01.2018 г. №ЗРУ-456, 09.01.2018 г. №ЗРУ-459, 23.07.2018 г. №ЗРУ-486, 08.01.2019 г. №ЗРУ-512.

[40] Закон Республики Узбекистан от 24 апреля 1997 года №398-I «О естественных монополиях»// В редакции Законов Республики Узбекистан от 10.10.2006 г. №59, 07.12.2007 г. №120, 14.12.2010 г. №266, 30.04.2013 г. №ЗРУ-352, 07.10.2013 г. №ЗРУ-355, 11.12.2014 г. №ЗРУ-381, 16.10.2017 г. №ЗРУ-448.

[41] Закон Кыргызской Республики от 8 августа 2011 года №149 «О естественных монополиях в Кыргызской Республике»// В редакции Законов Кыргызской Республики от 09.07.2014 г. №119, 19.07.2014 г. №145, 13.01.2015 г. №9, 13.08.2015 г. №225 (вступил в силу 12.08.2015 г.), 14.06.2016 г. №80, 15.07.2016 г. №118, 15.07.2017 г. №126, 17.05.2019 г. №64.

амал мекунад. Қонунҳо дар бораи инҳисороти табиӣ дар Белоруссия[42] ва Қазоқистон[43] низ қабул карда шудаанд.

Аммо, қайд кардан зарур аст, ки дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ намунаҳои дигар низ ҷой доранд. Масалан, дар ИМА қонунгузории махсус дар бораи инҳисороти табиӣ мавҷуд нест. Мушкилоти танзими онҳо ба таври зайл ҳал мегардад: қонунгузории зиддитреестӣ пешбини менамояд, ки меъёрҳои он ба фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ (масалан, мусофиркашонии оммавӣ) паҳн намегардад. Моддаҳои 5, 6 Қонун дар бораи Комиссияи савдои федералӣ муқаррар намудаанд, ки Комиссия ваколати қатъ кардани фаъолияти чунин субъектҳои хоҷагидорӣ ва нисбати онҳо амалигардонии методҳои назорат ва мониторинги давлатиро надорад. Аммо, қонунгузории ИМА баъзе маҳдудиятҳоро дар фаъолдияти онҳо пешбинӣ менамояд: манъи директоратҳои ҳамдигарро убуркунанда; содир намудани додугирифтҳое, ки нисбати онҳо манфиатҳо дошта мешавад. Ваколатҳо доир ба назорат аз болои иҷроиши нишондодҳои қонун ба Комиссия доир ба нақлиёт ва савдои байниёлотҳо (моддаи 11 Қонуни Клейтон) гузошта шудааст[44].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи инҳисори табиӣ марҳилаҳои муайянро сипарӣ намудааст. Бавуҷудоии қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш танҳо дар натиҷаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, вақте ки кишвар соҳибихтиёр шуд ба рақобат зарурати ҷомеа пайдо гардид соли 1993 ба вуҷуд омад[45] ва минбаъд такмил додашуд[46]. Аммо танҳо бо манъи инҳисор ва дастгирии рақобат рушди иқтисодиёт Тоҷикистон ғайриимкон мебошад. Чунки дар тамоми давлатҳои дунё, ки ба низомҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешаванд, аз ҷумла иқтисодиёти бозоргонӣ маҷмӯи соҳаҳо ва намудҳои фаъолият мавҷуд мебошанд, ки аз доираи амали қонунгузории зидиинҳисорӣ бароварда

[42] Закон Республики Беларусь от 16.12.2002 №162–3 «О естественных монополиях»// http://icpo.at.tut.by/zak0205.html (дата обращения: 12.07. 2017 г.)
[43] Закон Республики Казахстан от 09.07.1998 №272–1 «О естественных монополиях»// Ведомости Парламента. 1998. №16. Ст.214.
[44] Клейтона закон, 15 октября 1914 года// http://doc20vek.ru/node/3881 (санаи мурочиат: 07.02.2018 с.).
[45] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани фаъолияти монополӣ ва рушди рақобат» аз 27 декабри соли 1993 // Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.
[46] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30 майи соли 2017, № 1417 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, № 5 (қисми 1), мод. 274.

шудаанд. Ин соҳаҳоро соҳаҳои «инҳисори табиӣ» номгузорӣ намудаанд, ки дар онҳо давлат мавқеи ҳукумфармоии истеҳсолкунандагонро навобаста аз шакли моликият муқаррар ва ҳифз менамояд ва дар онҳо бо назардошти хусусиятҳои технологию истеҳсолӣ рақобат ҷой дошта наметавонад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи инҳисори табиӣ чун низоми санадҳо дар навбати аввал бо Контитутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад. Барои танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ қоидаи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса дорад[47]. Тибқи он Конститутсияи Тоҷикистон қувваи олии ҳуқуқӣ дошта, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, қувваи ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва мақомотҳои он, шахсони мансабдор, шаҳрвандону иттиҳодияҳои онҳо ухдадоранд, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Санадҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, қисми таркибии системаи ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошад. Дар ҳолати номувофиқатии қонунҳои ҷумҳурӣ бо санадҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ҷорӣ мегардад. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф намудааст, баъд аз интишори расмӣ қувваи қонунро мегиранд.

Мавҷудияти инҳисори табиӣ барои давлат аз нигоҳи иқтисодӣ манфиатбахш мебошад, чунки як субъекти хоҷагӣ метавонад кулли бозорро ба мол, кор, хизматрасонӣ таъмин намояд ва хароҷоти камтарро ба маҳсулоти ягона дар фарқият аз ташкилотҳои рақобатдошта пешкаш намояд. Дар баробари ин соҳаҳои инҳисори табиӣ дорои механизмҳои махсуси тадбиқнамоӣ мебошанд, ки имкониятҳои тағйир ва истифодаи онҳо дар бозори рақобатнок ғайриимкон аст. Бо назардошти ин зарурат соли 1997 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ» қабул карда шуд[48]. Аммо бо назардошти рушди кишвар ва

[47] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.- Душанбе, 2016. С.4.
[48] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997, № 525 "Дар бораи монополияҳои табиӣ"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1997, № 23–24, мод. 358.

мавҷудияти нуқсонҳо дар қонунгузорӣ ба қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо дароварда шуд[49] ва ё онҳо аз нав қабул карда шуд[50].

Дар асоси қонуни соли 1997 асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатӣ нисбат ба инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, он барои ҳосил гардидани мувозинаи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва субъектҳои инҳисори табиӣ, ки ба истеъмолкунандагон дастрас гардидани молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) ба фурӯш баровардани онҳо ва фаъолияти самараноки субъектҳои монополияҳои табииро таъмин менамояд, равона шуда буд. Дар он инҳисори табиӣ ҳамчун ҳолати бозори молӣ (корӣ, хизматрасонӣ), ки қонеъ гардонидани талабот дар ин бозор дар сурати мавҷуд набудани рақобат бинобар хусусиятҳои технологии истеҳсолот бо сабаби назаррас будани камшавии хароҷот дар истеҳсоли воҳиди мол (кор, хизматрасонӣ) дар сурати афзоиши ҳаҷми истеҳсолот самараноктар мебошад, муқаррар гардид. Дар он вақт қонун фаъолияти субъектҳои инҳисори табииро дар соҳаҳои зерин танзим менамуд: хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол ва интиқоли қувваи барқ ва гармӣ; хизматрасонӣ дар мавриди харид, ҳамлу нақл ва расонидани гази табиӣ тавассути қубурҳо; боркашонӣ аз тариқи роҳи оҳан ва авиатсия; хизматрасонии терминалҳои (майдонҳои) нақлиётӣ, аэропортҳо; хизматрасонии алоқаи истифодаи умумибарқӣ ва почта; истеҳсоли маҳсулоти барои мудофиа таъингардида.

Аммо дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003, № 486 “Дар бораи Нақшаи стратегии хусусигардонии корхонаҳои миёнаю калон ва реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон барои солҳои 2003-2013[51] ҳайати ин субъектон кам карда шуд. Сабаб дар он аст, ки мақсади асосии Нақшаи стратегӣ давра ба давра то охири

---

[49] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи монополияҳои табиӣ" 12 майи соли 2001 № 5// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2001, № 5, мод. 586.

[50] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, № 235 "Дар бораи инҳисороти табиӣ"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 168, Қонуни ҶТ аз 6.10.2008 № 433, аз 28.12.2013 № 1055, аз 23.11.2015 № 1256, аз 18.07.2017 № 1460.

[51] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003, № 486 “Дар бораи Нақшаи стратегии хусусигардонии корхонаҳои миёнаю калон ва реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон барои солҳои 2003-2013// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

соли 2012 ғайридавлатикунонии тамоми корхонаҳои миёна ва калон, ҷиҳати вусъат додани тадбирҳои минбаъдаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташуккули муносибатҳои бозорӣ, муҳайё намудани шароит барои инкишофи мӯътадили бахши хусусӣ, таъсиси шаклҳои замонавии хоҷагидорӣ, ҷалб намудани сармояи дохилию хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, ташкили бозори коғазҳои қиматнок ва баланд бардоштани истифодабарии самараноки воситаҳои асосии корхонаҳо, кам намудани сарбории буҷети давлатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва бо кор бештар таъмин кардани аҳолӣ буд. Мақсадҳои гузошташуда дар доираи дигаргунсозиҳои сохтории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бар шаффофӣ, ошкорбаёнӣ ва рақобатнокӣ асос ёфта буд, ба амал бароварда шуд. Дар натиҷа дар асоси ин санад 459 корхонаҳои миёна ва калон хусусӣ гардонида шуданд, яъне аз доираи инҳисори табиӣ хориҷ гардиданд.

Минбаъд бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ»[52] қоидаҳои принсипалии танзими давлатӣ ва назорат аз болои инҳисори табиӣ, номгӯи соҳаҳои инҳисори табиӣ, уҳдадориҳои асосии субъекти инҳисори табиӣ, методҳои танзими давлатӣ ваколатҳои мақомотҳои танзимкунанда ва ғайраро мустаҳкам карда шуд. Моддаи 5 ҳамин Қонун номгӯи пурраи намудҳои фаъолиятро пешбинӣ намудааст, ки дар онҳо мавҷудияти инҳисорҳои табиӣ эътироф гаштааст. Қонун дар бораи инҳисороти табиӣ нишондодро дар бораи рушди баъзе қоидаҳои санадҳои меъёриро дар бар мегирад.

Қабули қонуни мазкур боис шуд, ки аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 5 марти соли 2007, №3 Фармоиш "Дар бораи тасдиқ кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон"[53] қабул карда шавад. Дар заминаи он чунин санадҳо тасдиқ карда шуданд: Низомнома "Оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор доминантҳо ва инҳисорон", Низомнома "Оид ба тартиби ба мақомоти ваколатдори

[52] Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2007 год, №3, ст.168; 2008 год, №10, ст.814, ЗРТ от 28.12.2013г. №1055.

[53] Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №3 "Дар бораи тасдиқ кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон"// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома тибқи талаботҳои моддаҳои 15 ва 16 - и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи инҳисороти табиӣ", "Дар бораи рақобат ва махдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ва "Дар бораи реклама", "Қоида оид ба тартиби гузаронидани тафтиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомотҳои зикршуда", "Қоидаҳо оид ба муайян намудани мавқеъи ҳукумфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорҳои молӣ", "Тартиби баррасии парвандаҳо дар хусуси вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Тартиби танзими муайян намудани нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор ё сатҳи ниҳоии онҳо, ки дар бозори молии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд" ва "Тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани навъи шартномаҳо", ки бо фармоиши Вазорати рушди иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Минбаъд 26 июли соли 2011, № 85 бо Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқ кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон" санадҳои нав қабул карда шуданд[54]. Ба монанди Низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон; Низомнома оид ба тартиби ба мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома; артиби танзими муайян намудани нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор ё сатҳи ниҳоии онҳо, ки дар бозори молии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд; Тартиби баррасии парвандаҳо дар хусуси

[54] Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2011, № 85 "Дар бораи тасдиқ кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон"// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон; Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доранд; Қоида оид ба тартиби гузаронидани тафтиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомотҳои зикршуда; Қоидаҳо оид ба муайян намудани мавқеъи ҳукумфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорҳои молӣ; Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи инҳсороти табиӣ", "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол”.

Дар натиҷаи рушди қонунгузории кишвар барои танзими муносибатҳо бо иштироки субъектҳои инҳисорҳои табиӣ чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин дар замони Истиқлолияти давлатӣ қабул гардиданд: Қонунҳои ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994, №983[55], Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ноябри соли 1998, № 720[56], «Дар бораи энергетика» аз 29 ноябри соли 2000, №33[57], Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2000, № 34[58] «Дар бораи алоқаи почта» аз 1 августи соли 2003, №39[59], «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 декабри соли 2003, №46[60], «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ» аз 9 декабри соли 2004, №69[61], «Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт» аз 30 июли соли 2007, №309[62], «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» аз 5 марти соли 2007,

---

[55] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994, № 15–16, мод. 235; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1995, № 22, мод. 259; соли 2008, №1, қ– 2, мод.16, №12, қ–2, мод.1005; соли 2010, №12, қ–1, мод.822; ҚҶТ аз 28.12.13с.№1048.

[56] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №23–24, мод. 342; с. 2005, №12, мод. 631; с. 2007, №7, мод. 685; с. 2008, №10, мод. 806; с. 2011, №12, мод. 839; с. 2013, №7, мод. 506; с. 2015, №3, мод. 203; Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 с., № 1315.

[57] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2000, №11, мод.504; соли 2005, №12, мод. 633; соли 2007, №6, мод. 436; №7, мод. 672; соли 2009, №9–10, мод.549; соли 2011, №6, мод. 440; соли 2013, №7, мод., 526; ҚҶТ аз 28.12.13с., № 1054.

[58] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2000, № 11, мод. 510; соли 2006, №3, мод. 164; соли 2008, № 3, мод. 200; соли 2009, №12, мод. 824; с. 2011, №6, мод. 455.

[59] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 462; с. 2004, №5, мод. 341; с. 2007, №7, мод. 684; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 412, мод. 413; Қонуни ҶТ аз 14.11.2016 с., №1370.

[60] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №12, мод.674; соли 2008, №10, мод.813; соли 2009, №5, мод.317. Қонуни ҶТ аз 02.01.2019 с., № 1579.

[61] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №12, қ–1, мод. 696.

[62] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №7, мод.671.

№238[63], «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» аз 12 январи соли 2010, №587[64], «Дар бораи консессияҳо» аз 26 декабри соли 2011, №783[65], «Дар бораи ангишт»аз 3 июли соли 2012, №870[66], «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» аз 28 декабри соли соли 2012, №907[67], «Дар бораи нафт ва газ» аз 18 марти соли 2015, №1190[68] ва ғайра.

Дар баробари қонунҳо санадҳои сершумори зерқонунӣ ва идоравии зерин дар ин соҳа амал мекунанд:

1.Низомномаи ширкати давлатии «Тоҷикнафтмаҳсулот» аз 20 июни соли 1994, №290.

2.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1995, №341 «Масоили Кумитаи нафт гази назди Ҳукумати Тоҷикистон».

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 1995,№384 «Дар бораи баъзе чораҳо доир ба барқарор кардани соҳаи истихроҷи нафт ва газ».

4. Дастур дар бораи Кумитаи нафт ва гази назди Ҳукумати Тоҷикистон аз 3 июни соли 1995,№394.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 1996,№324 «Дар бораи сохтори соҳаи нафту гази Ҷумҳурии Тоҷикистон».

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 1997,№73 «Дар бораи чораҳо доир ба рушди соҳаҳои нафт ва гази Ҷумҳурии Тоҷикистон».

7.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 1997,№359 «Дар бораи коркарди нафти хом».

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1997,№267 «Дар бораи рушди энергетикаи хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон».

9.Дастур дар бораи Комиссияи байниидоравии маслиҳатдиҳӣ доир ба барқ аз 7 сентябри соли 2011,№422.

---

[63] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №3, мод.171, соли 2008, №6, мод.458; Қонуни ҶТ аз 01.08.2012с., №887.

[64] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2010, №1, мод.11; Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 с., № 1254.

[65] Ахбори маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №12, мод. 847.

[66] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №7, мод. 720.

[67] Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

[68] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 212.

10.Қоидаҳои истифодаи объектҳои обӣ барои эҳтиёҷоти барқи обӣ аз 4 марти соли 2003, №95.

11.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003, №507 «Дар бораи пешниҳоди Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои санҷиши Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи энергетикаи ҷумҳурӣ».

12. Дастуруламал дар бораи Вазорати энергетика ва саноати ҶТ аз 28 декабри соли 2006, №605.

13. Дастуруамал дар бораи Хадамоти давлатӣ доир ба назорат дар соҳаи энергетика аз 3 апрели соли 2007, №180.

14. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҶТ аз тарафи Хадамоти давлатӣ доир ба назорат дар соҳаи энергетика, аз 5 феврали соли 2008,№8

15. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009,№570 «Дар бораи мусодира ва додани қитъаи замин ба Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»

16. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009, №660 «Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масоили обию барқӣ».

17. Барнома доир ба истифодаи самараноки захираҳои обию барқӣ ва таъмин бо барқ барои солҳои 2012–2016 аз 2 ноябри соли 2011, №551[69].

Ҳамин тариқ, муносибатҳое, ки дар шароити инҳисори табиӣ ба вуҷуд меоянд, бо маҷмӯи сершохаи санадҳои қувваю аҳамияти гуногундошта ба танзим даровардa мешаванд. Норасоии асосии қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ дар он аст, ки санадҳои сершумори танзимкунандаи муносибатҳои гуногун бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ ба таври алоҳида, ҷудо аз ҳамдигар амал менамоянд, ҳар он ки, аз рӯи умумияти муносибатҳои танзимшаванда ва мантиқи қонунгузорӣ онҳо бояд бо ҳамдигар зич алоқаманд буда, ҳамдигарро пурра карда, рушд диҳанд. Вобастагӣ дар санадҳо бояд ба таври зинавӣ, зертобеиятӣ (алоқаи

[69] Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

амудӣ) сохта шавад. Илова бар ин, алоқаи байниҳамдигарии санадҳои ҳуқуқӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ дар як сатҳ қарорёфта (алоқаи уфуқии санадҳо) бояд ҷой дошта бошад. Олимон дар ин бобат қайд мекунанд: «...таҷриба зарурияти муносибатҳои низомнокро ба ҳалли масъалаҳои танзими давлатӣ нишон дод»[70].

Истифодаи мафҳуму истилоҳотҳо ва сохторҳои умумӣ дар санадҳои қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ мушкилоти дигаре ҳисоб меёбад. Дар нишондодҳои ҳуқуқӣ доир ба соҳаҳои гуногуни инҳисорҳои табиӣ аксаран истилоҳои якхелае истифода мешаванд, ки дорои мазмуни гуногун мебошанд. Хусусияти муҳимтарини ҳуқуқ дар умум, чун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ин низомнокӣ мебошад. Танҳо ҳангоми мавҷудияти тартиботи дараҷавӣ дар сохтори санадҳо, ҳамтобеиятӣ, алоқамандӣ ҳамдигарвобастагии онҳо, истифодаи дастгоҳи ягонаи мафҳумию категориявии қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табииро чун низоми санадҳо тавсиф додан мумкин аст. Аломати соҳаи қонунгузорӣ он аст, ки на пайвасти механикӣ, балки низоми ягона, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мукаммал ва дохилан мувофиқи нишондодҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад.

Қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ сохтори мураккабе дорад. Тафриқаи санадҳои қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ аз рӯи меъёрҳои гуногун гузошта мешавад: қувваи ҳуқуқӣ (қонунҳо, амру фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, санадҳои идорӣ, санадҳои мақомотҳои судӣ), аз рӯи гурӯҳҳои муносибатҳои танзимшаванда (санадҳо дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои инҳисори табиӣ, танзими нархҳо, мақому ваколатҳои мақомотҳои танзимкунандаи инҳисори табиӣ ва ғайра), сарфи назар аз ихтилофотҳои ҷойдошта қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ умумияти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Яке аз вазифаҳои консентуалӣ ба он додани хусусиятҳои низомнокӣ мебошад.

Низомнокии қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ объективона бо хусусияти муносибатҳои танзимшавандаи ҷамъиятӣ асос меёбад.

---

[70] Жигульская Г.М., Воробьева Н.С. МАП России как орган власти, регулирующий деятельность естественных монополий в области связи// Вестник МАП России. 2000. №3. С. 63.

Алоқаву муносибатҳое, ки бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ соҳаҳои гуногун ба вуҷуд меоянд, аз рӯи мазмуни иқтисодии худ муттаҳиданд, ки принсипҳои умумии танзими ҳуқуқии онҳоро муайян мекунад. Умумияти мазмуни иқтисодии муносибатҳое, ки дар шароити соҳаҳои гуногуни инҳисорҳои табиӣ ба вуҷуд меоянд, ягонагии тарзҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба онҳоро объективона муайян мекунад. Ягонагии танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ ҳамзамон муносибати тафриқавӣ ба намудҳои гуногуни фаъолият, баҳисобгирии хосагиҳои онҳоро истисно намекунад. Бинобар ин, қонунгузор ҳангоми таъсиррасонӣ ба инҳисори табиӣ ба низомнокӣ бояд майл кунад. Низомнокӣ сохтори дохилӣ, алоқамандии мантиқӣ ва ғайриихтилофии тамоми маҷмӯи санадҳои ҳуқуқиро дар бораи инҳисорҳои табиӣ дар назар дорад. Чунин сохтори қонунгузорӣ ба ихтилофотии меъёрҳо дар соҳаи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ роҳ намедиҳад. Ин модел сохтори идеалӣ буда, онро амалӣ гардонидан лозим аст.

Ба сохтори қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ чунин омилҳои субъективӣ, мисли сатҳи рушди техникаи ҳуқуқӣ, коркард дар назарияи ҳуқуқии масъалаҳои танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ таъсир мерасонанд. Масалан, қисмҳои сохтории қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ баррасии алоҳидаро талаб менамояд. Қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ аз рӯи мазмун якхела нест. Ба он меъёрҳо дар бораи муносибатҳо дар соҳаи идоракуни, танзим ва назорат аз болои намудҳои инҳисорҳои табиӣ, инчунин меъёрҳо дар бораи алоқаҳои шартномавӣ бо иштироки инҳисорчиёни табиӣ дохил карда шудаанд. Гуногунии табиати муносибатҳо мансубияти гуногунсоҳавии меъёрҳои ҳуқуқиро муайян месозанд. Ягонагии обекти танзим алоқамандии меъёрҳои маъмурӣ–ҳуқуқӣ ва гражданӣ–ҳуқуқиро дар санадҳои ягонаи меъёрӣ–ҳуқуқӣ, чун дар Қонун дар бораи инҳисорҳои табиӣ, муайян мекунад. Муттаҳидсозии меъёрҳои оммавӣ–ҳуқуқӣ ва хусусӣ–ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ имкон медиҳад, ки дар бораи қонунгузорӣ оид ба инҳисорҳои табиӣ чун ташкилаи маҷмӯӣ, ки унсурҳои соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад, сухан ронем.

Дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа тамоюл ба танзими маҷмӯӣ дар санадҳои ягонаи муносибатҳои гуногуннавъ (масалан, қонунгузорӣ дар бораи

суғурта, фаъолияти бонкӣ, дар бораи нархгузорӣ ва ғайра) пайгирӣ мегардад. Чӣ тавре, ки дар адабиёт қайд шудааст, «Санадҳои маҷмӯӣ бо эҳтиёҷоти амалия (таҷриба) ба вуҷуд меоянд ва бо ҳамбастагии зичи намудҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоӣ асоснок мегарданд»[71].

Хусусияти маҷмӯии санадҳои ҳуқуқӣ дар бораи инҳисори табиӣ, аз як тараф, бо арзи соҳаи умумии танзим ва мақсади умумӣ ба вуҷуд меояд (лаҳзаи объективӣ), аз тарафи дигар бо истифода аз санадҳои меъёрӣ (лаҳзаи субъективӣ).

Ҳанӯз муҳақиқони шӯравӣ қайд карда будаанд, ки қонунгузории зиддитрестӣ соҳаи маҷмӯии қонунгузорӣ буда, онро дар қатори чунин соҳаҳои он, мисли ҳуқуқи гражданӣ, тиҷоратӣ, маъмурӣ ва ғайра ба сифати соҳаи мустақил ва комилҳуқуқи ҳуқуқи буржуазӣ баррасӣ намудан мумкин нест[72]. Олимони муосир хусусияти маҷмӯии ҳуқуқи энергетикиро қайд намудаанд: «Ҳуқуқи энергетикӣ ба таври объективӣ соҳаи маҷмӯии ҳуқуқ буда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи тадқиқ, бадасторӣ, истеҳсол, таҷдид, интиқол, нигоҳдорӣ, супоридан, тақсимкунӣ ва истеъмоли захираҳои энергетикӣ ба танзим медарорад»[73]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои энергетика осори олимон Р.М. Аминҷонов[74], К.А. Доронкин[75], Ш.Д. Самадов[76], З.Ж. Зиёева[77], Ю. Раҳимов[78] ва дигарон бахшида шудаанд. Масълаҳои ҳуқуқи энергетикӣ мавзӯи осори олимони зерин ҳисоб меёбад: Ш.К. Ғаюров[79], Ш.М. Исмоилов[80], Д.Ш. Сангинов[81] ва дигарон.

---

71 Общая теория советского права. – М, Юрид. лит., 1966. – С. 339.
72 Жидков О.А. Антитрестовское законодательство в буржуазных странах: автореф. дис. ... док. юрид. наук. – М., 1972. – С. 14.
73 Сангинов Д.Ш. Энергетическое право Республики Таджикистан (курс лекций): учебное пособие // Под общей ред. д.ю.н., проф. Гаюрова Ш.К. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 34.
74 Аминджанов Р.М. Энергетическая безопасность Республики Таджикистан и организационно-экономические основы ее обеспечения: дис. … канд. эконом. наук. – Душанбе, 2004. – 159 с.
75 Доронкин К.А. Рыночная среда и ее влияние на устойчивое развитие энергетики Республики Таджикистан и стран Центральной Азии: дис. … канд. эконом. наук. – Душанбе, 2003. – 155 с.
76 Самадов Ш.Д. Механизм формирования и развития рыночных отношений в электроэнергетике Республики Таджикистан: дис. … канд. эконом. наук. – Душанбе, 1999. – 164 с.
77 Зияева З.Ж. Стратегия диверсификации топливно-энергетического комплекса Республики Таджикистан: дис. … канд. эконом. наук. Санкт-Петербург, 2009. – 155 с.
78 Исследователь энергетики Таджикистана // Ба қуллаҳои дониш. – № 5 (1332). Сешанбе, 5 марти соли 2013. – С. 11.
79 Учебная программа спецкурса «Энергетическое право Республики Таджикистан» (на таджикском языке) / Составитель д.ю.н., профессор Гаюров Ш.К. // Учебные программы предметов и спецкурсов кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета ТНУ. – Душанбе, 2012. – С. 206.
80 Исмаилов Ш.М. Некоторые особенности энергетического права в Таджикистане // Юридический мир. – 2008. – № 5. – С. 71–77; Он же. Приоритеты энергетической политики Таджикистана: правовые аспекты строительства Рогунской ГЭС. [Электронный ресурс]. http://bmpravo.ru/show_stat.php?stat=735(дата обращения: 03.03.2018).

Қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ зерсистемаи низоми калонтари санадҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ аниқтараш, қонунгузорӣ дар бораи рақобатнокӣ ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисориро ташкил менамояд, ки дар навбати худ ба низоми калонтари қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дохил мешавад. Бинобар ин, ба қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ тамоми хусусиятҳои қабатҳои калонтари қонунгузорӣ хосанд: хусусиятҳои маҷмӯии санадҳо, муҳаррикии меъёрҳо, бартарии санадҳои дараҷаи ҷумҳуриявӣ, микдори калони санадҳои зерқонунӣ ва ғайра.

Ҷудо кардани қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ аз низоми умумии қонунгузорӣ бо мантиқи ягонаи маҳсурияти соҳаҳои ҳуқуқ мувофиқат намекунад. Худмухторӣ ва маҷмӯии ин қонунгузорӣ бо он муайян мегардад, ки дар асоси ягон соҳаи анъанавӣ ё иститути ҳуқуқ, чун қисми таркибии он, инкишоф наёфтааст, балки унсурҳои як қатор соҳаҳои ба ҳам наздик ва ҳатто гуногуннавъи ҳуқукро дар худ гирифтааст. Ба маҷмӯи қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ пайванди методҳои асосии танзими ҳуқуқӣ хос аст. Дар он меъёрҳои омехтаеро ҷудо кардан мумкин аст, ки аз рӯи принсипи соҳавӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи гражданӣ, маъмурӣ, соҳибкорӣ мансубанд.

Меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, пеш аз ҳама, ба танзими муносибатҳои шартномавӣ равона шудаанд. Меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ масъалаҳои ташкил ва фаъолияти мақомотҳои махсуси назораткунанда, ба ихтиёри онҳо гузоштани масъулият оид ба додан ё надодани розигӣ ба иҷрои созишномаҳои алоҳидаи субъектҳои хоҷагидорӣ, додани амр дар бораи қатъи ягон фаъолияти ғайриқонунӣ ва ғайраро ба танзим медароранд. Дар танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ мавҷудияти принсипи ҷобаҷогузории иштирокчиёни гардиши гражданӣ бо унсури калони императивӣ, ки ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятиро бояд кафолат диҳад, ба хулосае меорад, ки қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ хусусиятҳои ҳам ҳуқуқи хусусӣ ва ҳам ҳуқуқи оммавиро дар бар мегирад.

Ҳоло норасоиҳои қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ инҳоянд:

---

[81] Сангинов Д.Ш. К вопросу о правовом обеспечении предпринимательской деятельности в нефтегазовом секторе // Законодательства. – № 4 (8). – 2012. – С. 45–51; Сангинов Д.Ш. Места энергетического права в системе права Республики Таджикистан // Государство и право. – 2012. – № 3. – С. 20–36; Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 500 с.

– миқдори калони сарчашмаҳои танзими ҳуқуқӣ, ки ҷустҷӯ ҷамъбаст, таҳлил ва низомнокӣ ва истифодаи онҳоро мушкил мегардонад;

– хусусияти гуногунсатҳии санадҳои ҳуқуқӣ (қонунҳо, фармонҳо, қарорҳо, дастурамлҳо ва ғайра) бо бартарии санадҳои зерқонунӣ;

– номувофиқатӣ ва ихтилофият байни санадҳои амалкунанда ва қабулшаванда;

– динамизми баланд (зудтағйирёбандагӣ)–и асоси ҳуқуқии танзим.

Таҳлили қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ ва таҷрибаи истифодаи он дар соҳаҳои

бо ислоҳоти ин соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузашта шудааст, аҳамияти муҳим дорад. Зарурияти муносибати ягона ба танзими инҳисори табиӣ соҳаҳои гуногун, дар навбати аввал, бо монандии мазмуни иқтисодии онҳо муайян мегардад. Табиист, ки ҳар як соҳа хусусиятҳое дорад, ки танҳо ба он хос аст. Аммо тафовути ҷойдошта хусусияти принсипалӣ надорад ва мавҷудияти шаклҳои гуногуни ҳуқуқии таъсиррасониро талаб намекунад. Тафриқаи танзим, албатта, бояд вуҷуд дошта бошад, аммо он набояд аниқ бошад. Ягонагӣ ва умумияти шаклӣ–ҳуқуқӣ бо як навъии иқтисодии алоқаҳое, ки дар шароити соҳаҳои гуногуни инҳисори табиӣ ба вуҷуд меоянд, муайян мегардад. Дар алоқа бо ин, баҳисобгирии умумиятҳое, ки навъҳои гуногуни инҳисорҳои табииро ба ҳам муттаҳид мекунанд, вазифаи муҳимтарини қонунгузории муосир ба ҳисоб меравад. Ошкор намудани аломатҳои якхела, сарфи назар аз хосагиҳои ҳар як намуди фаъолияти инҳисори табиӣ, бояд натиҷаи мантиқӣ дошта бошад: низомноккунонии қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ, хизмат кардан ба мақсадҳои якҷоякунӣ ва якхела намудани танзими ҳуқуқии онҳо.

Хамин тариқ, дар замони Истиқлолияти давлатӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши инҳисори табиӣ вобаста ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба инҳисори табиӣ ба ду марҳила тақсим карда мешавад: а) марҳилаи аввал - солҳои 1991-1996; б) марҳилаи дуюм – солҳои 1997-2018. Ба марҳилаи аввали танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ хусусияти

заминавии танзими ҳуқуқӣ, яъне танзимнамои дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ хос буда, марҳилаи дуюм хусусияти коплексро касб намуд, яъне танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар асоси воситаҳои хусусияти хусусӣ ва умумидошта бароҳ монда шуд. Ба сохтори қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ чунин омилҳои субъективӣ, мисли сатҳи рушди техникаи ҳуқуқӣ, коркард дар назарияи ҳуқуқии масъалаҳои танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ таъсир мерасонанд.

## 1.2. Инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ роҳи самараноки ташкили иқтисодиёти бозоргонӣ муносибатҳои рақобатнок мебошад. Аммо бо назардошти шумораи зиёди омилҳои ичтимоию иқтисодӣ рақобати мукаммал ҳолати воқеии бозорро ифода карда наметавонад. Дар баробари ин амалишавии яккатор соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар шароити рақобатнок номункин ва ё самаранок намебошад, ки барои ин соҳаҳо табии сатҳи баланди инҳисор зарур аст.

Дар замони муосир инҳисори табиӣ бо маҷмӯи соҳаҳои худ тамоми мамлакатро мутаҳид менамояд ва ҳатто мисли хатҳои интиқоли барқ берун аз доираи он мебароянд. Субъекҳои инҳисори табиӣ ба ташкил ва нигоҳдории фазои ягонаи иқтисодии ҶТ мусоидат мекунанд. Дар шароити талаботи пасти пардохтпазирӣ, норасоии маблағҳои пулӣ болоравии нархҳо ба хизматрасонӣ инҳисори табиӣ дар ҶТ омиле мегардад, ба баландравии ҳаҷми истеҳсолот дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат мусоидат мекунад ва сарчашмаи болороварии қурби асъор мегардад. Инҳисорот ба некуаҳволии иқтисодиёти мамлкат метавонанд ҳам таъсири мусбӣ ва ҳам манфӣ расонанд. Бинобар ин, тадқиқи инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар заминаи қонунгузорие, ки таъсири инҳисоротро ба танзим медарораду он идеалӣ нест, аҳмияти мубрам дорад.

Барои дарки амиқи мафҳуми инҳисори табиӣ ба таҳқиқи ҷанбаи иқтисодӣ ва ҳуқуқии он шуруъ менамоем.

Дар солҳои охир дар адабиёти илмии иқтисодчиён мафҳуми соҳаи инфрасохторӣ ҳамчун синоними инҳисори табиӣ мустаҳкам шудааст. Мушкилоти таҷдиди сохтор ва ислоҳоти инҳисори табиӣ воқеан ба таркиби инфрасохторӣ алоқаманд мебошад. Дар таркиби инфрасохтор бештар инҳисори табиирo метавон бо аз рӯйи унсурҳои табии зерин ҷудо намуд: Аввалан, инҳо шабакаҳои интиқоливу нақлиётӣ мебошанд, ки тавассути онҳо маҳсулот ба истеъмолкунанда расонида мешавад (рельсҳо, қубурҳо, хатҳо, интиқоли барқ ва ғайра). Дуюм, амалиётҳо ё дигар фаъолиятҳои мушаххас барои кори ин шабакаҳо (операторони система, банақшагирӣ ва ғайра). Сеюм, бозорҳое, ки дар онҳо ҳамоҳангсозии пешниҳод ва талабот ба хизматрасонии шабакаи инфрасохторӣ баамал бароварда мешавад. Чорум, воқеан истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ аз ҷониби корхонаҳое, ки ҷузъи инҳисори табиӣ мебошанд, амалӣ мегардад. Чӣ тавре ки таҳлил маълум намуд аз чор элементи номбаршуда сетоаш унсурҳои инфрасохтори истеҳсолӣ мебошанд[82].

Бо назардошти андешаи таҳлилшуда дар адабиёти иқтисодӣ тафсири гуногуни инҳисори табиӣ дода шудааст. Аввалин маротиба соли 1848 иқтисодчии англис Ҷон Стюарӣ Милл, намояндаи иқтисодиёти сиёсии классикӣ, пайрави А. Смит, Д. Рикардо, А.Сен–Симон дар бораи мафҳуми «инҳисори табиӣ» маълумот додааст. Дар асари бунёдии худ «Асосҳои иқтисоди сиёсӣ» ӯ он чизеро тасвир менамояд, ки баъдан номи инҳисори табииро гирифт ва байни ону инҳисори сунъӣ (иҷозатдодашуда) тафовут мегузорад. Инҳисори сунъӣ (иҷозатдодашуда) аз тарафи давлат сохта мешавад, мақоми он бо санадҳои қонунгузорӣ мустаҳкам мегардад, барҳамдиии имконпазири он ба рушди боигарии миллӣ мусоидат хоҳад кард. Дар тафовут аз ин инҳисори табиӣ бо кушишҳои давлат ва қонун ягон хел муносибат надорад. Чун тарафдори фаъоли рақобат «ҳомии тоҷирати озод» Ҷ. Милл афзалиятҳои инҳисори табииро дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ эътироф накарда наметавонист. Бартариву норасоиҳои бо газ ва об таъмин кардани Лондонро тасвир намуда, ӯ ба хулоса чунин меояд: «Лондон дар хароҷотҳои меҳнат сарфаи бештаре мекард, агар онро бо газу об ба ҷойи якчанд ширкат танҳо

82 Плячкайтене И.М. Исторический обзор подходов к понятию естественная монополия // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. 2011. № 8. С. 82.

як ширкат таъмин менамуд». Баъдан ӯ мегуяд, ки «корхонаи сирф аҳамияти ҷамъиятидошта танҳо дар доираи калонтар вазифаҳои худро фоидаовар амалӣ мегардонад ва ҳамзамон озодии рақобат дар он қариб дида намешавад»[83].

Баъдан иқтисодчии англис Алфред Маршалл ба тасаввурот дар бораи рақобати комил такя намуда, дар китоби «Принсипҳои иқтисодиёти сиёсӣ» (1890) инҳисори мутлақро тасвир кардааст. Мафҳуми инҳисори мутлақ ҳолати бозориеро мефаҳмонад, ки тибқи он дар бозор гузарандаи ягонаи маҳсулот ё хизматрасоние, ки ивазкунанда надоранд, ҳозир аст. Азбаски молгузоранда аз рақобат ҳарос надорад, ӯ метавонад нархи маҳсулот (хизматрасонӣ) ва ҳаҷми молгузориро ба танзим дарораду фоидаи калон гирад[84]. Аммо ӯ худи истилоҳи «инҳисори табиӣ»–ро истифода набурдааст.

Баъд аз А. Маршалл соли 1933 иқтисодчии амрикоӣ Эдвард Чемберлин дар китоби «Назарияи рақобати инҳисорӣ» ва олими англис Ҷоан Вайолет Робинсон дар китоби «Иқтисодиёти рақобати нокомил» масъалаи рақобати инҳисориро гузоштаанд. Ин китобҳо аз таҷдиди амиқи тасаввуротҳои пештар бавуҷудомада дар бораи рақобати озод чун асоси бозор шаҳодат медиҳад. Инҳисоротро на чун муқобили рақобат, балки чун унсури ногузири системаи иқтисодӣ баррасӣ менамоянд. Э. Чемберлен бар он ақида аст, ки «ҳудуди ниҳони инҳисор ҳодисаи назорат аз болои пешниҳодоти тамоми манфиатҳои хоҷагидорӣ мебошад», ҳамзамон «ҳар гуна рақабат аз тарафи ивазкунандаҳо мустасност»,[85] Ҷ. Робинсон ҳодисаеро тасвир мекунад, ки дар он мавҷудияти рақобат маъно надорад: «... Дар як қатор соҳаҳо, аз чумла нақлёти роҳи оҳан, қувваи барқ ва саноати газӣ корхонаҳои хурди амалкунанда бо иқтидори баланд тавсиф мегарданд ва агар ҳаҷми бозор калон набошад (яъне он ба фуру бурдани маҳсулоти як корхонаи пурра фаъолияткунанда кодир нест), пас заминаҳо барои рақобат вуҷуд надоранд»[86]. Аммо онҳо махсус бо назарияи инҳисори табиӣ машғул набуданду истилоҳи мувофиқро истифода набурданд.

---

[83] Ниг.: Милль Дж. С. Основы политической экономии. – М., Прогресс, 1980. Т. 1. – С. 259–260.
[84] Маршалл А. Принципы политической экономии. – М., Прогресс, 193. Т. 2. – С. 182.
[85] Чемберлин Э. Теория монополистической конкуренции: (Реориентация теории стоимости). – М., Экономика, 1996. С. 102.
[86] Робинсон Дж. Экономическая теория несовершенной конкуренции. – М: «Прогресс», 1986. С.238.

Ҳамин тариқ, шарҳи табиати чунин зуҳурот мисли инҳисори табиӣ дар ду ҷанба гузаронида шудааст: сарфакорӣ дар доираи тамоми истеҳсолот; ҳодисаи рақобати нокомил. Дар осори Ҷ.С. Милл, А. Маршалл, Ҷ.Робинсон ва Э.Чемберлин воқеан асосҳои тасаввуроти муосир дар бораи инҳисори табиӣ, чун як намуди инҳисоре, ки мавҷудияти он ба камкунии хароҷотҳо баён мегардад, гузошта шуда буданд.

Баъдан коркарди назарияи инҳисори табиӣ дар тадқиқотҳои соҳавии иқтисодиёт, ки бо зарурати танзими фаъолияти онҳо алоқаманд аст, идома ёфт. Аз ҷумла, аломатҳои алоҳидаи инҳисори табиӣ, масъалаҳои тахассусот, муқаррар намудани вазифаҳо ва ҳоказо мавриди таҳқиқ қарор ёфтанд.

Коркарди чунин муаллифон, амсоли Т.Фаррер, Г.Адамс, К.Маркс, Р.Эли, А.Кан ҷолиби диқатанд. Масалан, Томас Фаррер барои мавҷудияти инҳисори табиӣ вуҷуд доштани панҷ аломатро ҳатми мешуморад: соҳа маҳсулот ё хизматрасонии муҳимро бояд гузорад; истеҳсолот бояд дуруст ҷойгир карда шавад; маҳсулот набояд нигоҳ дошта шавад; истеҳсолот бояд ба сарфакории баланд тавсиф ёбад; таъмини маҳсулот бояд ба тартиботи беҳтарини муайяншуда ҷавобгу бошад ва он аз тарафи як молгузоранда таъмин карда шавад.

Г. Адамс яке аз аввалинҳо шуда, танзими бевоситаи инҳисори табииро пешниҳод намуд ва он чун воситаи татбиқи афзалиятҳои истеҳсолоти калони як ширкат ва ҳамзамон чун ҳифзи истеъмолкунандагон аз суиистифода аз инҳисор баррасӣ мегардид.

Дар дарки шароитҳои зуҳуроти инҳисори табиӣ аҳамияти таҳлили рақобати вайронкунанда аз аҳамияти сарфакории калон камтар нест. Ба қувваи вайронкунандаи рақобат К.Маркс низ диққат дода буд: «Рақобат ба миқдор роста мутаносиб ва ба бузургии сармояҳои рақобаткунанда чаппа мутаносиб аст. Онҳо ҳамеша бо фавти аксари капиталистҳои хурд, ки сармояи онҳо қисман ба дасти ғолиб мегузорад, қисман мефавтад»[87]. Ба ақидаи К. Маркс табобати қатъии норасоиҳои рақобат дар бартарафсозии пурраи он ва ивази ташкили муратаби

[87] Маркс К. Капитал. Критика политической экономии. – М: «Политиздат», 1969. Т. 1. С. 640.

истеҳсолоти ҷамъиятӣ ифода меёфт. Ӯ ҳамагӣ се намуди асосии инҳисорро ҷудо карда буд: табиӣ, тасодуфӣ ва аз худи истеҳсоли инҳисорӣ сарчашмагиранда[88].

Ба ақидаи иқтисодчиён, рақобати вайронкунанда метавонад чун омиле, ки ба инҳисори табиӣ мебарад, баррасӣ гардад. Ба андешаи онҳо ба инҳисори табиӣ ҳолатҳое мансуб буда метавонанд, ки вижагиҳои рафънопазири рақобатро доро мебошанд. Ҳамзамон, инҳисор ва рақобат муқобили ҳамдигар баррасӣ карда мешаванд; «Инҳисор мухолифи бевоситаи рақобати озод мебошад...»[89]. Тақрибан дар ҳамон истилоҳотҳо (пасткунандаҳои хароҷотҳои миёна ва рақобати вайронкунанда) А.Кан инҳисори табииро баррасӣ кардааст.

Ҳамин тариқ, ақидаҳо оид ба табиати иқтисодии инҳисори табиӣ дар ҳолати дигаргуншавии мунтазам қарор дорад.

Дар солҳои 60–уми асри XX бо кӯшиши аксари иқтисодчиён таърифоти инҳисори табиӣ коркард гардид. Тибқи он, ба инҳисори табиӣ соҳае мансуб аст, ки дар он харҷи истеҳсолот кам мегардад, агар тамоми маҳсулотро танҳо як ширкат истеҳсол кунад ва харҷи истеҳсолот зиёд мешавад, агар ҳамон ҳаҷми маҳсулот байни ду ва зиёда ширкат тақсим гардад. Ҳамин тариқ, ҳангоми муайян намудани моҳияти инҳисори табиӣ сарфакорӣ аз миқёси истеҳсолот дар мадди аввал гузошта шуд.

Аммо солҳои 70–80–уми асри XX ақидаҳо дар бораи он ки инҳисори табиӣ чиро дар бар мегирад, бо шарофати осори Уилям Д, Баумол[90], Харолд Демсентц[91], Ҷорҷ Ҷ. Стиглер[92], Оливер И.Уилямсон[93] тағйир ёфтаанд. Дар назарияи иқтисодии муосир таърифи инҳисори табиӣ, ки на консепсияи сарфа аз миқёси истеҳсолот, балки ба консепсияи харҷи субаддитивӣ асос меёбад, дурусттар ҳисоб меёбад. Сухан дар бораи он меравад, ки самара аз миқёс амалан дар дилхоҳ истеҳсолот

---

[88] Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т. 25, Ч. 1. С. 215.
[89] Ленин В.И. Поли. собр. соч., 5–е изд. Т.27. С. 385.
[90] Баумоль У. Экономическая теория и исследование операций. – М., 1965. Баумоль Дж. У., Квандт Р.Э. Эмпирические методы и оптимально несовершенные решения / Вехи экономической мысли.– СПб.: «Экономическая школа», 1999. Т. 2. С.448–476.
[91] Demsetz H. Why Regulate Utilities?// 11 Journal of Law and Economics, 1978. P. 55–58.
[92] Стиглер Дж. Дж. Теория олигополии/ Вехи экономической мысли. – СПб.: «Экономическая школа», 1999. Т. 2. С. 371–401.
[93] Уильямсон О.И. Экономические институты капитализма. Фирмы, рынки, «отношенческая контрактация». – СПб., 1996. Уильямсон О.И. Вертикальная организация производства: школа», 1999. Т. 2. С. 33–53. Уильямсон О. Логика экономической организации/ Природа фирмы. – М.: «Дело», 2001. С. 135–174.

ҷой дорад. Субаддитивӣ маънои онро дорад, ки як ширкат метавонад бозори муайянро нисбат ба ду ва ё зиёда ширкат бо харҷи камтарин хизмат расонад. Ҳамзамон, самараи миқёс дар дилхоҳ ҳаҷми истеҳсолот нигоҳ дошта мешавад.

Таҳлили таърихии осори иқтисодӣ, ки инҳисори табиӣ бахшида шудаанд, ба О.А. Григорев имкон дод, ки якчанд муносибатро ба таърифи ин мафҳум ҷудо кунад:

1. Чун мухолифат ба инҳисори сунъӣ (иҷозатдодашуда). Ин мафҳум аз тарафи Ҷ.Милл чун инҳисоре ҷорӣ шудааст, ки ба кӯшишҳои давлат ягон муносибате надорад.

2. Муайянкунии инҳисори табиӣ тавассути самараи баланди миқёси истеҳсолот. Ин тафсир барои назарияи иқтисодиёт анъанавӣ мебошад. Назарияи инҳисори табиӣ ба ин маънӣ тақрибан аз солҳои сиюми асри ХХ ба рушд ёфтан оғоз намуд.

3. Муайянкунии инҳисори табиӣ, ки ба харҷи субаддитивнокӣ асос меёбад. Ин маънои онро дорад, ки истеҳсоли маҳсулотҳои гуногун аз ҷониби як ширкат нисбат ба истеҳсоли онҳо аз тарафи ду ва зиёда ширкат дар алоҳидагӣ арзонтар аст. Ба ақидаи ӯ, аз рӯи ин асос гуфтан мумкин аст, ки инҳисори табиӣ зуҳуроти иқтисодӣ–ҳуқуқиро муаррифӣ мекунад, ки он чун анъана объекти таъсиррасонии давлат мебошад. Вижагиҳои асосии он дар мазмуни иқтисодӣ зоҳир меёбад ва ба он шакли ҳуқуқӣ дода мешавад. Ҳарду тарафи зуҳурот–иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолати таъсиррасонии мунтазам ба ҳамдигар қарор доранд. Бинобар ин, омӯзиши масъалаҳои танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ баррасии муқарраркунандаҳои иқтисодии онҳоро менамояд.Тадқиқоти ҳуқуқии пурарзиши дар ин мавзӯъ бе назардошти маълумотҳои назария ва амалияи иқтисодӣ имкон надорад. Дар навбати худ илми иқтисодӣ низ ба шаклҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба инҳисороти табиӣ ҳассос аст.

Қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ самтҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи инҳисороти табиӣ инъикос мекунанд, ҳудудҳоро барои сохтори фарзияҳои иқтисодӣ муайян менамоянд. Аз ин барои мазмуни асарҳои олимони иқтисоддон, ки дар тадқиқоти мо оварда шудаанд, шаҳодат медиҳанд. Бинобар ин, вазифаи

аввалиндарачаи танзими инҳисороти табиӣ дар мувофиқатии комил ва ғайриихтилофии дохилӣ байни шакли ҳуқуқӣ ва мазмуни иқтисодӣ ифода меёбад. Илми ҳуқуқӣ дар сохторҳои худ, дар навбати аввал ба хулосаҳои иқтисодӣ бояд асос ёбад. Дар акси ҳол дилхоҳ сохторҳои пешниҳодшуда бепоя, қалбакӣ ва дур аз талаботҳои воқеӣ мегардад[94].

Инҳисори табиӣ ҳолати бозори молҳо буда, дар он қонеъгардонии талабот дар ин бозор ҳангоми набудани рақобат бинобар вижагиҳои технологии истеҳсолот самараноктар аст. Молҳое, ки онҳоро субъектҳои инҳисори табиӣ истеҳсол мекунанд, дар истеъмол бо дигар молҳо иваз карда намешаванд, бинобар ин талабот ба ин бозори молҳо ба молҳое, ки субъектҳои инҳисори табиӣ истеҳсол мекунанд, аз тағйири нархҳо ба ин мол, назар ба талабот ба дигар намуди молҳо камтар вобастаги дорад[95].

Бозори инҳисории ҶТ-ро ба бозор бо сатҳи баланд ва пасти талабот ҷудо кардан мумкин аст. Бо болоравии сатҳи ҳайёти аҳолӣ соҳаи бозор бо сатҳи пасти талабот ихтисор мегардад. Ин маънои онро дорад, ки инҳисорчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон харидори худро гум мекунанду дар натиҷаи он корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ истеҳсолкунандаи ягонаи намуди муайяни мол мебошанд ва ҳамзамон дар бозор ҳукм дошта наметавонанд[96].

Ба андешаи И.С. Муллобоев аломатҳои асосии инҳисори табиӣ инҳоянд: а) фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ ҳангоми мавҷудияти рақобат самараноктар аст ва бо сарфаи ҷиддӣ дар миқёси истеҳсолот ва хароҷотҳои баланди шартӣ ва мунтазам алоқа дорад; б) монеаҳои калони воридшавӣ ба бозор, зеро ки хароҷотҳои ба қайд гирифташудаи бо сохтмони НБО–ҳои калон алоқаманд чандон калонанд, ки ташкили системаи мувозии ҳамон вазифаҳоро иҷрокунанда натиҷаи хуб намедиҳанд; в) мавзунияти пасти талабот, зеро ки талабот ба қувваи барқ, назар ба талабот ба дигар намудҳои маҳсулотҳо (хизматрасониҳо) аз тағйирёбии нархҳо камтар вобастаанд, чунки онҳоро бо

---

[94] Ниг.: Григорьева О.А. Правовое регулирование естественный монополий: Дис. ... канд. юрид. наук. Екатеринбург, 2003. С.17–18.

[95] Кузнецов Б. Т. // Макроэкономика: учебное пособие — Москва: Юнити–Дана, 2012. С.98.

[96] Рахимов А.М. Конкурентоспособность национальной экономики и основные направления ее повышения: На примере Республики Таджикистан. Диссертация на соискание ученой степени доктор экономических наук. Худжанд, 2005. С.309.

дигар молҳо иваз кардан имконпазир мегардад; г) хусусияти маҷмуии бозор, яъне мавҷудияти низоми мукаммали дар масоҳати шабакаҳо кашидашуда, ки тавассути онҳо таъмин бо барқ амалӣ мегардад, инчунин мавҷудияти шабакаи муташаккил, ки барои он идоракунӣ ва назорат аз маркази ягона дар миқёси воқеии замонӣ заруранд[97].

Ба андешаи мо мафҳуми ҳуқуқии инҳисори табиӣ аз мафҳуми иқтисодӣ он бармеояд ва ҳато ба он асос меёбад. Сохтори ҳуқуқии инҳисори табиӣ бе назардошти вижагиҳои иқтисодӣ ғайриимкон аст. Дар ин ҳолат дар бораи масъалаи умумии таносуби иқтисодиёт ва ҳуқуқ сухан рондан бамаврид мебошад.

Ба андешаи олимони ватанӣ таносуби иқтисод ва ҳуқуқ дар оқибатҳои иҷтимоӣ, намудҳои низоми идоракунӣ ва ҳадди мудохилаи давлатию ҳуқуқӣ дар иқтисод зоҳир мегардад:

1. Оқибатҳои иҷтимоии таносуби иқтисод ва ҳуқуқ: а) мусбат: ҳуқуқ ба инкишофи иқтисод ҳамон вақт мусои-дат мекунад, ки вай ба самти инкишофи ҷамъият мувофиқ бошад; б) манфӣ: ҳуқуқ инкишофи иқтисодро ҳамон вақт бозме-дорад, ки агар он ба қонуни инкишофи ҷамъиятии воқеии иқтисод мухолифат кунад.

2. Намудҳои низоми идоракунии иқтисод: а) фармоишию маъмурӣ – танзими давлатию ҳуқуқии иқтисод; б) бозорӣ – худтанзимкунии фавқулода; в) омехта (қонунҳои бозорро бо танзими боақлонаи давлатии иқтисод якҷоя мекунад).

3. Ҳадди мудохилаи давлатию ҳуқуқӣ ба иқтисод: а) мақсад, вазифа ва ғояи муносибатҳои иқтисодиро қонунан муайян мекунад; б) ҳама шаклҳои моликиятро қонунан муқаррар карда кафолат медиҳад; в) тартиби қонунии баррасии баҳсҳои иқтисодӣ, гражданӣ ва дигарҳоро муайян мекунад; г) монополия, рақобатҳои бевиҷдононаро манъ мекунад; д) ҷавобгариро барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи иқтисод муқаррар мекунад[98].

Ба андешаи Ф.М. Нодиров иқтисодиёт ва ҳуқуқ таносуби бевосита доранд, чунки фаъолияти мӯътадили иқтисодиётро бидуни ҳуқуқи мутаммадин тасавур

---

[97] Муллобоев И.С. Рыночная трансформация энергетического сектора национальной экономики Республики Таджикистан. Диссертация на соискание кандидат экономических наук. Худжанд, 2000. С.145.
[98] Сангинов Д.Ш., Мирзозода П.З., Муминзода Н.И. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. - Душанбе, 2019. – С. 20.

кардан мумкин нест. Вобаста ба зиннаҳои тараққиёти давлатдорӣ таносуби иқтисодиёт ва ҳуқуқ дар шаклҳои гуногун зоҳир меёбад. Умуман ҳуқуқ ифодакунандаи муносибатҳои иқтисодӣ буда, онҳоро дар меъёрҳои худ мустаҳкам менамояд ва барои ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоии онҳо мусоидат менамояд[99].

Мо тарафдори он мебошем, ки: "Таносуби иқтисодиёт ва ҳуқуқ атрофии як масъалаи муҳим – моликият сурат мегирад. Интихоби ин ва ё он шакли моликият, реҷаи ҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият, бартарии намудҳои алоҳидаи моликият таносуби иқтисодиёт ва ҳуқуқро муайян мекунад. Албатта, масъалаи моликият – масъалаи асосии тамаддуни инсонӣ буда, дар ҳамаи давру замон ва дар ҳамаи мамлакатҳои олам новобаста аз сохти давлатдориашон мавриди таваҷҷӯҳи сиёсатмадорону иқтисоддонҳо, олимону муҳаққиқон, файласуфу, сотсиологҳо ва ҳуқуқшиносон буд ва мебошад. Тавассути моликият сохти иқтисодии ин ё он давлат муайян карда мешавад"[100].

Саҳеҳият ва коркарди илмии таърифоти асосӣ–таърифоти мафҳуми инҳисори табиӣ аҳамияти пурарзиши амалӣ дорад, зеро ки ба он тамоми қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ, ки дар мувофиқат бо онҳо санадҳои истифодаи ҳуқуқ қабул мешаванд, асос меёбад. Якмаъноӣ ва дурустии истилоҳ ба таҷрибаи пайдошавандаи мақомотҳоро танзимкунанда, инчунин ба мақомоти судӣ таъсир мерасонад.

Тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ дар соҳаи инҳисори табиӣ давлат назоратро аз болои амалҳо бо иштирок ва ё нисбати субъектҳои инҳисори табиӣ иҷро мегардад ва дар натиҷаи он маҳдудкунии манфиатҳои истеъмолкунандагон ҷой дошта метавонад, ба роҳ мемонад. Масалан, ин назорат аз болои маблағгузории субъекти инҳисори табиӣ ба истеҳсоли молҳо (корҳо,

---

[99] Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. – Душанбе, 2007. С. 20.

[100] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ. - Душанбе, 2006. - С.41-42.

хизматрасониҳо) дар соҳаи инҳисори табиӣ, инчунин аз болои азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъекти инҳисори табиӣ амали мегардад[101].

Маҳсулотҳои субъекҳои инҳисори табиӣ талаботҳои муҳимтарини ҷамъиятро қонеъ мегардонад ва ҳамзамон ивазнашаванда мебошад. Мол (кор ё хизматрасонӣ), ки дар шароити инҳисори табиӣ коркард мегардад, манфиати иқтисодӣ, ҳамзамон манфиати иқтисодии аҳамияти иҷтимоидошта мебошад. Барои мисол таъмин бо барқ, газ ва ё нафт, хизматрасониҳои нақлиёти роҳи оҳан ё хизматрасониҳои алоқаро пешкаш менамоем. Бе онҳо мавҷудияти ҷомеаи муосирро тасаввур кардан номумкин аст. Онҳо асоси кори иқтисодиёт ва таъмини ҳаёт мебошанд. Маҳсулоти дар шароити инҳисори табиӣ истеҳсолшаванда ба захираҳои намуди стратегӣ мансуб аст. Маҳсулоти инҳисори табиӣ ба сифати захира, ашёе, ки барои фаъолият ва рушди қариб ҳамаи соҳаҳои хоҷагидорӣ зарур аст. Ба ин маънӣ самаранокии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ ба вазъи иқтисодиёти миллӣ ва амнияти давлат таъсири бевосита мерасонад.

Гуфтаҳои боло ба нишон додани боз як аломати сифатии инҳисори табиӣ,ки дар шароити он неъматҳои иқтисодии истифодаи иҷтимоӣ (молҳои истеъмоли оммавӣ) истеҳсол[102] мегардад,и мкон медиҳад. Оқибати ҳуқуқии он кафолати қонунан мустаҳкамшудаи дастрасии баробар–ҳуқуқи баробари ҳама ба молҳои субъектҳои инҳисори табиӣ мебошад. Аз ҷумла, меъёри моддаи 458 КГ ҶТ[103] дар назар дошта мешавад, ки сохтори шартномаи оммавиро мустаҳкам ва уҳдадориҳои соҳибкорро дар бастани шартнома бо дилхоҳ шахси мурочиаткарда бо мавҷудияти имконият барои он муқаррар мекунад. Илова бар ин, ба сифати далелҳо меъёрҳои қисми дуюми КГ ҶТ[104], ки намудҳои алоҳидаи шартномаҳо чун таъмин бо барқ ва

---

[101] Абдуллаев Т.К. Правовое регулирование монополистической деятельности в энергетике Республики Таджикистан. Энергетическое право, 2009, №2// http://www.center–bereg.ru/k1579.html. (санаи мурочиат: 12.11.2017 с.).

[102] Айдарова Н.А. Государственное регулирование естественных монополий в условиях трансформации российской экономики. Автореф. дис. ... канд. экон. наук. Челябинск, 2000. С.13.

[103] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми I) аз 30 июни соли 1999, № 802// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; Қонунҳои ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334; аз 02.01.2019 с., № 1557.

[104] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми дуюм) аз 11 декабри соли 1999, №884 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, мод. 323; соли 2002, № 4, қисми 1, мод. 170; соли 2006, №4, мод. 194; соли 2009, №12, мод. 821; с. 2010, №7, мод. 540; Қонунҳои ҶТ аз 03.07.2012 с., №849; аз 22.07.2013 с. №977; аз 02.01.2019 с., № 1558.

дигаронро ба танзим медароранд, метавонанд истифода гарданд. Қонунгузории махсус дар бораи соҳаҳои инҳисори табиӣ низ принсипи дастрасии баробарро мустаҳкам менамояд.

Дар қонунгузорӣ ва назарияи ҳуқуқӣ якчанд муносибатҳои муайянкунии инҳисори табииро ҷудо мекунанд: якум дар кушода додани мазмуни инҳисори табиӣ тавассути категорияи умумии инҳисор ифода меёбад; муносибати дуюм ба дарки инҳисори табиӣ аз нуқтаи назари категория «ташкилот» анҷом мегардад; дар доираи муносибати сеюм инҳисори табиӣ чун намуди фаъолияти хоҷагидорӣ муайян карда мешавад; муносибати чорум дарки инҳисори табииро чун бозори мол дар назар дорад, ки дар он танҳо як субъекти хоҷагидорӣ–гузориши молҳо(хизматрасониҳо) амал мекунад; муносибати панҷум ба дарки қонунии инҳисори табиӣ чун вазъи бозори молӣ асос меёбад; муносибати шашум дарки инҳисори табииро чун соҳаи иқтисодиёт дар бар мегирад[105].

Ба назари мо, гуногунии тафсири истилоҳи «инҳисори табиӣ» бо мазмуни мураккаб ва гуногунтарафаи ин мафҳум алоқаманд аст. Ин асосан бо гуногунии категорияи умумитари «инҳисор» муайян мегардад. Инҳисор аз рӯи моҳияти худ ҳодисаи серпаҳлӯст, бинобар ин тасвимеро ёфтан мушкил аст, ки ҳама тарафҳои онро дар бар гирад.

Мувофиқи моддаи 4–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисори табиӣ» аз 5–уми марти соли 2007, №235[106] инҳисори табиӣ – ҳолати бозори мол (кор, хизматрасонӣ), ки ҳангоми он ташкил кардани шароити рақобатнок барои қонеъ гардондани талабот ва намудҳои муайяни молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ғайриимкон аст ё ин амал бо назардошти хусусиятҳои хоси технологии истеҳсолот (бинобар хеле кам шудани хароҷот ба воҳиди мол вобаста ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот) аз нигоҳи иқтисодӣ матлуб намебошад. Инҳисори табиӣ чун намуди махсуси инҳисорҳо муаррифӣ мегардад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, инҳисори табиӣ дар ягон субъекти хоҷагидорӣ доштани ҳуқуқи махсусро ба амалигардонии намуди муайяни фаъолият дар қаламрави муайян дар назар дорад.

---

[105] Григорьева О.А. Правовое регулирование естественный монополий: Дис. ... канд. юрид. наук. Екатеринбург, 2003. С. 23.
[106] Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2007 год, №3, ст.168; 2008 год, №10, ст.814, ЗРТ от 28.12.2013г. №1055.

Ҳамзамон, асос барои гирифтани ҳуқуқ муҳим мебошад. Чунин ҳуқуқи махсус дар асоси заминаҳои махсуси иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ қарор мегирад.Заминаҳои иқтисодӣ дар мавҷудияти аломатҳои инҳисори табиие, ки мо номбар кардем, ифода меёбанд. Заминаи ҳуқуқӣ бошад,аз тарафи давлат эътироф гаштани ин ё он соҳаи фаъолият ба сифати инҳисори табиӣ ҳисоб меёбад. Шахсе, ки чунин ҳуқукро дорад, на инҳисори табиӣ, балки субъекти инҳисори табиӣ мебошад. Мутаносибан, таърифи мавҷудаи қонунии инҳисори табиӣ чун ҳолати бозори мол ба таҷдид ва такмил бо мақсади аниққунии мазмуни ҳуқуқии он эҳтиёҷ дорад.Таърифи мафҳуми «инҳисори табиӣ» тавассути ҳуқуқи махсус дар умум бо тафсири истилоҳи «инҳисор» мувофиқат мекунад. Бо назардошти таносуби ин ду зуҳурот аз рӯи нақшаи «умумӣ–хусусӣ» дар чунин алоқа баррасӣ намудани мафҳумҳо дар бораи ин зуҳурот мувофиқи мақсад аст.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода мақсади сиёсати зиддиинҳисории давлат аз байн бурдани сохторҳои инҳисории ба механизми бозорой таъсири харобиовар расонанда ва онро ба манфиати худ истифодабаранда мебошад. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ ҷараёни инҳисорикунонӣ ва ҷамъкунии сармояро маҳдуд намекунад, балки танҳо ба баъзе шаклҳои ба ҳамин ҷараён вобастабуда таъсир мерасонад[107].

Ба андешаи Ф.М. Нодиров истилоҳи инҳисор дар адабиёти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрӣ барои тавсифи чунин ҳолатҳо истифода мешавад:

– мавқеи ҳукмфармоии субъекти соҳибкорӣ дар бозор;

– ваколатҳои махсуси (имтиёз, ҳуқуқ) субъектҳои соҳибкорӣ барои ба амал баровардани ин ё он намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар бозор.

Новобаста аз тавсифҳои гуногуни инҳисор– моҳияти он дар ҳолати истисноии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ифода шуда, ба ӯ имконият медиҳад, ки ба шартҳои умумии муомилоти мол (кор, хизмат) дар бозори муайян таъсири ҳалкунанда расонад[108].

---

[107] Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Душанбе, МН "Дониш"–2019. - С. 352.

[108] Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. Қисми 1. Душанбе: "ЭР–граф", 2019. - С. 425.

Субъекти инҳисори табиӣ, субъекти хоҷагидорӣ (шахси ҳуқуқӣ) буда бо истеҳсол (фурӯш)–и молҳо, иҷрои корҳо ва ё хизматрасониҳо ба истеъмолкунандагон дар шароити инҳисори табиӣ шуғл меварзад. Субъекти инҳисори табиӣ дар соҳаи манъи умумӣ, ки аз тарафи давлат муқаррар мегардад, ҳуқуқи махсусро дорост. Манъи муносибати манфии давлатро ба инҳисорот дар умум ва самти сиёсати давлат дар нигоҳдорӣ ва рушди рақобат чун мухолифи инҳисор ифода мекунад. Ҳамзамон, ҳуқуқи махсус аз тарафи худи давлат пешниҳоду қонунӣ мегардад. Чунин хулоса бо маълумотҳои ҳуқуқи мусбӣ тасдиқ карда мешавад.Чунончӣ, қисми 3 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисори табиӣ» муқаррар мекунад, ки амали Қонуни мазкур ба соҳибкорони инфироди ва шахсони ҳуқуқие паҳн мегардад, ки дар соҳаи инҳисори табиӣ танҳо бо сохтану ба истифода додани объектҳои барои эҳтиёҷоти шахсӣ таъиншуда алоқамандбуда фаъолият доранд[109].

Аз ин муқаррарот бармеояд, ки ҳуқуқи субъекти инҳисори табиӣ хусусияти мутлақ дорад. Мутлақият дар он ифода меёбад, ки ҳамаи субъектҳои боқимондаи хоҷагидорӣ ҳамон намуди фаъолиятро дар доираи ҳамон бозор амалӣ гардонида наметавонанд. Бо ин маънӣ инҳисори табиӣ чун инҳисори пӯшида, яъне инҳисоре,ки аз рақобат бо кӯмаки манъу маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ҳифз мегардад,тасниф шуда метавонад. Аммо бояд дар назар дошт, ки чунин манъҳо хусусиятҳои маҳдудкунандаро надоранд, зеро ки Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисори табиӣ» норавоии бунёди монеаҳоро барои гузариши инҳисори табиӣ ба ҳолати рақобат муқаррар мекунад.

Шароити истеҳсолот, ки дар он маҳсулоти инҳисори табиӣ ба вуҷуд меояд ва аҳамиятнокии худи маҳсулот барои ҷомеа заминаҳои мавҷудияти чунин ҳуқуқи махсус мебошад. Ба сифати қазияи асосии иқтисодӣ сарфакориро дар миқёси истеҳсолот ном бурдан мумкин аст. Ин маънои онро дорад, ки дар ин давраи рушди ҷомеаи истеҳсоли ин ё он маҳсулот ҳангоми номавҷудияти рақобатнокӣ самараноктар мебошад. Барои эътирофи соҳаи хоҷагидории инҳисори табиӣ ба ҳисоб гирифтани сатҳи рушди муносибатҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ, аз ҷумла дар

[109] Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2007 год, №3, ст.168; 2008 год, №10, ст.814, ЗРТ от 28.12.2013г. №1055.

саноат, инфрасохтори иҷтимоӣ, илм ва техника зарур аст. Сухан дар бораи он меравад,ки ҳамон як соҳа дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва дар мамлакатҳои гуногун чун инҳисори табиӣ ё эътироф мегардад ё эътироф намегардад.

Номбаркунии соҳаҳои фаъолияте, ки дар онҳо мавҷудияти инҳисори табиӣ эътироф мешавад, танҳо дар санади меъёрии қувваи олии ҳуқуқӣ–қонун–бояд ҷой дошта бошад. Ин чунин фаҳмида мешавад, ки фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ бо баъзе маҳдудиятҳои қобили ҳуқуқ будани онҳо, аз як тараф ва ба онҳо додани як қатор имтиёзҳо, аз тарафи дигар, вобастагӣ дорад.Чунончӣ,озодии фаъолияти иқтисодӣ нисбати субъектҳои инҳисори табиӣ амали худро истисно месозад. Шартномаҳое, ки байни истеъмолкунандагон ва субъектҳои инҳисори табиӣ барои охирин ҳатмист ва хусусияти оммавӣ дорад. Як қатор шартҳои чунин шартномаҳо ба таври қатъӣ муқаррар гардидаанд. Ин, албата, ҳуқуқҳои граждании субъектҳои инҳисори табииро маҳдуд месозад. Аз тарафи дигар, чунин субъектҳо дар шароити номавҷудияти пурраи рақобатнокӣ амал мекунанд.Чунин вазъият қонунӣ мегардаду натиҷаи фаъолияти худи инҳисори табиӣ намебошад. Ҳамаи ин ба хулосае меорад, ки тартиби ҳуқуқии инҳисори табиӣ фавқулодда мебошаду барпо кардани он намуди гуногуни танзими давлатии иқтисодиро дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, фавқулоддагӣ баровардани соҳаҳои алоҳидаи хоҷагидориро аз зери таъсири механизмҳои сирф рақобатпазири бозори худтанзимкунӣ дар назар дорад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ фавқулоддагӣ, аз як тараф, ба субъекти хоҷагидорӣ додани ҳуқуқ ба амалигардонии фаъолияти ягона дар ҳудуди бозори молӣ ва аз тарафи дигар, дар маҳдудияти асосноки амали озодии фаъолияти иқтисодӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои оммавӣ бо роҳи танзими давлатӣ ифода меёбад. Мустаҳкамкунии тартиботи мувофиқи инҳисори табиӣ ворид намудани қоидаҳои махсуси фавқулоддагиро ба соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт дар назар дорад, ки он бе асосҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ имконнопазир аст.

Асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои мустаҳкамсозӣ ва истифодабарӣ аз тартиботи ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар санад, Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисори табиӣ» бо назардошти вазифаҳои маҳдудкунандагии ин институт ба қайд гирифта

мешаванд. Бинобар ин, ба андешаи мо дар бораи мавҷудияти тартиби ҳуқуқии мустасно нисбати субъектҳои инҳисори табиӣ сухан рондан мумкин аст. Принсипҳои асосгузорорандаи ҳуқуқӣ, ки дар Канститутсияи ҶТ ва қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла озодии фаъолияти иқтисодӣ ва алалхусус, соҳибкорӣ, озодии шартнома (аз ҷумла,озодӣ дар бастан ва муайян кардани шартҳои он),озодии нархгузорӣ дар вазъияти зарурияти умумӣ нисбати субъектҳои инҳисорӣ мустасност.Ҳамин тариқ,таввасути хоссагиҳо ва аҳамиятнокии соҳаҳои инҳисори табиӣ мунқасир шуда,қонун амалан барои фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ тартиби ҳуқуқии мустасноро ҷорӣ менамояд. Ҳамзамон,ҳамаи маҳдудиятҳои субъектнокии ҳуқуқии инҳисорчиёни табиӣ танҳо бо зарурияти ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ муқуррар карда шудаанд. Дар ин ҳолат барои фаъолияти баъзе субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият бо мақсади таъмини озодии бозор ва самарнокии кори ҳамаи дигарҳо ҳудудгузорӣ мекунад. Инҳисори умумиро дар умум чун падидае тавсиф намуда, қайд кардани фикри зерин зарур аст. Аз рӯи мазмуни худ ин падидаи иқтисодист, чун,ки бо вижагиҳои истеҳсолот, тақсимот,мубодила, истеъмоли молҳо, хизматрасониҳо муайян мегардад. Ҳамзамон ин бинобар мустаҳкамшавии он дар ҳуқуқи мусбӣ, на беэътиноӣ барои танзими ҳуқуқӣ ҳамчунин падидаи ҳуқуқӣ низ мебошад.

Бояд қайд кард, ки инҳисори табиӣ шаклан падидаи мукаммали ҳуқуқӣ ва мазмунан падидаи иқтисодӣ ҳисоб меёбад. Аз ин лиҳоз тадқиқи тарафҳои гуногуни ин падида хело зарур аст. Ба ҳамин монанд Н.И. Клейн муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ҳуқуқ ба танзим даровардааст, тавсиф кардааст. Ба андешаи вай: «Муносибатҳои ҷамъиятие, ки онҳоро ҳуқуқ ба танзим даровардааст, падидаи мукаммал буда, дар он муносибатҳои иқтисодӣ (алоқаҳои хоҷагидорӣ) ва шакли ҳуқуқии онҳо (алоқаҳои шартномавӣ) алоқаҳои ногусастани доранд. Ин ҷо на дар бораи маҷмӯаи муносибатҳои гуногун,балки дар бораи тарафҳои гуногуни муносибати ягонаи ҷамъиятӣ гуфтан ҷоиз аст»[110].

Баррасии масъала дар бораи мафҳуми инҳисори табиӣ дар навбат проблемаи тафсили соҳаҳои фаъолияти субъектҳои инҳисори табииро мегузарад.

[110] Клейн Н.И. Организация договорно–хозяйственных связей. – М.; Юрид. лит., 1976. С. 11.

Соҳаҳои фаъолияти субъектҳои инҳисорҳои табииро моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисорҳои табиӣ» аз 5 марти соли 2007 №325[111] муайян кардааст. Ба онҳо, аз ҷумла, инҳо мансубанд: хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ; хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, харид ва интиқоли гази табиҳ тавассути кубурҳои магистралӣ ва (ё) тақсимкунанда, истифодаи дастгоҳҳои газтақсимкуканда ва қубурҳои газгузарони ба онҳо вобаста; хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, иктиқол ва (ё) тақсими нерӯи барқ ва (ё) гармӣ; хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан; хизматрасонии терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва азронавигатсия; хизматрасонии алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ; хизматрасонии хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия; хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ.

Асоси иқтисодии ҷудокунии соҳаҳои ишорашуда метавонад мавриди интиқод қарор гирад. Ба ин маъсала бояд диққат дода шавад. Дар муносибати мавҷуда ҷавоб ба суоле, ки ба инҳисори табиӣ чӣ мансуб аст, бо натиҷаи баробаркунии «бедалел», ки дар муайян кардани соҳаҳои фаъолияти дахолати бевоситаи давлат талабкунанда ифода меёбад, ҳал гаштааст. Мувофиқи ин ҳалли масоили идоракунии давлатӣ, истифодаи усулҳои махсуси танзим ва назорат, воридсозӣ ба феҳрист, ҳалли вижагиҳои муфлисшавии субъектҳои инҳисори табиӣ бо натиҷаҳои чунин баробаркунӣ қаблан муайян карда шудааст.

Барои эътирофи ин ё он намуди фаъолият ба сифати соҳаи инҳисори табиӣ заруранд: шароити объективии иқтисодӣ, ки дар он мавҷудият ва рушди рақобат дар ин соҳаи бозор номумкин ё бесамар аст; мавҷудияти иридаи расман ифодаёфта ва қонунан мустаҳкамшудаи давлат, ки мавҷудияти бозори инҳисори табииро дар ин соҳаи бозор эътироф менамояд. Қисми таркибии дуюм назар ба якум камаҳмият нест, зеро ки бе ишора ба ҳуқуқи мусбӣ ба хусусияти инҳисори табиии намуди мушаххаси фаъолият механизми танзим нисбати он истифода

---

[111] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.168; с.2008, №10, мод.814; с.2013, №12, мод.899; с.2015, №11, мод.977.

намегардад. Бояд қайд кард, ки мансубияти ин ё он соҳа ба инҳисори табиӣ аксаран мусбӣ мебошад. Чӣ тавре, ки дар боло ишора гардид,яке аз аломатҳои асосии инҳисори табиӣ мавҷудияти сарфакорӣ дар миқёсҳои истеҳсолот ҳисоб меёбад. Чунин сарфакорӣ аксаран бо вижагиҳои технологияи истеҳсоли маҳсулот алоқаманд аст. Аммо, маълум аст,ки дилхоҳ технология дар робита ба рушди илм, техника, навгониҳо, кашфҳои гуногун, кашфи қонуниятҳои пештар номаълум тағийр пазир ҳисоб меёбад. Дар натиҷа, технология метавонад хусусияти фавқулоддагиро гум кунаду инҳисори ба он асосёфта мақоми табииро гум мекунад. Дар аксари мамлакатҳо чунин ҳолат бо алоқаи телфонӣ, чароғон кардани кӯчаҳо ва ғайра рух дода буд. Дар адабиёти иқтисодӣ ин хусусияти инҳисори табиӣ чун як вареабеляти ҳудудҳои он фаҳмида мешавад[112]. Бинобар ин ҳақ бар ҷониби муаллифон аст, ки қайд кардаанд: «...дар таърифоти инҳисори табиӣ алоқаи замонӣ ба вазъи воқеии иқтисодӣ ва дар навбати аввал ба дараҷаи рушди пешрафти илмию техникӣ дар ин лаҳзаи замонӣ бояд ҳузур дошта бошад»[113]. Бинобар ин, қонунгузор бояд ба тағйиротҳои рӯхдода саривақт диққат дода, номгӯи намудҳои инҳисорҳои табиӣ фаъолиятро тасҳеҳ намояд. Зарурияти қабули санади ҳуқуқӣ,ки тартиби муайянкунии ҳолати бозори мол–инҳисори табиӣ ё рақобатнокӣ (рақобати имконпазир) ва мувофиқан истифодаи методҳои танзим ва назоратро ба танзим медарорад, аз тарафи мутахассисони мақомотҳои зиддиинҳисорӣ эътироф мегардад[114].

Соҳаҳои инҳисорҳои табиӣ муҳарриканд. Онҳо вобаста ба омилҳои табиӣ, талабот ба молҳо, вазъи бозор, рушди пешрафти илмӣ–техникӣ ва дигар сабабҳо баъзан васеъ ё танг мешаванд, баъзан барҳам мехӯранд. Мавҷудияти инҳисори табиӣ дар ин ё он соҳаи иқтисодиёт аксаран бо мазмуни сиёсати давлатӣ дар давраи мушаххаси таърихӣ муайян мегардад. Ин аз таъғйирёбӣ (ноустворӣ)–и номгӯи соҳаҳои инҳисорҳои табиӣ, ё ба ибораи иқтисодӣ, «Ҳудудҳои вариабелӣ»–

---

112 Окрепилова И.Г. Организационно–экономические основы антимонопольного регулирования в России. Дис. ... док. экон. наук. – СПб., 1999. С. 222.

113 Кузницын В.Б. Естественные монополии в условиях трансформационной экономики. Дис. ... канд. экон. наук. – М., 1999. С.50.

114 Материалы Межрегионального семинара ТУ МАП РФ «Роль и место территориальных управлений МАП России в регулировании естественных монополий в области транспорта и связи». – Екатеринбург, 2001. С. 43.

и инҳисори табиӣ шаҳодат медиҳад. Маҷмӯи мушаххаси намудҳои фаъолияти инҳисорҳои табиӣ аз ҳолати сифати иқтисодиёти ин ё он давлат вобастааст. Илова бар ин, дар марҳилаҳои гуногуни таърихии рушди системаи миллии иқтисодиёт намудҳои фаъолияте,ки чун инҳисорҳои табиӣ эътироф мешаванд, тағйир меёбанд.Бинобар ин, номгӯи мутлақи соҳаҳои инҳисори табиӣ умуман вуҷуд дошта наметавонад. Пас, ҳалли масъалаи мансуб донистани фаъолият ба соҳаи инҳисори табиӣ бояд танҳо дар асоси такмили ҷиддии қонунгузорӣ, ки дар шароити мушаххаси таърихӣ гузаронида мешавад, ҳал гардад. Дар робита бо ин бояд қайд кард, ки номгӯи соҳаҳои инҳисорҳои табиӣ дар ин ё он давлат дар муддати вақти муайян мушаххасу таърихан муайян карда мешавад. Аз ин таҳлили соҳаҳои инҳисори табиӣ маълум мегардад, ки айни ҳол объекти инҳисори табиӣ танҳо хизматрасонӣ аст.

Дар баробари ин таҳлили қонунгузории Иттиҳоди Иқтисодии Авруосиё низ шаҳодати ин гуфтаҳост. Мутобиқи қонунгузории давлатҳои ин иттиҳод соҳаҳои амали инҳисори табиӣ чунинанд: 1) интиқоли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ; 2) интиқоли газ тавассути қубур; 3) хизматрасониҳои истифодаи роҳи оҳан тавассути истифодаи инфрасохтори нақлиёти ҷамъиятии роҳи оҳан ва боркашонии нақлиёти роҳи оҳан; 4) хизматрасонӣ оид ба интиқол ва тақсими энергияи барқӣ ва гармӣ; 5) хизматрасонии терминалҳои нақлиётӣ, фурудгоҳҳо; 6) хизматрасонии алоқаи барқӣ ва почта; 7) хизматрасонии обтаъминкунии мутамарказ ва канализатсия; 8) хизматрасонии аэронавигатсионӣ[115].

Мушкилоти дигар он аст, ки соҳаҳои фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ, ки дар қонун зикр гардидаанд, аксаран тафсири иловагиро талаб мекунанд. Тафсир дар муқаррар намудани амалҳои мушаххас, ки ин ё он хизматрасонӣ ҳисоб меёбанд, заруранд. Қонун таърифоти умумиро дар бар мегирад вале онро мушаххас намесозад. Албатта, матни қонунро бо номгӯҳои сершумор гарон намудан маънӣ надорад. Норасоии асосии техникаи ҳуқуқӣ дар он аст, ки дар

[115] Москалевич Г.Н. Естественная монополия в Евразийском Экономическом Союзе: понятие, сущность, виды и сферы деятельности// Траектория науки. 2016. Т. 2. № 4 (9). С. 22.

Қонун меъёрҳои муқарраркунандаи салоҳияти ягон мақомоти давлатиро ба муайян намудани мазмун ва намудҳои гуногуни фаъолият дар бар намегирад.

Номгӯи мувофиқи соҳаҳои алоҳидаи инҳисори табиӣ мавҷуд аст. Масалан, хизматрасониҳо доир ба кашонидани нафт ва маҳсулотҳои нафтӣ тавассути қубургузаронҳои калон: 1) хизматрасониҳо доир ба кашонидани нафт,ки амалиётҳои зеринро дар бар мегиранд: кашида гирифтани нафт тавассути қубургузаронҳои калон; – иҷрои фармоиш ва ба танзимдарории гузариши нафт;– аз ҷое ба ҷое кашонидани нафт;–қабул,рехтани нафт ба системаи қубургузаронҳои калон;– рехтан ва кашидани нафт аз системаи қубургузаронҳои калон; 2) хизматрасониҳо доир ба кашонидани маҳсулотҳои нафти тавассути қубургузаронҳои калон, ки амалиётҳои зеринро дар бар мегиранд:–кашида гирифтани маҳсулотҳои нафтӣ тавассути қубургузаронҳои калон, аз ҷумла бурдан, ҷудокунӣ ва пайвасткунӣ;–иҷрои фармоиш ва ба танзимдарории гузориши маҳсулотҳои нафтӣ; аз ҷое ба ҷое кашонидани маҳсулотҳои нафтӣ;– рехтани маҳсулотҳои нафтӣ ба системаи қубургузаронҳои калон;–кашидани маҳсулоти нафтӣ аз системаи қубургузаронҳои калон. Хизматрасониҳо доир ба кашонидан тавассути роҳи оҳан: кашонидани борҳо; кашонидани мусофирон ба роҳи дур; корҳои боркунӣ ва борфарорӣ; кашонидани почта; кашонидани бағоч ва борбағоч; хизматрасониҳо доир ба таъмини кашониданҳо. Хизматрасониҳои терминалҳои нақлиётӣ, фурӯдгоҳҳо ва идораи дастгоҳҳои парвоз (аэронавигатсия): таъмини парвоз–фурӯдоии киштиҳои ҳавоӣ; таъмини бехатарии ҳавопаймоҳо дар ҳудуди фурӯдгоҳ; хизматрасониҳои маҷмӯи аэровакзалҳо доир ба хизматрасонии мусофирон; хизматрасонии мусофирон; коркарди борҳо ва почта; таъмини ҳавопаймоҳо бо сӯзишворӣ; хизматрасонии заминии ҳавопаймоҳо; хизматрасонӣ доир ба идораи ҳавопаймоҳҳо; таъмини метереологӣ.

Тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» хизматрасониҳо доир ба кашонидани нафт ва маҳсулотҳои нафтӣ тавассути қубургузаронҳои калон ба намудҳои фаъолияти инҳисори табиӣ мансубанд. Аммо чунин намуди хизматрасониҳо бе ташкили чараёни технологӣ доир ба интиқоли нафт, тартиб додани ҷадвал, ҳаҷми супоридану қабул кардани

он ва ғайра имконпазир аст. Ин вазифаҳо бояд аз тарафи субъекти махсус иҷро гарданд.

Масълаи ҷудокунии соҳаҳои фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ аз соҳаҳои бозор, ки дар онҳо ин ё он субъекти хоҷагидорӣ дар ҳолати афзалиятнок қарор дорад, аҳамияти калони назариявӣ ва амалиро хос аст. Барои инҳо ҳузур доштан дар сегменти муайяни бозори субъекти хоҷагидорӣ умумӣ мебошад. Аммо дар соҳаи рақобатнокӣ он ба соҳибкории худи инҳисорчӣ асос ёфта, натиҷаи фаъолияти ӯ мебошад. Дар соҳаи инҳисори табиӣ рақобатнокӣ аз ибтидо қонунӣ нест, мақоми инҳисорчӣ натиҷаи эътирофи давлат ҳисоб меёбад. Ҳамчунин соҳаҳои инҳисорҳои табииро аз қитъаҳои бозоре, ки дар онҳо танзими бевоситаи давлатӣ ҷорӣ карда шудаасту онҳо хусусиятҳои инҳисори табииро надоранд (масалан, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти спиртӣ) фарқ кардан зарур аст. Ин соҳаҳоро мавҷудияти дахолати давлатӣ, ки яке аз шаклҳои он танзими нархҳо мебошад, наздик месозад.

Аммо, чун дар мисоли аввал, истеҳсоли маҳсулот на дар шароити инҳисори табиӣ, балки дар шароити рақобатнокӣ амалӣ мегардад.

Инҳисорҳо дар дилхоҳ давлат новабаста аз сатҳи рушди иқтисодии он мавҷуданд. Дар назарияи муосири иқтисодӣ истилоҳи «инҳисор»(монополия) аксаран маънои манфӣ дорад,зеро ки ташкилаи инҳисорӣ бо фишори мутлақ ба рақибон дар ин соҳа имконнопазир будани пайдоиши истеҳсолкунандагони нав бинобар бунёди монеъҳои сахт дар сари роҳи онҳо, фишори нарҳо ба истеъмолкунанда ва молгузоранда ва дар ҳолатҳои алоҳида бо фишор ба давлат фаҳмида мешавад.

Аммо бояд қайд кард, ки «инҳисор» истилоҳи сермаъно ҳисоб меёбад.Ба забони оддӣ зери мафҳуми инҳисор ягон ширкат ё иттиҳодияи калони соҳибкорон дар назар дошта мешавад. Истилоҳи русии он «монополия»аз забони юнонӣ айнан маънои «як худам мефурушам»–ро медиҳад. Дар натиҷа инҳисор дар адабиёти иктисодӣ чун сохтори муайяни бозор бо бартарӣ доштани як фурӯшанда ва ё як харидори фурӯшандаи мол шабеҳ надорад[116].

[116] Албегова И. М., Емцов Р. Г., Холопов А. В. Государственная экономическая политика. М., 1998. С. 254.

Инҳисориёт тамоюли объективии рушди иқтисодиёти дилхоҳ ҷомеа мебошад. Чунончӣ, дар байни асрҳои Х1Х–ХХ мушкилоте бавуҷуд омад, ки бо ҷараёни фарогири гузариш аз рақобати озод ба иқтисодиёти инҳисорӣ алоқаманд аст. Дар байни асрҳои Х1Х–ХХ аввалин маротиба масоиле, ки бо ҷараёни ҳаматарафаи гузариши аз рақобати озод ба иқтисодиёти инҳисорӣ алоқамандад,ба шакли тезу тунд зоҳир гардидаанд.Дар асоси таҳлили қиёсии назарияҳои гуногуни инҳисоро т хулосае баровардан мумкин аст,ки инҳисор тамоюли объективии рушди иқтисодӣ мебошад.

Бояд қайд кард,ки инҳисори табиӣ танҳо дар соҳаҳое вуҷуд дорад, ки дар онҳо истеҳсоли самаранок ва тақсимоти молу хизматрасониҳо танҳо бо мавҷудияти ширкати ягонаи истеҳсолкунанда имконпазир мегардад. Дар ин ҳолат андозаи хароҷотҳои ширкати истеҳсолкунанда нисбат ба ҳолате, ки агар дар бозор ду ва ё зиёда ширкат фаъолияти истеҳсолӣ–хоҷагидориро амалӣ мегардониданд, пасттар аст. Пас,мавҷудияти рақибон дар чунин соҳаҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ бефоида буда,ба ташаккули инфрасохторҳои мувозӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти инҳисори табиӣ бо мавҷудияти як қатор омилҳо асоснок мегардад:

–мавҷудияти технологияҳои махсус;

–номавҷудияти молҳои ивазкунанда,ки бо хусусиятҳои беназири молу хизматрасониҳои инҳисори табиӣ боис мегардад;

–мавҷудияти инфрасохторҳо(маҷмӯи истеҳсолӣ) ва захираҳое, ки инҳисори табиӣ дар истеҳсоли молу хизматрасониҳо(масалан,назорат аз болои кон қодир аст, ки инҳисори табииро ба вуҷуд орад) истифода мекунанд;

–мавҷудияти монеаҳои баланди даромад ба соҳа.

Ин омил ба нигоҳдории бартариҳои рақобатнок бар ташкилаҳои алакай мавҷуда имкон медиҳад.

Ин ҳолатҳо имкон медиҳад,ки як қатор соҳаҳоро ба инҳисори табиӣ мансуб донем.Аммо ғайр аз омилҳои номбаршуда боз омилҳои махсусе мавҷуданд, ки ба ҳама ташкилаҳои инҳисорӣ хосанд (ҳамгироии амудии фаъолият, мавҷудияти патент ва ғайра).

Ҳамин тариқ, ташкилаҳои инҳисорӣ як қатор аломатҳои хосро дороянд:

–самара аз миқёс ва гуногунӣ чун сарҳади самаранокии дохилии ширкати инҳисори табиӣ,ки дар давраи дарозмуддат ҳамчунин ҳудудҳои технологӣ, талаботӣ ва ғайраро дорад;

–субаддивияти хароҷотҳо;

–сарҳади самаранокии ҷамъиятии инҳисори табиӣ,ки бо баробарии афзоиши муштараки хароҷотҳо дар сохтори дигари бозоргонӣ(бо талафи субаддитивият) бо талафотҳои иловагии ҷамъиятӣ аз инҳисорот(дар асоси «секунҷаи А.Харбергер»)муайян мегардад[117];

–мавҷудияти монеаҳои молиявӣ,ҷуғрофӣ,маъмурӣ ва бо ҳуқуқи моликият алоқаманд ҳангоми вурудшавӣ ба соҳа;

–номавҷудияти молҳои ивазкунанда;

–алоқаи байниҳамдигарии корхонаҳо,ки дар сикли истеҳсолӣ аз ҳисоби инфрасохторҳои маводии дар инҳисорҳои табиӣ ҷойдошта иштирок мекунанд;

–мавҷудияти самараҳои зоҳирӣ аз фаъолияти истеҳсолӣ–хоҷагидории инҳисорҳои табиӣ;

–мавзунияти пасти талабот ба маҳсулотҳои инҳисори табиӣ дар давраи кӯтоҳмудат.

Ҳоло инҳисорҳои табиӣ қисмҳои асосии нигоҳдорӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Табиати онҳо чунин аст: онҳо инфрасохтор ва системаи молиявиро,ки дар навбати худ асоси қобилияти ҳайётии мамлакат мебошад,ташаккул медиҳанд.

Илова бар ин, соҳаҳои инҳисори табиӣ ба сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, сатҳи рушди ҷомеа ва иқтисодиёт дар умум таъсири бевосита мерасонанд. Маҳз дар ҳамин аҳамияти бузурги иҷтимоии соҳаҳои баррасишаванда зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, инҳисорҳои табиӣ дар Тоҷикистон як қатор вазифаҳоро иҷро менамоянд, ки нақши онҳоро дар рушди хоҷагии миллӣ инъикос месозанд. Ба ин вазифаҳо мансубанд:

[117] Абросимова О. Ю., Малкина М. Ю. Особенности функционирования естественных монополий в современной России // Экономический анализ: теория и практика. 2012. № 12 (267). С. 56–64.

1.Вазифаҳои буҷетташкилкунанда. Дар шароити имрӯза инҳисори табиӣ сарчашмаҳои асосии даромадҳо барои буҷети мамлакат мебошанд.

2.Вазифаи хароҷотташкилкунанда. Хароҷотҳо ба молу хизматрасониҳои инҳисори табиӣ дар сохтори арзиши ҳамаи молҳо андозаи муоссирро ташкил медиҳанд. Аммо дар ҷараёни истеҳсолӣ истифодаи таҷҳизоти кӯҳнашуда ба андозаи хароҷоту нархҳо ба таври манфӣ инъикос меёбад.

3.Вазифаи инфрасохторӣ. Аксаран соҳаҳои инҳисорҳои табииро инфрасохторӣ меноманд. Аломати асосии истеҳсоли инфрасохторӣ нақши хоси он дар сикли такрористеҳсоли иқтисодӣ ба сифати унсуре, ки ҷараёни гардиши молҳоро таъмин менамояд, мебошад.

Инфрасохтор корхонаҳои истифодаи умумро, ки барои кори иқтисодиёт дар умум шароитҳои заруриро муҳайё месозанд, муттаҳид менамоянд. Чунончӣ, аксари намудҳои маҳсулот асосан на дар ҷое, ки истеҳсол мешавад, мавриди истеъмол қарор меёбад,зарурати ҷойивазкунии маҳсулот аз як агенти иқтисодӣ ба дигар–дар ташкили низоми молгузориҳо ба вуҷуд меояд.

Ба қатори соҳаҳои инфрасохторӣ корхонаҳое мансубанд,ки барои кори самаранок ва рушди иқтисодиёт шароит фароҳам меоранд. Қисми асосии моли онҳо ба истеъмолкунандагон тавассути объектҳои махсусгардонидашудае, ки тамоми қаламрави мамлакат (роҳҳо, ноқилҳои барқӣ, хатҳои телефонӣ, роҳҳои оҳан ва ғ)–ро фаро мегиранд, пешниҳод карда мешаванд. Бинобар ин, ба инфрасохтор аксаран соҳаҳое мансубият доранд,ки захираҳои табиӣ ва хатҳои алоқаи қисмҳои система–қувваи барқ, соҳаи нафту газ, намудҳои гуногуни нақлиёт ва алоқаро истифода мекунанд.

Соҳаҳои инфрасохторӣ бо суръати баланд рушд ёфта, омили вазъташкилкунанда дар тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати ҷаҳонии сармоя мебошаду дар фазои ҷаҳонӣ ба рақобатнокӣ қобил будани мамлакат, устуворӣ ва суръати рушди иқтисодиро таъмин менамояд. Дар навбати худ, рушди соҳаҳои инфрасохторӣ дар қиёс бо истеҳсоли молҳо ва васеъшавии вазифаҳои хоҷагидориҳои онҳо яке аз қонуниятҳои рушди ҷомеа ҳисоб меёбад.

Ҳамин тариқ, аз як тараф, соҳаҳои инфрасохторӣ соҳаи иқтисодиёте мебошад, ки имкониятҳои васеи тақсими хароҷотҳоро ба вуҷуд меорад. Аз тарафи дигар,ба субъектҳои иқтисодиёти муосир,аз ҷумла инҳисори табиӣ сатҳи баланди мутамарказонӣ хос аст. Он ба якҷоясозии калони амудии ҷараёни истеҳсолот ва фурӯши молу хизматрасониҳо имкон медиҳад ва пастшавии ҷиддии хароҷотҳои трансаксиявиро асоснок менамоянд[118].

4. Вазифаи иҷтимоӣ. Азбаски маҳсулоти инҳисори табиӣ дар истеъмоли истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ мавқеи калонро сазовор аст, пас молҳои истеҳсолнамуда ва хизматрасониҳои онҳо хусусияти ҳайёттаъминкунандаро доранд. Ба қатори вазифаҳои асосии иҷтимоии фаъолияти инҳисорҳои табиӣ дохил мешаванд: таъмини дастрасии баробар ба молу хизматрасониҳои ташкилаҳои инҳисорӣ, амалигардонии чорабиниҳо доир ба ҳифзи табиат, пешниҳоди молу хизматрасониҳо новобаста аз мавқеи ҳудудӣ, бунёди шабакаи сершохаи инфрасохторӣ, ки ягонагии қаламравро таъмин менамоянд, таъмини амнияти миллӣ.

5. Вазифаи тасбиткунанда, инҳисорҳои табиӣ нақши дутарафаро мебозанд. Аз як тараф, маҳсулоти истеҳсолкардаи инҳисори табиӣ бо истеҳсоли миллӣ дар давраи дарозмуддат муносибати мусбиро ба вуҷуд меорад. Аз тарафи дигар, дар давраи кӯтоҳмудат бинобар талаботи нисбатан устувор ба маҳсулоти онҳо аз тарафи аҳолӣ ва иқтисодиёти хориҷӣ онҳо метавонанд дар иқтисодиёт вазифаи зиддисиклиро иҷро намоянд ва дар давраи бухронҳо таназули иқтисодиро боз доранду дар давраи инкишоф афзоиши аз ҳад зиёдро барҳам диҳанд[119].

Ҳоло инҳисори табиӣ чун воситаи ҳалли ихтилофоти хоҷагии миллӣ хизмат мерасонанд.Онҳо,дар навбати худ, дар ҷойҳои печдарпечии зичи манфиатҳои субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба вуҷуд омада, барои рушди дигар соҳаҳои системаи иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

---

[118] Радюкова Я. Ю. Государственное регулирование естественных монополий в сфере тарифообразования: проблемы и пути решения // Вести высших учебных заведений Черноземья. Научно–технический и производственный журнал. ЛГТУ. 2011. № 3.

[119] Кутерин М. И. Естественные монополии как инструмент государственного регулирования экономики: автореф. дисс. ... д–ра. экон. наук. М., 2010. С.8.

Илова бар ин,инҳисори табиӣ дар иқтисодиёти мамлакат нақши муҳими сохторташкилкунандаро мебозанд. К.Тотев барҳақ қайд мекунад,ки аз бартариҳои мавқеи инҳисории худ дар бозор истифода бурда, инҳисорҳо тарзи стратегии рафторро дар дурнамои миёнаву дарозмуддат метавонанд коркард намоянд. Бастани созишномаҳои дарозмуддат байни истеҳсолкунандагони инҳисорӣ ва якҷояшавии инҳисорот аз рӯи занҷираи истеҳсолӣ барои рушди бозори дохили метавонанд асос бунёд карда ҷалбкунандагии маблағгузориро ба иқтисодиёт баланд бардоранд. Таҷрибаи алиянсҳои ҷаҳонӣ, ки бештар ба ширкатҳои Ғарб хос аст, метавонад самти стратегии рушди инҳисорҳои табиӣ дар мамлакати мо гардаду ба тамоилҳои рушди минтақавӣ ва давлатӣ дар умум унсури устуворро ворид намояд[120].

Ҳамин тариқ, дар асоси тадқиқотҳои гузаронидашуда ҳам ҷанбаҳои мусбӣ ва ҳам ҷанбаҳои манфии кори инҳисорҳои табииро дар иқтисодиёти имрӯза ҷудо кардан мумкин аст. Ба ҷанбаҳои мусбии кори инҳисори табиӣ мансубанд:

–ягонагии дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ;

–фароҳам овардани шароит барои фаъолияти самаранок ва рушди соҳаҳои гуногуни системаи иқтисодӣ ва хоҷагии миллӣ дар умум;

–кам кардани хароҷотҳо аз ҳисоби доираи истеҳсолот ва роҳҳои фурӯши молу хизматрасониҳо, аз ҳисоби кам кардани хароҷотҳо ба истеҳсоли воҳиди маҳсулот;

–ҳиссаи давлат дар моликияти инҳисори табиӣ, ки ба қонеъгардонии талаботҳои субъектҳои иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад;

–ба кор андохтани захираҳои молиявӣ бо мақсади таъмини ҷараёни истеҳсолӣ дар сатҳи зарурӣ;

–ҷорӣ кардани дастовардҳои пешрафти илмӣ–техникӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ–хоҷагидорӣ;

–ҷори кардани стандартҳои сифат ба фаъолияти истеҳсолӣ;

–ҷорӣ намудани системаҳои муносибатҳои шартномавӣ ба камшавии талафоте, ки бо хатарҳои иқтисодӣ ва номуайянӣ алоқаманд аст,мусоидат мекунад.

---

[120] Тотьев К. Регулирование деятельности субъектов естественных монополий // Закон. 1997. № 12. С. 14–20.

Аммо бояд қайд кард,ки бидуни таъсири мусбӣ ба иқтисодиёти миллӣ ба фаъолияти инҳисорҳои табиӣ чунин ҷанбаҳои манфӣ низ хосанд:

–дар як қатор ҳолатҳо тарофаҳои беасос;

–сифати пасти хизматрасониҳои пешниҳодшаванда;

–пешбарии манфиатҳои шахсӣ;

–ба души истеъмолкунанда гузоштани хароҷотҳои беҳад зиёд.

Ҳамин тариқ, ҳоло давлат дар бартарафсозии сатҳи баланди инҳисоршавии иқтисодиёт манфиатдор аст. Аммо пеш аз ба роҳ мондани сиёсати фаъоли зиддиинҳисорӣ ҷамъоварӣ ва коркарди ахбор дар бораи бозорҳо, сатҳи рушди рақобат дар онҳо, инчунин субъектҳои алоҳидаи инҳисори табиӣ зарур аст.

Қайд кардан мумкин аст, ки доираи танзими бевоситаи давлатӣ танҳо бо соҳаҳои инҳисори табиӣ маҳдуд намегардад, балки соҳаҳои дигари иқтисодиётро, ки аҳамияти калони иҷтимоӣ–иқтисодӣ доранду аммо, аломатҳои инҳисори табииро надоранд.Тартиботҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектҳо, ки дар шароитҳои инҳисори табиӣ кор мекунанд ва субъектҳое, ки дар соҳаҳои омехта амал мекунанд, аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ доранд. Фарқи асосӣ дар он аст, ки тартиботи ҳуқуқии инҳисори табиӣ мустасно буда, дар соҳаҳои фаъолияте, ки ба инҳисори табиӣ мансуб нестанд, истифода намегарданд.

Таҳлили Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» имкон медиҳад, ки хулосаи зерин барорем: қонунгузор хусусияти замонии ин ё он инҳисори табииро эътироф мекунад (чунки онро тавассути вазъи бозори молро муайян менамояд). Мушкилот дар он аст, ки Қонуни мазкур механизми тағйири соҳаҳои инҳисорҳои табииро дар ҳолати мавҷудияти заминаҳои объективӣ барои ин пешбинӣ намекунад. Мушкилот дар муқаррар намудани асбобҳои зарурӣ ва кофӣ мебошад, ки бо ёрии онҳо тағйиротҳои бавуҷудомада баҳо дода мешавад. Масалан, ба шакли хулосаи комиссияи махсус, гуруҳи экспертҳо, аудиторҳо ё дар асоси натиҷаҳои тестиронии мувофиқ ва ё ба тарзи дигар. Дар ҳамин Қонун механизми таҷдиди соҳаҳои фаъолияти субъектҳои инҳисорҳои табиӣ дида намешавад. Дарки зарурати мавҷудияти тартиботи мувофиқ дар қонунгузор мавҷуд аст.

Ишораҳо дар бораи таркиб ва тартиби соҳаҳои фаъолияте, ки дар сатҳи маҳаллӣ ба намудҳои фаъолияти инҳисори табиӣ мансуб буда метавонанд, дар қонунгузории муосир дар бораи инҳисорҳои табиӣ вуҷуд надорад. Чунин соҳаҳои муҳим, амсоли обтаъминкунӣ, системаи қубуру корезҳо, хизматрасонии манзилӣ–камуналӣ берун аз доираи танзим мондаанд. Мушкилоти зикршуда ҳалли худро тавассути воридсозии тағйиротҳо ба санадҳои қонунгузории ҶТ талаб менамоянд.

Ҳамин тариқ, инҳисори табиӣ зуҳуроти иқтисодиву ҳуқуқӣ мебошад, ки ифодакунандаи ҳолати бозорест, ки дар он бо дарназардошти махсусиятҳои технологӣ ва ё иқтисодӣ бавуҷудории шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда ба хизматрасонӣ ба мақсад мувофиқ нест. Инҳисори табиӣ аз як тараф барои маҳдуд намудани фаъолияти рақобатноки субъектони хоҷагидори дигар ба истиснои хизматрасонии соҳаи муталлиқи инҳисори табиӣ монеъа нашуда, аз тарафи дигар фаъолияти инҳисориро, ки қонунугузорӣ манъ намудааст, ифода намекунад.

Дар заминаи мафҳуми пешниҳодгардида ба андешаи мо ба сифати аломатҳои асосии иқтисодию ҳуқуқии инҳисори табиӣ инҳо дохил мешаванд:

1) самараи миқёс–яъне ҳангоми номавҷудияти рақобат (хароҷотҳои истеҳсолот ба хизматрасонӣ бинобар афзоиши ҳаҷми истиеҳсолот хеле кам мешавад) қонеъгардонии талабот самараноктар аст;

2) хизматрасониро, ки субъектҳои инҳисори табиӣ иҷро мекунад, дар истеъмол бо дигар хизматрасониҳо иваз карда намешаванд;

3) талабот ба хизматрасониҳое, ки онҳоро субъектҳои инҳисори табиӣ иҷро менамоянд, аз тағйири нархҳои ин хизматрасонӣ, нисбат ба талабот ба дигар намуди хизматрасонӣ камтар вобастагӣ дорад.

## 1.3. Мафҳум ва вижагиҳои ҳолати ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ

Танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ, пеш аз ҳама, тавассути танзими фаъолияти субъектҳои онҳо амалӣ мегардад. Бинобар ин, дар доираи таҳқиқи механизми танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ муайян намудани мавқеи

субъектҳои инҳисорҳои табиӣ, ки ошкор кардани вижагиҳои мақоми ҳуқуқии онҳо, муқаррар намудани аломатҳои хосе, ки инҳисорчиёни табииро аз субъектҳои дигари хоҷагидорӣ фарқ мекунанд, зарур аст.

Дар адабиёти илмӣ субъектони инҳисори табиӣ гуногун мафҳумбандӣ шудаанд:

1. Субъектони инҳисори табиӣ субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд, ки дорандаи ҳуқуқҳои махсус мебошанд[121].

2. Субъекти инҳисории табиӣ субъекти хоҷагидоре мебошад, ки ба истеҳсол (фурӯш) -и молҳо дар шароити инҳисори табиӣ машғул мебошад[122].

3. Субъектони хоҷагидоре, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият фаъолиятро дар соҳаҳои инҳисори табиӣ амалӣ менамоянд[123].

4. Субъекти инҳисори табиӣ субъете мебошад, ки дорои аломатҳои зерин аст: талаботи субъектҳо ба таври самаранок қонеъ карда мешавад, ки бо хусусиятҳои технологии истеҳсол ва набудани рақобат алоқаманд аст; набудани моли ивазкунанда, яъне моле, ки корхонаҳо истеҳсол мекунанд, ҳангоми истеъмоли дигар маҳсулот иваз карда намешавад; талабот дар бозоре, ки инҳисорчии табиӣ фаъолият мекунанд, аз тағирёбии нархи маҳсулоти истеҳсолкардаашон мустақил нестанд (яъне ин талабот номуваффақ аст); инҳисорчии табиӣ дар соҳаҳои дақиқ муайяншудаи иқтисод амал мекунанд, ки онҳо бо маҳдудиятҳои низоми ҳуқуқӣ дар ҷараёни танзими фаъолияти инҳисори табиӣ муайян карда мешаванд; бо зиёд шудани ҳаҷми истеҳсолот хароҷоти истеҳсолии ҳар як воҳиди маҳсулот ба таври назаррас коҳиш меёбад[124].

Дар фарқият аз адабиёти илмӣ тибқи моддаи 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» субъекти инҳисори табиӣ ин субъекти хоҷагидор (шахси

---

121 Саакян Ю.З. О необходимости внесения корректировок в определение понятия субъекта естественной монополии// Академия энергетики. 2009. № 3 (29). С. 11.

122 Чехлатова Е.А. К вопросу об определении понятия естественной монополии и выявлении ее сущности// Вестник магистратуры. 2016. № 6-3 (57). С. 56.

123 Беликов Е.П. Проблемы правового регулирования деятельности субъектов естественных монополий// В сборнике: Через тернии к звездам. Сборник научных статей ежегодных межвузовских научных студенческих слушаний. Ставропольский филиал Федерального государственного бюджетного образовательного учреждения высшего образования «Российская академия народного хозяйства и государственной службы при Президенте Российской Федерации. Ставрополь, 2017. С. 394.

124 Ивойлова П.В. Особенности правового регулирования деятельности субъектов естественных монополий// В сборнике: Российская наука в современном мире Сборник статей XVI международной научно-практической конференции. 2018. С. 218.

ҳуқуқӣ), ки ба истеҳсоли (фурӯши) молҳо, иҷрои кор ва (ё) хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон дар шароити инҳисороти табиӣ машғул аст. Пас бо назардошти мафҳуми мазкур чунин аломатҳои онро таҳлил намудан зарур. Аввало, дар ҳалли ин масъала ба қазияи зерин диққат додан зарур аст. Азбаски инҳисори табиӣ чун ҳолати бозори мол муайян карда мешавад, ҳангоми тафсири грамматикии мафҳуми «субъекти инҳисори табиӣ» хулосаи зерин баровардан мумкин аст: субъекти инҳисори табиӣ ин субъекти ҳолати бозори молҳо мебошад. Чунин истилоҳи қонун чандон дуруст нест ва ба шарҳ эҳтиёҷ дорад. Ин номувофиқатиро бо роҳи истифодаи таърифи дар кори мазкур пешниҳодшавандаи инҳисори табиӣ ва субъекти инҳисори табиӣ ҳал кардан мумкин аст. Дуюм, ба хулосае омадан мумкин аст, ки қонун номгӯи субъектҳои инҳисори табииро танҳо бо ашхоси ҳуқуқӣ маҳдуд сохт. Соҳибкорони инфиродӣ чун субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ аз ин рӯйхат хориҷ карда шудаанд. Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» танҳо як унсури мафҳуми умумии «субъекти хоҷагидорӣ» ва маҳз шахси ҳуқуқиро истифода мебарад, зеро ки субъекти инҳисори табииро чун субъекти хоҷагидорӣ (шахси ҳуқуқӣ) муайян мекунад, ки бо истеҳсол (фурӯш)–и молҳо дар шароити инҳисори табиӣ машғул аст.

Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисори табиӣ» чун санади меъёрии тартиби умумӣ, аз таркиби имконпазири субъекти инҳисорчиёни табиӣ шахсони воқеиро беасос хориҷ менамояд. Категорияи «шахсе, ки фаъолияти соҳибкорӣ (иқтисодӣ)–ро амалӣ мегардонад», танҳо бо шахсони ҳуқуқӣ маҳдуд сохтан ҷоиз нест. Шаклҳои амалигардонии соҳибкорӣ гуногун буда метавонанд: ҳам инфиродӣ ва ҳам коллективӣ. Дар ин ҷода соҳаи инҳисорҳои табиӣ истисно нест. Инро қонунгузории баъзе мамлакатҳои ИДМ собит менамоянд.

Чунончӣ, Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи инҳисорҳои табиӣ» аз 9 июли соли 1998, №272–1[125] зери мафҳуми субъекти инҳисори табиӣ шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродиро мефаҳмад, ки бо истеҳсоли молҳо, корҳо ва ё пешниҳоди хизматрасониҳо ба истеъмолкунандагон дар шароити инҳисори табиӣ машғуланд(моддаи 3). Қонуни Ҷумҳурии Озорбойҷон «Дар бораи инҳисорҳои

[125] Закон Республики Казахстан от 09.07.1998 №272–1 «О естественных монополиях»// Ведомости Парламента. 1998. №16. Ст.214.

табиӣ» аз 15 декабри соли 1998 №590–1[126] ҳамчунин номгӯи субъектҳои имконпазири инҳисорҳои табииро танҳо бо шахсони ҳуқуқӣ маҳдуд намесозад, балки онҳоро тавассути категорияи «субъекти хоҷагидорӣ» муайян менамоянд(моддаи 4).

Мустаснои имконияти паҳншавии режими ҳуқуқии инҳисори табиӣ ба соҳибкорони инфиродӣ дар ҳолати аз ҷониби онҳо амалигардонии ҳуқуқии намудҳои мувофиқи фаъолият асос надорад. Дар акси ҳол ин маънои онро дорад, ки нисбати шахси воқеӣ, ки моли инҳисорӣ–табииро истеҳсол менамояд ё хизматрасонии инҳисорӣ–табииро аз ибтидо ба ҷо меорад, чун қоида, ба чораҳои танзими давлатӣ ва назорат аз болои субъектҳои инҳисорҳои табиӣ паҳн гашта наметавонанд. Дар ин шароити маҳдудсозандаи амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ барои як қатор субъектҳо фароҳам оварда мешавад, ки ин норавосту ба принсипҳои адолат, баробарӣ дар назди қонун муқобил меистад ва озодии фаъолияти иқтисодиро беасос маҳдуд менамояд. Бинобар ин, меъёри моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» дар қисми таърифи субъектҳои инҳисори табиӣ ба тағйирот бо мақсади ба он ворид сохтани субъектҳои инфиродӣ эҳтиёҷ дорад. Таҳрири пешниҳодшаванда чунин аст: «Субъекти инҳисори табиӣ субъекти хоҷагидорист, ки бо хизматарсонӣ дар шароити инҳисори табиӣ машғул мебошад».

Қонунгузор ба сифати субъектҳои имконпазири инҳисорҳои табиӣ танҳо шахсони ҳуқуқиро мансуб дониста, доираи онҳоро бо ширкатҳои тиҷоратӣ («субъекте, ки бо истеҳсол (фурӯш)–и молҳо машғул аст...») маҳдуд менамояд. Пас, чунин субъект ба сифати самти асосӣ, низомномавии худ бояд бо истеҳсолот машғул гардад. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 2 моддаи 50) феҳристи пӯшидаи шаклҳои ташкилӣ–ҳуқуқии ширкатҳои тиҷоратиро пешниҳод мекунад. Пас, субъекти инҳисори табиӣ танҳо ба намуди ширкату ҷамоати хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, корхонаҳои муттаҳиди давлатӣ ва коммуналӣ ташкил карда мешавад. Ҳамзамон чунин вазъият ба талаботҳои

[126] Закон Азербайджанской Республики от 15 декабря 1998 года, №590-IQ «О естественных монополиях» // В редакции Законов Азербайджанской Республики от 26.12.2000 г. №48-IIQ, 20.10.2006 г. №167-IIIQD, 09.10.2007 г. №430-IIIQD, 02.06.2008 г. №618-IIIQD, 22.10.2013 г. №766-IVQD, 03.04.2015 г. №1252-IVQD, 18.12.2015 г. №51-VQD.

таҷрибаи хоҷагидорӣ ҷавобгӯ нест. Ҳоло ба сифати субъектҳое, ки воқеан намудҳои инҳисорӣ–табиӣ фаъолиятро амалӣ мегардонанд, на танҳо ширкатҳои тиҷоратӣ, балки ғайритиҷоратӣ низ амал мекунанд. Тасвияти қонунӣ муқобилагенҳои чунин ашхосро дар имконияти истифодабарӣ аз тарзҳои ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои худ, масалан, конструксияи шартномаи оммавиро маҳрум месозад (моддаи 458 КГ ҶТ).

Баъдан, таҳлили аломатҳои субъекти инҳисори табиӣ ба хулосабарории зерин имкон медиҳад: сифати он иттиҳодияҳои гуногуни шахсони ҳуқуқӣ, ки тибқи қонунгузории амалкунанда ба ширкатҳои ғайритиҷоратӣ мансубанд, эътироф шуда метавонанд. Бинобар ин, субъекти инҳисори табиӣ на иттиҳодия дар умум, балки танҳо иштирокчии чунин иттиҳодия ҳисоб меёбад. Пас, амали қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ на ба тамоми иттиҳодия, балки танҳо ба чунин иштирокчӣ паҳн мегардад.

Бояд қайд кард, ки ҳатто шахсоне, ки зери меъёрҳои қонунии субъекти инҳисори табиӣ қарор доранд, чунин ҳисоб намеёбанд. Барои гирифтани мақоми инҳисорчии табиӣ ташкилот бояд ба Феҳристи субъектҳои инҳисори табиӣ намуди муайяне дохил карда шавад, ки мавҷудияти онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисори табиӣ» пешбинӣ намудааст. Қоидаҳо дар бораи феҳристи субъектҳои инҳисори табиӣ бо фармони сардори хадамоти зиддиинҳисрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5–уми октябри соли 2011, №107[127] тасдиқ шудааст. Ҳуҷҷати мазкур қоидаҳои ташаккул ва пешбурди Феҳристи субъектҳои инҳисорҳои табииро муқаррар менамояд. Ба Феҳрист субъектҳои инҳисорҳои табиие дохил мешаванд (шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкили ҳуқуқӣ ва шаклҳои моликият), ки бо амалигардонии фаъолият дар соҳаи хизматрасони машғуланд ва фаъолияти онҳо (аз ҷумла тарофаҳо, нархҳо)–ро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисори табиӣ» ва санадҳои дигари меъёрӣ–ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдор ба танзим медарорад. Дар Феҳрист маълумот дар бораи субъектҳои инҳисори табиӣ, ки дар

---

[127] Қоидаҳо дар бораи феҳристи субъектҳои инҳисори табиӣ бо фармони сардори хадамоти зиддиинҳисрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5–уми октябри соли 2011, №107// Бонки маркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

қоғоз ё дар магнит сабт мешавад, ҷой дорад. Барои қабули қарор дар бораи дохил кардани субъектҳои инҳисори табиӣ ба Феҳрист шартҳои зарурӣ инҳоянд: мавҷудияти иҷозатнома барои хизматрасониҳо тибқи қонунгузории амалкунанда; маълумотҳо аз таҳлили фаъолияти субъектҳо дар бозорҳои молии мувофиқ.

Барои гирифтани мақоми ҳуқуқии инҳисорчии табиӣ иҷрои як қатор талаботҳо зарур аст:

1) мавҷудияти ҳолати объективии иқтисодӣ, ки дар он намуди муайяни фаъолият чун инҳисори табиӣ тавсиф меёбад;

2) аз тарафи шахс амалигардонии воқеии чунин намуди фаъолият;

3) қонунияти амалигардонии фаъолият. Қонуниятро ҳуҷҷатҳои муассисавии ташкилот, мавҷудияти литсензияву сертификатҳои зарурӣ ва ғайра метавонанд тасдиқ кунанд.

Барои аз тарафи субъекти хоҷагидорӣ гирифтани қобилияти соҳибҳуқуқии инҳисорчии табиӣ таркиби мураккаби ҳуқуқӣ, ки ҳамаи аносири номбурдаро дар бар мегирад, зарур аст. Аммо ҳамаи шартҳои номбурда барои эътирофи шахс чун субъекти инҳисори табиӣ танҳо асос бада метавонад. Режими махсуси ҳуқуқӣ баъд аз тарафи мақомоти махсуси ваколатдор қабул кардани қарор дар бораи дохил намудани ташкилот ба Феҳристи мувофиқи субъектҳои инҳисори табиӣ намудҳои муайяни фаъолият паҳн мегардад. Танҳо баъд аз он нисбати чунин субъект танзиму назорати давлатӣ амалӣ мешавад.

Ташкилот танҳо нисбати он намудҳои фаъолияте, ки дар Феҳрист ном бурда шудаанд, чун субъектҳои инҳисори табиӣ эътироф мегардад. Ғайр аз намудҳои инҳисорӣ–табиии фаъолият вай метавонад дигар фаъолиятро низ иҷро намояд. Пас, ҳангоми амалигардонии намудҳои дигари фаъолият маҳдудиятҳое,ки бо ин мақомот алоқаманданд, ба он паҳн намегарданд. Дар чунин ҳолат мушкилот дар он аст, ки соҳаи инҳисори табиӣ бинобар вижагиҳои истеҳсоли ин ё он моли ниҳоӣ, кор ё хизматрасониҳо танҳо як қисми ҷараёни ягонаи технологӣ мебошад. Бандҳои технологии система, ки дар аксари мавридҳо чун воҳидҳои мустақили ҳуқуқӣ ҷудо мешаванд, субеъектҳои хоҷагидори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият

даровардашуда ҳисоб меёбанд. Аммо онҳо, дар воқеъ,онҳо мустақил нестанд, дар муносибатҳои тобеият қарор доранд.

Гуногунии мавҷуда мураккабияти танзими ҳуқуқии соҳаҳои инҳисорӣ–табии хоҷагидориро асоснок мекунад. Ин хусусияти субъектҳое, ки дар шароити инҳисори табиӣ амал менамоянд, дар адабиёти иқтисодӣ низ қайд карда шудааст.Он чун инҳисори гуногунтаркиб бо маркази инҳисори табиӣ ном гирифтааст[128]. «Ҳар яке аз чунин сохторҳои истеҳсолии зинавӣ ташкилшуда ширкати мураккабе мебошад. Ба инҳисори табиӣ танҳо марҳилаҳои алоҳидаи ҷараёнҳои мукаммали технологӣ мансуб аст»[129].

Бо мақсади ҳифзи самаранокии манфиатҳои ҷамъиятӣ аз сӯиистифодаҳо аз ҳокимияти инҳисори табиӣ манъи қонунгузориро ба якҷоякунии намудҳои инҳисори табиӣ ва рақобатнокии фаъолият муқаррар кардан мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин лиҳоз баррасии масоили таносуби мустақилияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва дар соҳаҳои инҳисорӣ–табиӣ хело муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳуқуқи граждании классикӣ аз мустақилияти пурраи субектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ сарчашма мегирад. Аммо муносибатҳои муосири иқтисодӣ аз доираи ин нақша берун мебароянд. Байни ашхоси аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ мустақил муносибатҳои тобеияти иқтисодӣ вуҷуд дошта метавонад. Ин ҳолатро ҳоло қонунгузории соҳибкорӣ ба назар мегирад. Қонунгузории хориҷӣ аз мафҳуми гуруҳ истифода мебарад,вале таърифоти ягонаи гуруҳи шахсон то ҳол вуҷуд надорад. Ҳамчун гуруҳ муайян карда шудаанд:1) ташкилотҳои мустақили ҳуқуқӣ, ки бо муносибатҳои тобеияти иқтисодӣ алоқаманд буда, сиёсати хоҷагидории умумиро ба роҳ мемонанд; 2) ташкилотҳое, ки дар онҳо яке аз иштирокчиён аз болои дигар назорат мебарад[130].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, № 1417 «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз чунин мафҳумҳо истифода мебарад: «гурӯҳи шахсон»,

---

[128] Айдарова Н.А. Государственное регулирование естественных монополий в условиях трансформации российской экономики. Автореф. дис. ... канд. экон. наук. Челябинск, 2000. С. 15.
[129] Белоусова Н.И., Васильева Е.М., Лившиц В.Н. Теоретические проблемы разработки стратегии реформирования естественных монополий в России// Экономическая наука современной России. 2000. №3–4. С.60.
[130] Кулагин М.И. Предпринимательство и право: Опыт Запада. – М., 1992. С.50

“мавқеи ҳукмфармоидошта” ва “шахсони бонуфуз”, ки дар аксари мавридҳо ҳамдигарро такрор мекунанд[131].

Гурӯҳи шахсон дар ҳолате маҷмӯи шахсони воқеӣ ва (ё) шахсони ҳуқуқие эътироф мешаванд, ки онҳо ба як ё якчанд аломатҳои зерин мутобиқ бошанд:

- шахс ё якчанд шахс якҷоя дар натиҷаи созиш (амали мувофиқашуда) ҳуқуқ доранд, мустақим ва ғайримустақим (аз ҷумла дар асоси шартномаҳои хариду фурӯш, идоракунии ба боварӣ асосёфта, фаъолияти якҷоя, супориш ё бастани дигар аҳдҳо) зиёда аз панҷоҳ фоизи шумораи умумии овозҳоро, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳои овозҳо мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии (шариконаи) шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намоянд. Ҳамзамон, овозҳои шахси ҳуқуқӣ, имконияти ихтиёрдории воқеии ӯ ба воситаи шахсони сеюм, ки нисбати онҳо шахси якум ҳамаи он ҳуқуқу салоҳияти дар боло номбаршударо дорад, ихтиёрдории ғайримустақим ҳисобида мешавад;

- шахс ё якчанд шахс дар асоси шартнома ё бо роҳи дигар имконият пайдо мекунанд, ки қарори қабулшавандаи шахси дигар ё шахсонро, аз ҷумла шартҳои аз тарафи дигар шахс ё шахсон амалӣ гардидани фаъолияти соҳибкориро муайян намоянд, ё ин ки салоҳияти дигари мақомоти иҷроияи дигар шахс ё шахсонро ба ҷо оваранд;

- шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқ дорад мақомоти иҷроияи ягона ё зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ, ё бо пешниҳоди ӯ зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати шӯрои директорон (шӯрои сарпарастон), ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии шахси ҳуқуқиро таъйин намояд;

- шахси воқеӣ метавонад салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи шахси ҳуқуқиро иҷро намояд;

- худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо ё шахсонеро, ки ҳамон шахси ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ ё шӯрои директорон (шӯрои сарпарастон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии ду ва

---

[131] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, № 1417 «Дар бораи ҳимояи рақобат»// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 274.

зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил диҳанд. Мақомоти идоракунии дастаҷамъии ду ва зиёда шахсони ҳуқуқӣ, инчунин мақомоте мебошад, ки бо пешниҳоди ҳамон шахсони ҳуқуқӣ зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати шӯрои директорон (шӯрои сарпарастон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ интихоб мешавад;

- худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо ё шахсони ҳуқуқӣ метавонанд мустақилона ё ба воситаи намояндаҳо (вакилон) дар маҷмӯъ зиёда аз панҷоҳ фоизи овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳо мувофиқанд сармояи оинномавии (шариконаи) ҳар кадом аз ду ва зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намоянд;

- шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мустақилона ё ба воситаи намояндаҳо (вакилон) дар маҷмӯъ зиёда аз панҷоҳ фоизи овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳо мувофиқанд ва сармояи оинномавии (шариконаи) шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ доранд ва худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳоро ҳамон як шахси ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ ё шӯрои директорон (шӯрои сарпарастон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии дигар шахси ҳуқуқиро ташкил диҳанд.

Мавқеи махсуси субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ва ё якчанд субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) дар бозори моли муайян (кор, хизматрасонӣ) дар ҳолате мавқеи ҳукмфармоӣ ҳисобида мешавад, ки ба чунин субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳҳои шахсон) имконият медиҳад ба шарту шароити умумии муомилоти мол дар бозори моли муайян таъсири ҳалкунанда расонад ё ворид шудани дигар субъектҳои хоҷагидорро ба бозори мол мушкил гардонад. Мавқеи субъекти хоҷагидор дар ҳолате мавқеи ҳукмфармоӣ шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз зиёд мебошад, ба истисноии ҳолатҳое, ки субъекти хоҷагидор сарфи назар аз баланд будани андозаи нишондода мавқеи ҳукмфармо надоштани худро дар бозор исбот карда тавонад. Мавқеи субъекти хоҷагидор дар ҳолатҳое низ ҳукмфармо эътироф мегардад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз камро ташкил диҳад, агар ин аз ҷониби мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ тибқи санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ, аз рӯи ҳиссаи бетағйири субъекти хоҷагидор дар бозор нисбат ба андозаи нисбии ҳиссаи дар бозор ба рақибон тааллуқдошта ва (ё) имконияти ба ин бозор ворид гардидани рақибони нав ё дигар меъёрҳои тавсифкунандаи бозори мол, муқаррар гардида бошанд. Мавқеи субъекти хоҷагидор дар ҳолате ҳукмфармо эътироф намегардад, агар ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз понздаҳ фоиз зиёд набошад. Мавқеи ҳар кадоме аз якчанд субъектҳои хоҷагидор (ба истиснои ташкилотҳои молиявӣ) ҳукмфармо эътироф мегардад, агар субъектҳои хоҷагидор расман исбот накарда бошанд, ки мавқеи онҳо ҳукмфармо намебошад ва нисбати онҳо шартҳои зайл иҷро мегарданд: маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз се субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи  онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар бозори мазкур аз панҷоҳ фоиз зиёдтар аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъектҳои хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, меъёри мазкур татбиқ намегардад; маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз панҷ субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар бозори мазкур аз ҳафтод фоиз зиёдтар аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъектҳои хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, меъёри мазкур татбиқ намегардад; андозаи нисбии ҳиссаи чунин субъектҳои хоҷагидор устувор аст, ё ба ҳамин бозори мол дастрасии рақибони нав маҳдуд мебошад; моли аз ҷониби чунин субъектҳои хоҷагидор фурӯхташаванда (харидашаванда) наметавонад дар раванди истеъмол (аз ҷумла истеҳсолот) ба моли дигар иваз карда шавад, болоравии нархи мол боиси чунин тағйироти дахлдор дар пастравии талаботи хоси мол шуда наметавонад. Тартиби эътироф намудани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори хизматрасонии молиявӣ фаъолият менамоянд, аз ҷониби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия ва Бонки миллии Тоҷикистон қабул карда мешаванд. Мавқеи ташкилотҳои молиявӣ дар ҳолате ҳукмфармо ҳисобида мешаванд, агар: маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз ду ташкилоти молиявӣ, ки ба онҳо ҳиссаи бештар дар бозори дахлдори хизматрасонии молиявӣ тааллуқ дорад, аз панҷоҳ фоиз ва аз он зиёдро ташкил диҳад; маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз се ташкилоти молиявӣ, ки ба онҳо ҳиссаи

бештар дар бозори дахлдори хизматрасонии молиявӣ тааллуқ дорад, ҳафтод фоиз ва аз он зиёдро ташкил диҳад.

Мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидор дар асоси таҳлил ва арзёбии бозори моли муайян аз ҷониби мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ муқаррар карда мешавад. Ҳангоми гузаронидани таҳлил маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои молиявӣ, иттиҳодияҳои ташкилотҳои молиявӣ, маълумоти маркетингӣ, тадқиқоти сотсиологӣ, пурсиши интихобӣ ва саволномаи субъектҳои бозор, шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, маълумоти тадқиқоти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, коршиносон, инчунин дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ истифода карда мешавад. Мавқеи субъекти хоҷагидор - субъекти монополияи табиӣ дар бозори мол, ки дар ҳолати инҳисории табиӣ қарор дорад, ҳукмфармо мебошад.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолате шахсони бонуфуз ҳисобида мешаванд, ки ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидори дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) фаъолиятдошта, метавонанд таъсир расонанд.

Ба шахсони бонуфузи шахси воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ мегардонанд, инҳо дохил шуда метавонанд: шахсоне, ки ба гурӯҳи ба шахси воқеӣ тааллуқдошта дохил мешаванд; шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳайати он шахси воқеии мазкур ҳуқуқ дорад ба зиёда аз бист фоизи маҷмӯи умумии овозҳо, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳо мувофиқанд ва сармояи оинномавии (шариконаи) ҳамин шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намояд.

Ба шахсони бонуфузи шахси ҳуқуқӣ инҳо дохил шуда метавонанд: узви шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ, узви мақомоти иҷроияи дастаҷамъии он, инчунин шахсе, ки салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи онро амалӣ мегардонад; шахсоне, ки ба гурӯҳи ба шахси ҳуқуқӣ тааллуқдошта дохил мешаванд; шахсоне, ки ҳуқуқи дар маҷмӯъ зиёда аз бист фоизи овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳо мувофиқанд ва сармояи оинномавии (шариконаи) ҳамин шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ кунанд. Агар шахси ҳуқуқӣ иштирокчии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, ба қатори

шахсони бонуфузи вай, аъзои шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ, инчунин шахсоне, ки салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи иштирокчиёни гурӯҳи саноатию молиявиро амалӣ мегардонанд, дохил мешаванд.

Мавҷудияти сохторҳои якҷояшудаи амудӣ бо муносибатҳои ҳамвобастагӣ дар соҳаҳои инҳисорҳои табиӣ аксаран бо шароитҳои мавҷудаи иқтисодӣ, технологӣ ва ташкилии истеҳсолот асоснок карда мешавад. Масалан, алоқамандии режимҳои истихроҷ, интиқол, тақсимот ва истеъмоли чунин маҳсулот, мисли газ, қувваи барқу гармидиҳӣ, хизматрасонии нақлиёти роҳи оҳан ва алоқа боиси мавҷудияти маҷмӯҳои технологияҳои ягона дар соҳаҳои мувофиқи саноат мегардад. Алоқаҳои зичи технологии аносири истеҳсолот роҳбарияти мутамарказонидаи тамоми системаи таъминот бо газу нафт, гармидиҳӣ ва қувваи барқро зарур месозанд. Модели идоракунӣ ва назорат, ки ҳамин тариқ сохта шудааст, ба система имкон медиҳад,ки самараноктар фаъолият кунаду рушд ёбад. Бояд қайд кард,ки қисми асосии дороиҳои истеҳсолӣ, ки системаи интиқоли нафтро ташкил медиҳанд, ба ширкатҳои саҳҳомии зертобеи онҳо мансуб аст. Мутобиқсозӣ ва идоракунии фаъолияти ширкатҳои фаръӣ ва тобеъ ғайр аз тарзҳои граждани–ҳуқуқӣ, ҳамчунин бо кӯмаки методҳое амалӣ мегардад, ки хоссагиҳои маъмуриро дороянд. Аз байни онҳо дастурамал доир ба баҳисобгирии нафт ва интиқоли он,доир ба шароити барӯйхатгирии нафт, шароит ва тартиби қабулу супоридани нафт ва ғайра мавқеи махсус доранд.

Авҷи муносибатҳои иқтисодӣ ба пайдошавии иштирокчиёни нави бозор оварда мерасонад. Моделҳои мавҷудияти онҳо на ҳамеша ба чорчӯбаҳои шаклҳои ҳуқуқии мавҷуда мувофиқат мекунанд. Ин, умуман бо диалектикаи ҳамкории пояи иқтисодии ҷомеа ва болосохти ҳуқуқии инъикоскунандаи он фаҳмида мешавад. Мавҷудияти ихтилофот байни онҳо бинобар сабабҳои объективӣ вуҷуд дошт ва вуҷуд хоҳад дошт. Эҳтимол, субъектҳои хоҷагидорӣ ғайрианъанавӣ

мавҷудад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ онҳо таърифоти гуногун доранд– коорпоратсияҳои давлатӣ, агрегатори мол ва хизматрасонӣ ва ғайра[132].

Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки рушди хоҷагидорӣ дар оянда ба пайдошавӣ ва намудҳои дигари ташкилотҳо, аз ҷумла дар соҳаи фаъолияти субъектҳои инҳисорҳои табиӣ оварда мерасонанд. Масъалаи танзими ҳуқуқии онҳо дар зарурати коркарди қонунгузорӣ ва тасдиқи шаклҳои ҳуқуқӣ, ки воқеияти иқтисодиро барҳақ инъикос месозанд, зоҳир мегардад. Эҳтимол, барои ба доираи субъектҳои ҳуқуқ дохил кардани ташкилоти наве, ки дар соҳаи муомилоти гражданӣ амал мекунад, коркарди мафҳуми нав зарур аст, ё ин ташкилотро ба сохтори аллакай мавҷуда мувофиқ намудан лозим мебошад.

Ҳамзамон, режими ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ дар бобати маҳдудсозии фаъолияти хоҷагидорӣ (танзими нархномаҳо, ҳисоботҳо дар бораи фаъолияти ҷорӣ, зарурияти гирифтани ризоят ба як қисми додугирифт ва ғайра) ба онҳо паҳн намегардад. Воқеан онҳо қувваи бузургӣ иқтисодӣ доранду гурӯҳи ашхосро бо истеҳсолкунандагони бевосита ташкил менамоянд ва фишангҳои ба онҳо таъсиррасониро доранд. Ҳамзамон онҳо сохтори амудии якҷояро дар бар мегиранд.

Ба назар аст, ки сохтори якҷоя бо маркази инҳисори табиӣ барои мақсадҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ бояд чун шакли ягона баррасӣ гардад. Ҳокимияти воқеии бозорӣ, ки онро чунин ташкилот доро мебошад, бо шарофати системаи ташкилшудаи ба ҳамдигар таъсиррасонӣ ба даст меояд. Эҳтимол аст, ки дар гардиши корӣ чун субъекти мустақили ҳуқуқӣ баромад карда, иштирокчии чунин гурӯҳ аз ҷиҳати иқтисодӣ пуриқтидор зери назорати холдинг қарор мегирад.

Таҳлили фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ дар Тоҷикистон шаҳодати он аст, ки алакай калимаи холденг мавриди истифода қарор дода шудааст. Аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, № 537

---

[132] Талапина Э.В. Государственная корпорация как новый субъект права// Законы России: опыт, анализ, практика. 2009. № 2. С. 36-50; Киргизова Т.Д. Новые субъекты коммерческого права в Российском законодательстве// Дневник науки. 2019. № 5 (29). С. 104.

Оинномаи Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик"[133] тасдиқ шудааст, ки дар номаш калимаи холдингро драҷ намудааст. Ба истиснои ин субъект дар таҷрибаи кишвари мо истифодаи ин шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар ташкилотҳои дигар низ дида мешавад[134].

Ба андешаи М.З. Раҳимзода ба гуруҳи дигари субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ субъектҳои танзимкунанда ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ ба монанди мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, ширкатҳои марказии гуруҳҳои молиявию саноатӣ, мақомоти идоракунии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ, холдингҳо ва ғайра дохил мешаванд. Субъектҳои фаъолияти соҳибкориро ба субъектҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд ва субъектҳое, ки онро танзим месозанд, ҷудо намуда, бояд қайд намоем, ки чунин тақсимот мутлақ намебошад. Дар баъзе ҳолатҳо фаъолияти соҳибкорӣ мумкин аст пайваста амалӣ карда шавад. Зеро субъектҳое, ки асосан фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд, баъзе вақт метавонанд функцияи танзимнамоиро иҷро намоянд ва баръакс, субъектҳое, ки танзимнамоии фаъолияти соҳибкориро ба ҷо меоранд, ба сифати субъекти бевоситаи фаъолияти соҳибкорӣ баромад менамоянд. Мисол, давлат ва мақомоти маҳаллии давлатӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар ҳудуди худ танзими менамоянд, дар навбати худ ҳамчун соҳибмулк метавонанд ба воситаи ташкил намудани корхонаҳои худ, аз ҷумла корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва коммуналӣ бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, бо ҳамин роҳ молумулки худро идора кунанд. Ё ин ки дар Холдингҳо ташкилоти асосӣ субъекти хоҷагӣ буда, вале нисбат ба корхонаҳои фаръӣ вай ба сифати танзимкунандаи фаъолияти онҳо баромад менамояд[135].

Баъзе олимон дар зери мафҳуми ташкилоти холдингӣ гурӯҳи шахсони ҳуқуқиро маънидод менамоянд, ки аз ҷониби корхонаҳои асосӣ ва фаръӣ таъсис дода шуда, ба иштироки саҳмияҳо дар моликият ва ё муносибатҳои шартномавӣ марбут мебошанд ва ба корхонаи асосӣ ҳуқуқи қабули қарори муҳими истеҳсолӣ,

---

[133] Оинномаи Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик" аз "31" октябри соли 2008, № 537// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

[134] Мисоли ин субъектон Ширкати холдингии Исмоили Сомонӣ, Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Нурафзо" оид ба сохтмони иншооти энергетикӣ, Ширкати саҳомии давлатии холдингии "Нон" ва ғайра.

[135] Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ, монография. Душанбе, 2018. С. 98.

молиявӣ ва сармоягузорӣ, инчунин роҳҳо ва тарзҳои амалӣ намудани онҳоро пешниҳод менамоянд[136].

Зарурат ба муайянкунии аниқи қонунгузорӣ доир ба мақоми чунин сохторҳо ба сифати субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар замони ҳозира боз бо он асоснок мегардад, ки ин иттиҳодияҳо дар давраи такомули муносибатҳои бозоргонӣ мушкилоти нигоҳдории маҷмӯи калони истеҳсоли даҳсолаҳо ташаккулёфтаро бо корхонаҳои вобастагии зичи кооператсионӣ ва технологидошта ҳал намуда, нақши муҳими мусбӣ мебозанд.

Бинобар ин, ворид сохтани тағйиротҳо ба қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар қисми аниқгардонии ҳайати субъектӣ дар шароити инҳисори табиӣ амалкунанда зарур аст. Ғайр аз субъектҳои анъанавии ҳуқуқи соҳибкорӣ ба сифати субъектҳои инҳисори табиӣ ташкилаҳои ғайрианъанавии коллективӣ низ бояд эътироф гарданд. Эҳтимол, ин батартибандозии пурраи ҳуқуқии мафҳумҳоеро, ки мақоми субъектҳои ғайрианъанавии фаъолияти хоҷагидориро муайян мекунанд, талаб менамояд.

Таҳлили санадҳои меъёрӣ, масалан, қонунгузории зиддиинҳисорӣ, гумрукӣ, қонунгузорӣ дар бораи андозу боҷҳо, ки бо иштироки чунин сохторҳо муносибатҳоро ба танзим медароранд, ба хулосабарорӣ дар бораи дар онҳо мавҷуд будани баъзе унсурҳои субъекти ҳуқуқӣ имкон медиҳад.

Барои қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва таҷрибаи истифодаи он, ҳамин тариқ, муносибати воқеии вобастагӣ байни субъектон аҳамияти афзалиятнок доранд, на мавҷудияти аломатҳои расмии шахси ҳуқуқӣ. Ин қоида ба мақомотҳои зиддиинҳисорӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми амалигардонии назорат вазъи бозор ва ҳокимияти воқеии иқтисодии субъектҳои хоҷагидориро ба ҳисоб гиранд. Субъекти инҳисори табиӣ, ки ба ин гурӯҳ дохил мешавад, ҳарчанд расман шахси ҳуқуқии мустақил мемонад, аз ҷиҳати иқтисодӣ аз иштирокчиёни дигари гурӯҳ вобастагии пурра дошта, бо онҳо манфиатҳои умумӣ дорад. Дар чунин шароит ташаккули ирода ва ифодаи он аз тарафи инҳисорчии табиӣ мустақилона амалӣ гашта наметавонад. Ин изҳори ирода таҳриф шудааст. Меъёрҳои Кодекси

[136] Ревинская Л.Ю. О различиях понятий "холдинг", "холдинговая компания" и "холдинг-компания"/ Евразийский союз ученых. 2015. № 4-2 (13). С. 157.

граждании амалкунанда таассури дурусти ҳуқуқиро ба чунин қоида пешбини намекунанд. Ҳамзамон, қоидаҳои мувофиқи қонунгузорӣ, дар навбати аввал, барои ҳифзи қарздиҳандаҳо–иштирокчиёни чунин гурӯҳҳо заруранд. Дар ин ҷо имконияти ҷавобгарии молумулкӣ аз рӯи додугирифтҳои содиршудаи на танҳо иштирокчии бевоситаи он, балки шахсоне низ, ки бо он ба як гурӯҳ, ташкилаи субъекти ғайриҳуқуқӣ дохил мешаванд, хело муҳим мебошад. Ҳуқуқи граждании классикӣ ба чунин алоқаҳои байниҳамдигарӣ эътино надорад. Истиснои ягона меъёрҳои моддаҳои 116, 117 КГ ҶТ ҳисоб меёбанд. Илова бар ин, истифодаи онҳо аксаран маҳдуд аст. Аввало, ин бо тафсири худи ширкати фаръӣ ва тобеъ алоқаманд мебошад. Масъала дар он ифода меёбад, ки ҳангоми мавҷудияти системаи мураккаби алоқаи дутарафа байни субъектҳои хоҷагидор ва ташкили, масалан, ширкати махсуси идоракунандае, ки мустақилона қарор намебарорад, истифода аз моддаи 116, 117 КГ ҶТ мушкил мегардад. Дуюм, бидуни муносибатҳои вобастагӣ барои ҷорӣ намудани меъёрҳои мувофиқ боз тасдиқи он зарур аст, ки додугирифти мушаххас аз рӯи нишондоди шахсе амалӣ мегардад, ки ба додани дастурҳои ҳатмӣ ҳуқуқ дорад. Чунин дастур бояд расман ифода ёбад. Агар дигар ҷамъият ё ширкати хоҷагидорӣ (асосӣ) бо сабаби иштироки афзалиятноки худ дар сармояи оинномавии он ё мутобиқи шартномаи байни онҳо ва ё ба тариқи дигар имконияти муайян намудани қарорҳои аз ҷониби чунин ҷамъият қабулшавандаро дошта бошад, ҷамъияти хоҷагидории фаръӣ дониста мешавад. Агар ҷамъияти дигар (бартаридошта, иштироккунанда) бештар аз 20 фоизи саҳмияҳои овоздиҳандаи ҷамъияти саҳомӣ ё 20 фоизи сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдудро дошта бошад, ҷамъияти хоҷагидории вобаста эътироф мешавад.

Чунин субъектҳо манфиатҳои умумӣ, шароитҳои ба ҳамдигар алоқаманди истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотро доранд, сиёсати ягонаи хоҷагидориро ба роҳ мемонанд. Дар маҷмӯъ онҳо гуруҳи ягонаи якҷояшударо бо идоракунии мутамарказонидашуда муаррифӣ месозанд. Муваффақияти кори тамоми система аз фаъолияти самараноки ҳар яке аз қисмҳои таркибии он вобастагӣ дорад. Татбиқи манфиатҳои ҳар яке аз иштирокчиён бе инъикос тавассути манфиатҳои

гуруҳ имконпазир аст ва дар интиҳо ба натиҷаи умумӣ равона гаштааст. Иштирокчиёни гуруҳ дар муайянкунии рафтори худ дар бозор озод нестанд, зеро ки зери назорати субъекти дигари хоҷагидорӣ амал мекунанд. Ҳамин тариқ, аз тарафи давлат вобастагӣ байни шахсони расман мустақили ҳуқуқӣ эътироф шудаанд.

Дар баъзе ҳолатҳо соҳаҳои дигари қонунгузорӣ низ вазъи вобастагии субъектҳои хоҷагидорро ба ҳисоб мегиранд. Масалан, қонунгузории андоз мафҳуми «шахсони аз ҳамдигар вобаста»–ро мустаҳкам менамояд. Аз нуқтаи назари назорати андоз ҳангоми санҷиши асоснокии нархҳо ин аҳамияти ҷиддӣ дорад. Барои мақсадҳои андозбандӣ шахсоне аз ҳамдигар вобаста дониста мешаванд, ки муносибати байни онҳо ба шароит ё фаъолияти ашхоси аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда таъсир расонда метавонад. Ин тафсири умумӣ дар моддаи 14 Кодекси андози ҶТ дода шудааст[137]. Қонуни андоз на танҳо таърифи умумӣ медиҳад, балки муодилҳои имконпазири зоҳиршавии онҳоро ошкор месозад. Чунончӣ, вобастагии дутарафа дар ҳолатҳое ҷой дорад, вақте ки як ташкилот бевосита ё бавосита дар ташкилоти дигар иштирок мекунад ва ҳиссаи умумии чунин иштирок беш аз бист фоизро ташкил медиҳад. Меъёрҳои мушобеҳ барои муайян намудани ширкатҳои вобастаи хоҷагидор дар моддаи 117 КГ ҶТ ҷой дода шудааст. Аммо дар тафовут аз Кодекси граждании ҶТ, Кодекси андози ҶТ номгӯи шахсони вобастаро танҳо бо ширкатҳои хоҷагидорӣ маҳдуд намесозад, балки истилоҳи аниқтари «ташкилот»–ро истифода мебарад. Вобастагии дутарафа дар шахсони воқеӣ низ дида мешавад ва онҳо дар тобеияти вазифавӣ байни ҳамдигар қарор доранд (зербанди 2,банди 1 моддаи 14 КА ҶТ).

Қоидаи муҳим дар банди 2 моддаи, 14 КА ҶТ мустаҳкам шудааст,– суд метавонад аз рӯи дигар асосҳо шахсонро аз ҳамдигар вобаста эътироф намояд, агар муносибати байни шахсон ба натиҷаҳои додугирифт дир ба фурӯши молҳо (корҳо,хизматрасониҳо) таъсир расонида тавонанд. Аҳамияти принсипиалии ин қоида дар он аст, ки ҳангоми муайян кардани муносибатҳои вобастагӣ байни

---

137 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, № 901// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, № 9, мод. 838; с. 2013, № 12, мод. 889, мод. 890; с. 2015, №3, мод. 210; № 11, мод. 965, мод. 966; с. 2016, № 3, мод. 150; № 11, мод. 883; с. 2017, № 1–2, мод. 21; № 5, s. 1, мод. 280; с. 2018, № 2, мод. 67.

субъектҳои мустақили ҳуқуқӣ суд бо ягон аломатҳои расми алоқаманд нест. Меъёрҳое, ки дар банди 1 моддаи 14 КАҶТ оварда шудаанд, умумӣ ҳисоб меёбанд. Пуррасозии воқеии онҳо гуногун буда метавонад. Бинобар ин, мисолҳое, ки онҳоро қонунгузор дар зербандҳои 1–3 банди 1 моддаи 14 номбар кардааст, танҳо ҳолатҳои хусусӣ мебошанд. Ҳамзамон, онҳо аз мавҷудияти вобастагии дутарафа шаҳодат медиҳанд.

Бо мақсади ҳифзи ҷомеа аз сӯиистифода аз ҳокимияти инҳисори табиӣ сохторҳои якҷояшуда дар қонунгузорӣ ба якҷоякунии намудҳои инҳисори табиӣ ва рақобатии фаъолият манъ карда шавад. Бояд қайд кард, ки қонунгузорӣ дар бораи соҳаҳои алоҳидаи инҳисорҳои табиӣ муносибатҳои вобастагиро байни субъектҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустақили хоҷагидорӣ ба ҳисоб мегирад ва ба фаъолияти онҳо маҳдудиятро ворид месозад. Қайд кардан бамаврид аст, ки субъектҳои инҳисорҳои табиӣ мақоми махсуси ҳуқуқиро соҳибанд. Вижагиҳои ин мақоми ҳуқуқӣ ҳангоми ҷавоб ба суоли дар бораи ҳайати саҳмдорон, иштирокчиён ва моликони онҳо зоҳир мегарданд. Дар ин бобат қоидаҳои махсусро қонунгузорӣ аввалин маротиба дар бораи хусусигардонӣ муқарар карда буд. Қонунгузорӣ дар ин соҳа пай дар пай тағйир ёфта, ҷараёнҳои дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба вуқупайвастаро инъикос намуд.

Қонунгузории махсус дар бораи соҳаҳои алоҳидаи инҳисорҳои табиӣ ҳамчунин қоидаҳои махсусро дар бораи шаклҳои моликиятро дар бар мегирад. Чунончӣ, Кодекси фазои ҳавоии ҶТ[138] қоидаҳои махсусро нисбати ҳайати субъектии моликони чунин маҷмӯи молумулк, мисли майдони ҳавоӣ, ки хизматрасонии онҳо ба соҳаи инҳисори табиӣ мансубанд, муқаррар менамояд. Молумулки ҳавопаймоҳои граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон–тайёраҳо, майдонҳои ҳавоӣ, воситаҳои техникӣ ва дигар воситаҳое, ки барои таъмини парвози ҳавопаймоҳо таъин гаштаанд,тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад шаклҳои гуногуни моликиятро дошта бошад. Молумулки ҳавопаймоҳои давлатӣ ва объектҳои системаи ягонаи ташкили ҳаракати ҳавоӣ

[138] Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, № 720// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №23-24, мод. 342; с. 2005, №12, мод. 631; с. 2007, №7, мод. 685; с. 2008, №10, мод. 806; с. 2011, №12, мод. 839; с. 2013, №7, мод. 506; с. 2015, №3, мод. 203; Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 с., № 1315.

метавонад танҳо дар шакли моликияти давлатӣ қарор дошта бошад (моддаи 8 ҳамин Кодекс).

Масъали дигари муҳим дар таҳқиқи фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ ҳолати ҳуқуқии онҳо мебошад. Ба андешаи И.В. Тюленев: “Танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ ба муқаррароти зерин асос меёбад: 1. Фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ ҳамчун дигар намуди фаъолияти иқтисодӣ бидуни маҳдудият ва дахолати давлат, инчунин аз ҷониби субъектони инҳисори табиӣ бо салоҳдиди худ истифодаи қобилият, ҳуқуқ ва амволи онҳо амалӣ карда мешаванд. 2. Фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ воқеан бо вазифаҳои иҷтимоии давлат алоқаманд аст ва аз ин рӯ аз ҷониби субъектони инҳисори табиӣ қабул кардани уҳдадориҳои муайяне, ки ба ҳифзи некӯаҳволии шаҳрвандон ва таъмини шароити мӯътадили мавҷудияти онҳо нигаронида шудаанд, пешбинӣ гардидааст. 3. Фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ аз ҷониби давлат дар асоси қонун дар ҳолатҳое маҳдуд карда мешавад, ки механизмҳои бозор ба болоравии некӯаҳволии иқтисодӣ оварда натавонанд, ба принсипи давлати иҷтимоӣ мухолиф бошанд, инчунин бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигарон. 4. Муайян намудани чораҳои оқилонаи маҳдуд намудани фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ ва ноил шудан ба тавозуни байни муқаррароти конститутсионӣ барои давлат дар тарҳрезии танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ вазифаи афзалиятнок ба ҳисоб меравад”[139].

Субъекти инҳисори табиӣ ҳуқуқ дорад: ба мақомоти ваколатдор оид ба тасдиқи тарифи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) танзимшаванда ё ҳадди ниҳоии он дархост пешниҳод намояд; тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандаро дар давраи амали тарифҳо, ба истиснои тарифҳои неруи барқ ва гармӣ, бо мувофиқаи мақомоти ваколатдор барои ҳама истеъмолкунандагон паст намояд; ҳангоми аз ҷониби мақомоти ваколатдор қабул гардидани қароре, ки ба фаъолият ва мақоми ҳуқуқии он дахл дорад, пешниҳод манзур намояд; ба суд нисбат ба амали (беамалии) мақомоти ваколатдор, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, шикоят кунад; ба

[139] Тюленев И.В. Основы правового регулирования деятельности субъектов естественных монополий// Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2017. № 9 (37). С. 114.

мақомоти ваколатдор ё суд нисбат ба амали (беамалии) субъектҳои дигар, ки ба фаъолият, даромад, моликият ва мақоми ҳуқуқии он таъсир менамояд, шикоят кунад; аз дигар ҳуқуқҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, истифода барад.

Л.М. Салий ҳуқуқҳои суюбетони инҳисори табииро таҳлил намуда баён менамояд, ки "Хусусияти ҳолати ҳуқуқии субъектони инҳисори табиӣ бо ҳадафҳои ҳимояи манфиатҳои конститутсионии истеъмолкунандагон ва таъмини шаффофияти фаъолияти инҳисорчиён муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, қонунгузор ҳолати ҳуқуқии ин субъектонро муайян карда, ба доираи уҳдадориҳо ва масъулияти онҳо бидуни пешниҳоди ҳуқуқҳои истисноии онҳо диққати махсус додааст"[140]. Субъекти инҳисори табиӣ уҳдадориҳои зеринро дорад: қарори мақомоти ваколатдорро, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, иҷро кунад; хизматрасонии умумии сифатан баланди истеъмолкунандагони молҳоро (корҳоро, хизматрасониҳоро) бо дарназардошти тарифҳои (нархҳои) муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор таъмин намояд; ба истеъмолкунандагони молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти инҳисори табиӣ шароити баробар муҳайё намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бо назардошти имтиёзоти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидаанд; мутобиқи қонунгузорӣ талаботи техникиеро, ки риоя намудани онҳо барои истеъмолкунандагон ҳатмӣ мебошад, муқаррар намояд; хизматрасонии техникиро гузаронад ва тамғазании асбобҳои ҳисобкуниро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд; тибқи талаби мақомоти ваколатдор ҳисоботи молиявӣ ва иттилооти дигари заруриро пешниҳод намояд; усулҳо ва технологияи нисбатан самарабахши истеҳсол ва хизматрасонии инҳисороти табииро бо риояи принсипҳои амнияти ҷамъиятӣ ва бехатарии шаҳрвандон интихоб намояд; санҷиши молиявии ҳарсоларо (аудити ҳатмиро) аз ҷониби ташкилотҳои аудиторӣ (аудиторҳо) гузаронида, натиҷаҳои онро дар воситаҳои ахбори умум нашр

[140] Салий Л.М. Критерии правомерности ограничений конституционной свободы предпринимательской деятельности субъектов естественных монополий в условиях конкурентной экономики// Северо-Кавказский юридический вестник. 2017. № 3. - С. 126.

намояд; бо истеъмолкунандагон барои пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) шартнома бандад; ба вайронкунии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми бастани шартнома барои пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) роҳ надиҳад; қабули пардохтҳоро аз истеъмолкунандагон барои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшуда ба воситаи кассаҳои худ, инчунин бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ таъмин намояд; барои истеъмолкунандагон асбобҳои ҳисобкунии хизматрасониро насб намояд; ба мақомоти ваколатдор сметаи тарифиро барои тасдиқ пешниҳод намояд.

Субъектҳои инҳисороти табиӣ ӯҳдадоранд, ки дастрасии бозори молҳоро муҳайё созанд ва (ё) хизматрасониҳои мутобиқи қонунгузорӣ танзимшавандаро тибқи талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ бе истифодаи шартҳои таъбизӣ пешниҳод намоянд.

Оид ба шартҳои таъбизӣ Д.А. Якимова дуруст такид менамояд, ки "Қадами назаррас дар кори танзими фаъолияти инҳисори табиӣ танзими ҳуқуқии босамар ва мувофиқи фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ дар робита ба инфрасохтори онҳо мебошад. Қонунгузории амалкунанда дар бораи инҳисори табиӣ хусусияти чаҳорчӯбаи танзими фаъолиятро дар соҳаҳои алоҳида нишон медиҳад, яъне бо роҳи муқаррар кардани қоидаҳои махсуси ғайритабъизии дастрасӣ дар ҳар як соҳаи фаъолияти инҳисори табиӣ. Дар навбати худ, танзими масъалаҳои ғайритабъизии дастрасӣ ҳангоми хизматрасониҳо, молҳо ва инфрасохтор инҳисори табиӣ аҳамияти назаррас доранд"[141].

Субъектони инҳисори табиӣ дар баробари иҷрои ухдадориҳои худ бояд ҳуқуқҳои истеъмолкунандаро низ поймол намсозанд. Муаллифон И.А. Долматов, Е.А. Сальникова, М.А. Шутова ва Д.М. Бродов дуруст ифода менамоянд, ки: "Дар бахшҳои инҳисори табии иқтисодиёт тавозуни манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон аз ҷониби «дасти ноаёни бозор» муқаррар карда намешавад, нархҳо наметавонад натиҷаи рақобат байни

141 Якимова Д.А. Правовые аспекты соблюдения субъектами естественных монополий принципа добросовестности в гражданском праве// В сборнике: EUROPEAN RESEARCH сборник статей XXIII Международной научно-практической конференции. 2019. С. 83.

истеҳсолкунандагон барои ҳуқуқи қонеъ намудани талаботи мавҷуда бошад. Аён аст, ки барои танзими онҳо дахолати давлат зарур аст”[142].

Бо назардошти ин воқеият дар моддаи 19 Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007, № 235 “Дар бораи инҳисороти табиӣ” муқарар шудааст, ки истеъмолкунандаи хизматрасониҳои субъекти инҳисори табиӣ ҳуқуқ дорад: молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти инҳисори табииро тибқи тартиб ва тарифҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдор харидорӣ намояд, насби асбобҳои баҳисобгирандаро барои хизматрасонии воқеӣ талаб кунад; ба мақомоти ваколатдор дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарор, қабули қарори нав ё бекор кардани қарорҳои амалкунанда бо ариза муроҷиат намояд; нисбат ба амали (беамалии) мақомоти ваколатдор, инчунин қарори қабулнамудаи он ба суд шикоят кунад; ба мақомоти ваколатдор ва суд нисбат ба амали (беамалии) субъекти инҳисори табиӣ, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, шикоят кунад; дар муҳокимаи оммавии масъалаҳои ба фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ алоқаманд иштирок кунад; аз дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, истифода барад[143].

Дар бораи вижагиҳои мақоми ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ сухан ронда, дар атрофи вазифаву нақшаҳое, ки онҳо иҷро менамоянд, таҳлилро ба анҷом мерасонем. Муқаррар сохтани вазифаҳое, ки субъектҳои инҳисори табиӣ бинобар коркарди муодилҳои сершумориислоҳотсозӣ, зиддиинҳисоркунӣ сохтордигаркунии онҳо иҷро менамоянд, хело муҳим арзёбӣ мегардад. Инак қайд кардан зарур аст ва инро аксари муҳаққиқон эътироф менамоянд, ки аҳамияти инҳисори табиӣ барои иқтисодиёт хело бузург аст[144].

[142] Долматов И.А., Сальникова Е.А., Шутова М.А., Бродов Д.М. Модернизация системы тарифного регулирования и проблема эффективности деятельности субъектов естественных монополий// Экономика и управление. 2010. № 8 (58). С. 61.

[143] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 168; с. 2008, №10, мод. 814; с. 2013, №12, мод. 899; с. 2015, №11, мод. 977; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1460.

[144] Моспан А. Место, роль и классификация естественных монополий в макроэкономических системах// Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. 2009. № 1 (71). С. 66-69; Сапожникова Н.Т. Социально-экономическая роль естественных монополий// Уровень жизни населения регионов России. 2006. № 5-6 (99-100). С. 71-78; Радюкова Я.Ю. Роль и место естественных монополий в системе экономической безопасности страны// Социально-экономические явления и процессы. 2011. № 7 (29). С. 154-157; Радюкова Я.Ю. О роли глобализационных тенденций в развитии современных естественных монополий// В сборнике: Глобальные

Ҳамзамон, нақши субъектҳои инҳисори табиӣ дар вазифаҳои иҷрокунандаи онҳо зоҳир меёбад: Аввало, дар шароити инҳисори табиӣ субъектҳои хоҷагидор маҳсулотҳои барои кори ҷомеа хело муҳимро истеҳсол мекунанд. Аҳамияти иҷтимоии маҳсулоти инҳисорҳои табииро бо ягон роҳ чен кардан мушкил аст, зеро ки ифодаи он дар нархҳо тасаввуроти дурустро намедиҳад. Чунин тасаввуротро баъд аз истифодаи муқоиса аз рӯи принсипи мӯсодира гирифтан мумкин аст. Яъне арзиши чунин маҳсулот дар набудани он равшантар тасвир мегардад. Масалан, мусодираи қувваи барқ, нафт ва газ барои тамоми иқтисодиёти миллӣ ба фалокат баробар аст. Натиҷаи ивазнашавандагии маҳсулоти инҳисори табиӣ чунин хусусияти бозоргони он, мисли номавзунияти талабот ба он мебошад. Бинобар ин,бори дигар қайд мекунем, ки маҳсулоти субъектҳои инҳисори табиӣ беҳбудии иқтисодӣ дар истифодаи иҷтимоӣ ҳисоб меёбад. Баъдан, субъектҳои инҳисорҳои табиӣ вазифаи ташкилу ҷонибдорӣ азфазои ягонаи иқтисодиро иҷро менамоянд. Ин равшантар дар мисоли шабакаҳои роҳи оҳан, ки минтақаҳои гуногуни мамлакатро ба ҳам мепайвандад, инчунин хатҳои интиқоли барқ ва қубургузарон алоқаманд мекунад. Ин вазифа барои Тоҷикистон бинобар иқлими гуногун, дурии ҷуғрофии конҳои табиӣ аз ҷойҳои коркард ва истеъмоли онҳо аҳамияти хосса дорад. Ба ибораи дигар, субъектҳои инҳисорҳои табиӣ вазифаи якҷоякунандаву систематашкилкунандаро дар ташкили фазои иқтисодӣ иҷро менамоянд. Сеюм, фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ барои тамоми иқтисодиёти мамлакат вазифаи устуворкунандаро иҷро менамояд. Дар қиёс бо субъектҳои хоҷагидори дигар соҳаҳо онҳо мавқеи устувортар доранд, фондҳои асосие, ки онҳо истифода мебаранд, ба куҳнашавӣ камтар дучор мегарданд. Чунин хусусият имкон медиҳад,ки онҳоро чун пояи барқароркунии фаъолнокшавии иқтисодӣ баъд аз таназзул баррасӣ созем. Дар шароити пасравии фаъолнокии маблағгузорӣ онҳо метавонанд вазифаи захираро иҷро карда, сарчашмаи маблағгузории соҳаҳои дигари иқтисодиёт гарданд.

---

проблемы модернизации национальной экономики Материалы III Международной научно-практической конференции (заочной). 2014. С. 304-310; Казакова С.В. Естественные монополии и их роль в экономике// В сборнике: актуальные проблемы социально-экономического развития СКФО. Сборник научных трудов по материалам региональной научно-практической конференции СтГАУ. Ставропольский государственный аграрный университет. 2015. С. 48-51.

Чорум, фаъолияти субъектҳои инҳисорҳои табиӣ ба таъмини амнияти миллии мамлакат таъсири бевосита мерасонад. Ғайр аз кафолати амнияти иқтисодӣ ин ҳамчунин бо он алоқаманд аст, ки қисми зиёди маҳсулоти онҳо аҳамияти калони мудофиавӣ дорад. Баъзе соҳаҳои хусусияти инҳисори табиидошта ,масалан, қувваи барқ, ҳарчанд аҳамияти бевоситаи мудофиавӣ надоранд, ба вазъи амнияти миллӣ таъсири худро мерасонанд. Аз даст додани назорати давлатӣ аз болои ин соҳаҳо барои мамлакат маънои аз даст додани истиқлолиятро дорад. Ахиран, соҳаҳои фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ тароҷотташкилкунанда мебошанд. Дараҷаи нарху тарофаҳо ба маҳсулоту хизматрасониҳои онҳо ба сатҳи умумии нархҳо дар мамлакат таъсир мерасонад.

Масъалаҳои самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии инҳисори табиӣ унсури муҳими ҳаёти кишвар ва амнияти иқтисодии он мебошанд[145]. Маҳз фаъолияти аҳамиятноки иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки аз тарафи субъектҳои инҳисори табиӣ амалӣ мегардад, боиси ба онҳо гузоштани уҳдадориҳои муҳими ҷамъиятӣ мегардад. Вазифаҳои ҷамъиятии онҳо танҳо баланд бардоштани дараҷаи фоидагирӣ ё даромад ба сармояи саҳҳоми нест. Субъектҳои инҳисорҳои табиӣ бояд ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти худро нисбати истеъмолкунандагон ва ҷомеа дар умум ба ҳисоб гиранд. Ба онҳо шомиланд: таъмини дастрасии маҳсулоти худ барои истеъмолкунандагон, яъне фурӯши он бо нархҳои муносиби иҷтимоӣ; таъмини ҳуқуқи афзалиятнок дар бастани шартномаҳо бо харидорон барои эҳтиёҷоти давлат, барои эҳтиёҷоти комуналӣ–маишӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон; мушкилии зиёд ё имконнопазирии қатъи хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагоне, ки уҳдадориҳои худро, аз ҷумла аз рӯи пардохт иҷро намекунанд.

Махсусияти фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ инчунин дар усулҳои танзими фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ ифода мебад. Чунки аз ҷониби мақомоти ваколатдор метавонанд усулҳои зерини танзими фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣӣ истифода шаванд:  танзими нархе, ки ба воситаи муайян ва тасдиқ намудани тарифҳо ва ё сатҳи ниҳоии онҳо амалӣ мегардад; муайян намудани истеъмолкунандагоне, ки хизматрасонӣ ба онҳо ҳатмист ва таъмини

145 Шамаев И.Н. Роль и место естественных монополий в Российской экономике// Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. 2011. № 2 (94). С. 33.

ҳадди ақали хизматрасонӣ ба онҳо дар сурати мавҷуд набудани имконияти қонеъ гардонидани тамоми талабот ба моли (кори, хизматрасонии) аз ҷониби субъектҳои инҳисори табиӣ истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) бо назардошти зарурати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон.

Мақомоти ваколатдор қарорро оид ба истифодаи усулҳои дар қонун пешбинишудаи танзим нисбати субъекти мушаххаси инҳисори табиӣ дар асоси таҳлили фаъолияти он, бо назардошти таъсири усули интихобшаванда ҳамчун омил барои баланд бардоштани сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ва ҳамчунин барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот нисбат ба онҳо қабул мекунад ва ҳамзамон, ба асоснокии хароҷот баҳо дода, ҳолатҳои зеринро ба инобат мегирад: хароҷоти истеҳсоли (фурӯши) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), аз ҷумла музди меҳнат, арзиши ашёи хом ва маҳсулот, хароҷоти иловагӣ; андозҳо ва пардохтҳои дигар; арзиши воситаҳои асосии истеҳсолӣ, талабот ба сармоягузорӣ барои азнавистеҳсолкунии онҳо зарурбуда ва ҳисобҳои истеҳлокӣ (амортизатсионӣ); фоидаи пешбинишаванда дар мавриди фурӯши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) аз рӯи тарифҳои гуногун; дурии гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон аз маҳали истеҳсоли молҳо; мутобиқати сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ба талаботи истеъмолкунандагон.

Мисоли услуи танзими нархӣ Тарифҳои неруи барқ ва гармӣ шуда метавонад, ки қарори Ҳукумати ҶТ аз 25 сентябри соли 2018, № 473 тасдиқ шудааст[146]. Дар асоси он мутобиқи моддаи 9 Қонуни ҶТ "Дар бораи инҳисороти табиӣ" ва моддаи 57 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" бо мақсади мусоидат намудан ба рушди соҳаи электроэнергетикаи кишвар, Ҳукумати ҶТ қарор кард Тарифҳои неруи барқ ва гармӣ, ки аз ҷониби Ширкати саҳомии холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик" ба истифодабарандагон интиқол дода мешавад (ба истисноби корхонаи воҳиди давлатии "Ширкати Алюминийи Тоҷик"), тасдиқ карда шаванд ва қарори мазкур аз 1 ноябри соли 2018 мавриди амал қарор дода

[146] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2018, № 473 "Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ"// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

шавад. Аз ин рӯ аз санаи зикрушда барои аҳолӣ, бо дар назар доштани андоз аз арзиши иловашуда 19,37 дирам барои 1 кВт соат муқарар карда шуд.

Мисоли муайян намудани истеъмолкунандагоне, ки хизматрасонӣ ба онҳо ҳатмист ва таъмини ҳадди ақали хизматрасонӣ ба онҳо дар сурати мавҷуд набудани имконияти қонеъ гардонидани тамоми талабот ба моли (кори, хизматрасонии) аз ҷониби субъектҳои инҳисори табиӣ истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) бо назардошти зарурати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009, № 302 “Дар бораи тартиб ва андозаҳои пардохти ҷубронпулиҳои иловагии унвонӣ барои хизматрасонии нақлиёт ба иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945”[147] шуда метавонад. Дар асоси ин қарор мутобиқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ветеранҳо" ва бо мақсади иҷрои банди 34 Нақшаи татбиқи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 2.1 Нақшаи асосии чорабиниҳо барои тайёрӣ ва ҷашнгирии 65-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, ки бо қарори Шӯрои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 10 октябри соли 2008 тасдиқ гардидааст, Ҳукумати ҶТ қарор кард аз 1 январи соли 2010 пардохти ҷубронпулии иловагии унвонӣ барои хизматрасонии нақлиёт ба иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ба андозаи зайл муқаррар карда шавад: барои истифодаи ҳамаи навъҳои нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ, наздишаҳрӣ ва нақлиёти автомобилии истифодаи умумӣ дар деҳот дар ҳудуди иоҳияи маъмурии ҷои истиқомат, инчунин дар нақлиёти роҳи оҳани наздишаҳрӣ ва автобусҳои хати ҳаракати наздишаҳрӣ ба андозаи 50 сомонӣ дар як сол; барои хароҷоти хариди бензин, қисмҳои эҳтиётӣ, инчунин хароҷоти тармиму хизматрасонии техникии автомобили сабукрави дастӣ идорашаванда ё мотоколяска ва барои дастрас намудани қисмҳои эхтиётӣ барои онҳо ба андозаи 20 сомонӣ дар як сол. Маблағи умумии ҷубронпулии унвонӣ ба андозаи 70 сомонӣ дар як сол муқаррар гардида, пардохти он бо таври иловапулӣ ба нафақаи

[147] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009, №302 "Дар бораи тартиб ва андозаҳои пардохти ҷубронпулиҳои иловагии унвонӣ барои хизматрасонии нақлиёт ба иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945"// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 анҷом дода мешавад.

Баъди таҳлили мафҳум ва вижагиҳои ҳолати ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ ба чунин хулоса омадан мукин аст: субъекти инҳисори табиӣ субъекти хоҷагидорӣ мебошад, ки бо хизматрасониҳо бо истеъмолкунандагон дар шароити инҳисори табиӣ машғул аст. Субъекти инҳисори табиӣ дар соҳаи манъи умумӣ, ки аз тарафи давлат ташкил мегардад, ҳуқуқи махсус дорад. Манъ муносибати манфии давлатро ба инҳисорот ва самти сиёсати давлат ба дастгирӣ ва рушди рақобат чун муқобили инҳисорот ифода мекунад. Ҳамзамон, ҳуқуқи махсус аз тарафи худи давлат пешниҳод мегардад ва ба таври қонунӣ ба расмият даровarda мешавад.Чунин хулоса бо маълумотҳои ҳуқуқи мусбӣ тасдиқ мегардад. Субъекти инҳисори табиӣ ба гуруҳи ашхос дохил шуда, ҳарчанде ки расман шахси ҳуқуқии мустақил ҳисоб меёбад, аммо аз ҷиҳати иқтисодӣ аз дигар иштирокчиёни гуруҳ вобастагии пурра дорад, бо онҳо манфиатҳои умумӣ дорад. Дар чунин шароит ташаккули ирода ва ифодаи он аз тарафи инҳисорчии табиӣ мустақилона амалӣ намегардад. Изҳори иродаи ӯ таҳриф карда шудааст.

# БОБИ 2. МАХСУСИЯТИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТОНИ ИНҲИСОРИ ТАБИӢ

## 2.1. Асосҳои молумулкии фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ

Танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ ва самаранокии ин фаъолият бо шаклҳои ҳуқуқии моликият ҳамчун асос барои пешбурди фаъолияти субъектони хоҷагидор алоқаманд мебошанд. Мустақилияти молумулкии инҳисорчиёни табиӣ нишонаи асосии махсусияти онҳо ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Мавҷудияти молумул шарти ҳамагуна фаъолияти иқтисодӣ мебошад.

Барҳақ Д.Ш. Сангинов такид менамояд, ки: "Барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ соҳибкор бояд молу мулки муайян дошта бошад. Ба даст овардани фоида аз истифода бурдани молу мулк яке аз шаклҳои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Молу мулк барои таъмини фаъолияти соҳибкорӣ восита мебошад. Доштани молу мулк шарти зарурии ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Доштани молу мулки мустақил яке аз шартҳои эътироф намудани таъсиси шахси ҳуқуқӣ мебошад. Дар ташкилот худи факти мавҷуд будани молу мулки мустақил дар ҳаҷми муайян аҳамияти ҳуқуқӣ дорад. Набудани молу мулк мумкин аст, ки барои бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ ё барои гирифтани иҷозатнома монеа шавад. Истилоҳи «молу мулк» барои ифодаи ашё, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, инчунин ҳуқуқи молумулкӣ истифода мешавад. Ҳуқуқи молумулкӣ ҳуқуқи шахс оид ба талаб кардани додани молу мулк ё дигар неъматҳои молумулкӣ мебошад"[148].

Ба истилоҳи амволе, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад, объектҳоеро низ дохил кардан мумкин аст, ки худ хусусияти моддӣ надошта, арзиши пулӣ доранд, аз ҷумла ҳуқуқхои амволӣ. Баъзан дар ҳуқуқ ва қонунгузорӣ истилоҳи "амвол" бахри тавсифи ҳолати молумулкии шахс истифода шуда, дар ин маъно на танҳо амвол ва ҳуқуқҳои амволӣ, балки уҳдадорҳои шахси мушаххас

[148] Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Воситаи таълимӣ. - Душанбе: «Андалеб-Р», 2014. - С.193.

низ ба он дохил карда мешаванд, аз ҷумла амволи корхона, амволи меросӣ. Намудҳои алоҳидаи амволе, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд, ҳам дар асоси нишонаҳои иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқӣ тасниф карда мешаванд[149].

Амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бе истифодаи молумулки муайян ғайриимкон мебошад. Зеро аз нуқтаи назари муносибатҳои бозорӣ, хусусияти муҳими ҳамагуна объекти дорои қобилияти муомилот дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода шудан, яъне имконияти ба бозор дохил шудан, объекти аҳдҳои гуногун будан ва ғайра мебошад. Ҳамин тавр истифодаи молумулк яке аз шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратие, ки дар муомилоти гражданӣ иштирок менамоянд дорои имконияти истифодаи молумулкро барои анҷом додани фаъолият вобаста аз андоза ва намуди ҳуқуқи ба онҳо тааллуқдошта доранд. Онҳо метавонанд ҳамагуна фаъолиятеро анҷом диҳанд, ки қонун манъ накардааст, аз ҷумла ҳамагуна аҳдҳоро бо риояи маҳдудиятҳои муқарраршудаи қонунгузорӣ содир намоянд. Истифодаи молумулк дар фаъолияти соҳибкорӣ бо баҳисобгирии он алоқамандии зич дорад. Ин ҳам барои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, ки бо мақсади банақшагирии хароҷотҳо барои нигоҳдории молумулк, дурнамои ҳаҷми фоида ва маблағҳо барои андоз, ташаккули фонди захиравӣ ва иҷтимоӣ татбиқ карда мешавад, ҳам барои ҳисоботи муҳосибӣ, ки ба истифодабарандагони беруна, аз ҷумла мақомоти танзимнамоии давлатӣ имконият медиҳад маълумотро дар бораи ҳолати молумулкии фаъолияти субъекти соҳибкорӣ дошта бошанд, зарур мебошад[150].

Барои субъектони инҳисори табиӣ низ мавҷудияти молумулк асоси пешбурди фаъолият мебошад. Аз ҷумла субъектҳои инҳисороти табиӣ ба Феҳристи субъектҳои инҳисороти табиӣ, ки аз бахшҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ иборат мебошанд, бо нишондоди намудҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандае, ки дар доираи танзими қонун қарор доранд, ворид

---

[149] Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. - Душанбе. 2007. - С. 58.

[150] Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ, монография. - Душанбе, 2018. - С. 230.

мегарданд[151]. Қоидаҳо оид ба Феҳристи субъектҳои инҳисороти табиӣ дар Вазорати адлияи ҶТ аз 21 июни соли 2007, №271 бақайд гирифта шудааст[152].

Аз сабабе, ки фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ дар соҳаҳои истеҳсол, ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ, истеҳсол, харид ва интиқоли гази табиӣ тавассути қубурҳои магистралӣ ва (ё) тақсимкунанда, истифодаи дастгоҳҳои газтақсимкунанда ва қубурҳои газгузаронии ба онҳо вобаста, истеҳсол, интиқол ва (ё) тақсими нерӯи барқ ва (ё) гармӣ, ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан, терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэронавигатсия, алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ, хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия, ҳамлу нақл тавассути роҳҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ асосҳои молумулкии фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ низ қубурҳои магистралӣ, хатҳои интиқоли нерӯи барқ ва гармӣ, нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ, алоқаи барқӣ, почта, телекоммуникатсия баромад мекунанд.

Дар навбати аввал масъалаҳои мансубияти ин молумулки субъектони инҳсори табиӣ ба категорияи манқул ё ғайриманқул ба миён меояд. Ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул) инҳо дохил мешаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, ниҳолҳои бисёрсола ва молу мулки дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст. Ба молу мулки ғайриманқул инчунин киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст, дохил мешаванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Ашёе, ки ба молу мулки ғайриманқул дохил намешавад, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, манқула дониста мешавад. Бақайдгирии ҳуқуқ

---

[151] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №235 “Дар бораи инҳисороти табиӣ”// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 168; с. 2008, №10, мод. 814; с. 2013, №12, мод. 899; с. 2015, №11, мод. 977; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1460.
[152] Қоидаҳо оид ба Феҳристи субъектҳои инҳисороти табиӣ дар Вазорати адлияи ҶТ аз 21 июни соли 2007, №271// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

ба ашёи манқул ғайр аз ҳолатҳои дар қонун зикргардида зарур нест (моддаи 142 КГ ҶТ).

Низоми қубурҳои магистралии нафту газ унсурҳои муҳимтарини низоми энергетикӣ, пайвандгари калидӣ дар комплекси сӯзишворию энергетикӣ ва омили бузурги субот ва рушди иқтисодӣ мебошанд. Ин низом даромадҳои асъориро таъмин мекунанд, ки барои кишвар аҳамияти муҳим доранд ва ба танзими давлатии бозори дохилии нафту газ ва ба содироти карбогидридҳо мусоидат мекунанд[153].

Қубурҳои саноатӣ ва магистралӣ намудҳои гуногуни маҳсулотро интиқол медиҳанд. Тавасути ин қубурҳо газ, нафт, об ва дигар моддаҳо ба ҷойҳое мераванд, ки онҳо эҳтиёҷоти истеъмолкунандагони маишӣ ва истеҳсолӣ, корхонаҳои коркард ва дигар иншоотро қонеъ маегардонад. Имрӯзҳо қубурҳо дар инфрасохтори бисёр кишварҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Қубурҳои магистралӣ ба иқтисодиёт, саноат таъсир мерасонанд ва зиндагии мардумро таъмин мекунанд[154].

Қубурҳои магистралӣ объекти шохроҳҳо мебошад, ки ба мафҳуми комплекси ягонаи амволи ғайриманқул дохил шуда, дар баробари ин бо назардошти маҷмӯи категорияҳои муқаррарнамудаи қонунгузории гражданӣ дорои таиноти ягона ва пайвастии технологӣ ва физикӣ аст[155].

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 22 июни соли 2012, №20-V ЗРК "Дар бораи қубурҳои магистралӣ" қубури магистралӣ маҷмӯи ягонаи истеҳсолӣ ва технологӣ мебошад, ки аз қисмати шохроҳҳо ва иншоотӣ иборат буда, интиқоли бехавфи маҳсулотро таъмин мекунад ва ба талаботи регламенти техникӣ ва стандартҳои миллӣ ҷавобгӯ мебошад[156]. Тибқи қисми 2 моддаи 117

---

[153] Агафонов В.Б., Калашников В.В. Правовые проблемы обеспечения транзита нефти и нефтепродуктов по магистральным трубопроводам// Проблемы экономики и управления нефтегазовым комплексом. 2009. № 5. С. 40.

[154] Корепанов К.В. Правовое регулирование транспортировки нефти и газа по магистральным трубопроводам по законодательству государств - членов Евразийского экономического союза// Международное публичное и частное право. 2016. № 3. С. 11.

[155] Корепанов К.В. Правовое регулирование транспортировки нефти и газа по магистральным трубопроводам// Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук / Московский государственный юридический университет им. О.Е. Кутафина (МГЮА). Москва, 2016. С.10.

[156] Закон Республики Казахстан от 22 июня 2012 года №20-V ЗРК «О магистральном трубопроводе»//В редакции Законов Республики Казахстан от 11.04.2014 г. №189-V ЗРК, 16.05.2014 г. №203-V ЗРК (вступил в силу 21.11.2014), 29.09.2014 г. №239-V ЗРК, 07.11.2014 г. №248-V ЗРК, 29.12.2014 г. №269-V ЗРК, 29.12.2014 г.

Кодекси граждании Казоқистон бошад қисми хатти қубурҳои магистралӣ намуди молу мулки ғайриманқул мебошад[157].

Далелҳои овардашуда ба хулосае меорад, ки қубурҳои шоҳроҳҳо ва ҳам хатҳои интиқоли барқ ба категорияи молумулки ғайриманқул шомиланд. Бинобар ин, риояи моддаи 143 КГ ҶТ, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз 20 марти соли 2008, №375 [158] зарур аст. Санадҳои мазкур ҳатмӣ будани бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба молумулки ғайриманқул ва бо он додугирифтро пешбинӣ менамояд. Бақайдгирии давлатии молумулки ғайриманқул санади ҳуқуқиест дар бораи аз тарафи давлат эътирофу тасдиқ гардидани ташкил, тағйирёбӣ ё қатъи мавҷудияти молумулки ғайриманқул. Бақайдгирии давлатии молумулки ғайриманқул новобаста аз шакли моликият амалӣ мегардад. Молумулки ғайриманқул аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии ташкил, тағйирёбӣ, қатъшавии мавҷудият ташкилшуда, тағйирёфта, мавҷудияташ қатъгашта ҳисобида мешавад. Ба қайдгирии давлатӣ оид ба ташкил,тағйирёбӣ ва қатъи мавҷудияти молумулки ғайриманқул танҳо аз рӯи тартиботи судӣ беэътибор дониста мешавад.

Бояд қайд кард, ки қубурҳои шоҳроҳҳо, хатҳои интиқоли барқ объектҳои хосу мураккабтаркиби ҳуқуқҳои граждани мебошанд. Ба ҳайати онҳо иншooту асбобҳо, дастгоҳҳои гуногуне дохил мешаванд, ки дар маҷмӯъ бояд ҷараёни ягонаи истеҳсолӣ–техникиро амалӣ гардонанд. Истисноии дилхоҳ унсур ба вайроншавии системаи умумӣ оварда мерасонад[159].

Вижагиҳои базаи молумулкӣ, ки ҳангоми хизматрасониҳои инҳисори табиӣ доир ба бакорандозии объектҳои қубури шоҳроҳҳои кашонандаи нафту газ истифода мегардад, дар Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» аз

---

№271-V ЗРК, 05.05.2015 г. №312-V ЗРК, 29.10.2015 г. №376-V ЗРК, 28.12.2016 г. №34-VI ЗРК, 26.12.2017 г. №124-VI ЗРК, 27.12.2017 г. №126-VI ЗРК (вступил в силу 29.06.2018), 24.05.2018 г. №156-VI ЗРК, 05.10.2018 г. №184-VI ЗРК, 02.04.2019 г. №241-VI ЗРК).

[157] Гражданский кодекс Республики Казахстан от 27 декабря 1994 года. Общая часть// В редакции Указов Президента, имеющих силу закона, от 31.08.1995 г. с изменениями и дополнениями от 02.07.2018 г. №168-VI ЗРК.

[158] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008, №375 "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №3, мод. 194; с. 2013, №7, мод. 525; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1502; аз 20.06.2019 с., №1629.

[159] Григорьева О.А. Правовое регулирование естественный монополий: Дис. ... канд. юрид. наук., М.: РГБ, 2003. С. 148.

18 марти соли 2015, №1190[160] инъикос ёфтаанд. Мувофиқи моддаи 1 ҳамин Қонун, иншооти қубурҳои интиқоли нафт ва газ – маҷмӯи қубурҳо, ки тавассути онҳо нафт ва газ ба истифодабарандагон интиқол дода мешавад. Иншооти қубури магистралии нафт ва газ – иншооти муҳандисие, ки аз қисми хатти қубур, таҷҳизоти рӯизаминии ба он алоқаманд барои ҳамлу нақли нафту газ, инчунин қубурҳо то нуқтаи бор кардани нафт ва газ иборат аст. Қубурҳои шоҳроҳҳо қубурҳоеанд бо диаметри то 1420 мм бо фишори беҳад зиёди беш аз 1,2 МПа (12кгс/см 2)то 10 МПа (100 кгс/см 2) ки барои кашонидани карбогидридҳо аз ҷойи истеҳсол ба ҷойи истеъмол таъин шудаанд.

Хизматрасониҳои алоқаи дастраси почтавӣ ва барқӣ, ки ба соҳаи инҳисори табиӣ мансубанд, ҳамчунин бо истифодаи молумулки махсус алоқаманд аст. Аз рӯи муқаррароти моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, №39 «Дар бораи алоқаи почта», алоқаи почта қисми ҷудонашавандаи инфраструктураи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва дар қаламрави он чун комплекси ба ҳам пайванди истеҳсолию хоҷагӣ, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ, ки ба хизмати алоқаи почта пешбинӣ шудааст, амал менамояд[161].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини алоқаи почта амал мекунанд:

– алоқаи почтаи истифодаи умумӣ, ки аз тарафи ташкилтҳои давлатии алоқаи почта, инчунин дигар операторони алоқаи почта ба амал бароварда мешавад;

– алоқаи махсус– қабул ва бурда расонидани муросилоти махсус, махфӣ, ки дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурҳои махсус;

– алоқаи давлатии фелдегерӣ, ки онро ҷузъҳои хизмати давлатии фелдегерӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ»[162] ба амал мебароранд.

---

[160] Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, №1190 "Дар бораи нафт ва газ"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 212.

[161] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003, №39 "Дар бораи алоқаи почта"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 462; с. 2004, №5, мод. 341; с. 2007, №7, мод. 684; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 412, мод. 413; Қонуни ҶТ аз 14.11.2016 с., №1370.

[162] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002, №74 "Дар бораи алоқаи фелдегерӣ"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №11, мод. 705.

Алоқаи фелдегерӣ яке аз намудҳои алоқаи почтавӣ мебошад, ки тавассути он ҳуҷҷатҳои муҳим ва асосан махфиро хаткашонҳои махсуси низомӣ бурда мерасонанд. Алоқаи фелдегериро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлатӣ – хадамоти давлатии фелдегерӣ таъмин менамояд, ки он қисми таркибии қувва ва воситаҳои таъмини амнияти давлатӣ буда, муҳофизати манфиатҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судиро ба амал мебарорад, инчунин ба мақсади муҳофизати манфиатҳои давлатӣ амал мекунад. Сохтор ва тартиби фаъолияти мақомоти мазкур бо Низомномае, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, муайян мегардад.

Таҳлили тафсироти меъёрӣ ба хулосае меоранд, ки қонунгузор молумулкеро баррасӣ менамояд, ки бо ёрии он субъекти инҳисории табиӣ ба сифати маҷмӯи ягонаи истеҳсолӣ амал мекунад ва аз объектҳои аз ҷиҳати технологӣ,ташкили ва иқтисодии бо ҳамдигар алоқаманд ва идорашавандаи истеҳсолӣ таркиб меёбад. Талаботҳои муомилоти гражданӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки аксаран ба сифати объекти мустақил зарурат ба ҷудо кардани на танҳо ашёи алоҳида, балки маҷмӯи ашёҳое, ки бо иҷрои вазифаҳои умумӣ муттаҳид мегарданду мустақил нестанд, ба вуҷуд меояд. Сарфи назар аз номавҷудияти ишора ба чунин объекти хосса дар қонунгузории гражданӣ, таҷрибаи хоҷагидорӣ намунаҳои сершумори истифодаи чунин ислоҳотро медиҳад.

Ҳатто ҳангоми набудани ишора ба маҷмӯи молумулкӣ ба сифати объекти мустақили ҳуқуқҳои гражданӣ дар КГ ҶТ қонунгузорӣ дар баъзе ҳолатҳо бо чунин категория бе алоқа бо корхона амал мекунад.

Қобилияти гардиши чунин объектҳо, чун маҷмӯи ягонаи истеҳсолӣ–технологӣ, аён аст. Бинобар ин, бо ақидаи олимоне, ки баррасии маҷмӯи молумулкиро ба сифати объекти мустақили ҳуқуқҳои гражданӣ[163], инчунин баррасии таносуби мафҳумҳои «маҷмӯи молумулкӣ»ва «корхона»–ро чун намуд пешниҳод менамоянд, розӣ шудан мумкин аст[164]. Маҷмӯи молумулкӣ танҳо дар ҳолате корхона мегардад, вақте ки тавассути мазмуни зуҳуроти молӣ ва ҳатмии он

[163] Зинченко С.А., Лапач В.А., Шапсуров Д.Ю. Проблемы объектов гражданских прав. –Ростов–на–Дону, 2001. С.144.
[164] Белых В.С. Предприятие как имущественный комплекс и субъект предпринимательской деятельности: Правовое положение субъектов предпринимательской деятельности. – Екатеринбург, 2002. С. 290.

иштироки субъект–молик дар муомилоти гражданӣ амалӣ мегардад, даромади устувор ба даст оварда мешавад, неъматҳои моддӣ пайдо мешаванд[165].

Дар фаъолияти соҳибкорӣ маҷмӯи амволи тиҷоратӣ истифода мешавад, ки ба корхона мутаалиқ буда наметавонанд. Ин муқаррарот ба он асос ёфтааст, ки аз як тараф дар санадҳои меъёрӣ намудҳои алоҳидаи маҷмӯаҳои амволи тиҷоратӣ дарҷ шудаанд. Охирин аз нуқтаи назари муайянкунии қонунгузорӣ хусусиятҳои хоси худро доранд, ки онҳоро ба корхона дохил намудан ғайриимкон аст. Аз тарафи дигар (назариявӣ), байни корхона ва дигар маҷмӯи (комплексҳои) тиҷоратӣ фарқият ҷой дорад, ки дар ҳадаф ва ташкили онҳо ифода меёбад[166].

Зери мафҳуми ашёи мураккаб маҷмӯи ашёҳои якхела ё гуногуне фаҳмида мешавад, ки қисман мустақил, вале бо таъиноти умумии хоҷагидорӣ ва ғайра (маҷмӯи бисоти бино, асбобу анҷоми хурокхурӣ, китобхонаи махсус ва ҳ.к.) алоқамананд. Ҳамзамон, ягон ашёи номбаршудае, ки ба таркиби ашёи мураккаб дохил мешавад, нақши ашёи асосиро нисбат ба ашёҳои боқимонда бозида наметавонад. Аз рӯи қоидаҳои умумӣ ашёҳои мураккаб ҷудонашавандаанд, зеро ки ҳангоми тақсимкунии онҳо ашёҳои алоҳида мисли ашёи мураккаб ба таъиноти худ ҷавобгӯ шуда наметавонад. Илова бар ин, тақсими ашёи мураккаб, чун қоида, ба камшавии арзишнокии ашёҳои алоҳида оварда мерасонад. Аммо иштирокчиёни додугирифт умуман дилхоҳ ашёи мураккабро тақсимшаванда ҳисоб карда метавонанд (ба истисно ҳолатҳое, ки ашёи мураккаб ба таври махсус аз тарафи қонун ҳимоя мегардад).

Ашёҳои мураккабе, ки аз ашёҳои гуногун таркибёфта, ягонаи том мебошанду истифодаи онҳоро аз рӯи таъиноти умумӣ дар назар дошта, чун як ашё баррасӣ мегарданд. Ашёҳои аз ҳама мураккаб асосан оддиянд. Аммо ҳангоми дарки принсипҳои оддтарин, ки асоси ашёҳои ҳатто мураккабтаринро ташкил медиҳанд, муҳаққиқ ба мушкилиҳои калон дучор мегардад. Барои бартараф сохтани мушкилот,пеш аз ҳама,доштани ғоя, фарзия, назарияи умумӣ, ки шарҳи фактҳои мушоҳидашавандаро қонеъ мегардонад ва аз рӯи онҳо санҷиши озмоишӣ

[165] Степанов С.А. Недвижимое имущество в гражданском праве. М., 2004. С. 21.
[166] Лаптева А.М. Соотношение предприятия как имущественного комплекса и иных "коммерческих" имущественных комплексов// Вестник Санкт-Петербургского университета. Право. 2010. № 1. С. 21.

гузаронида мешавад, муҳим аст. Аз худ мепурсем: ашёҳои мураккаб дар илм кай муфид ва фоидаовар мегарданд. Аввало, вақте, ки дар асоси ин ашёҳо пешниҳоди технологияе, ки ба сохтани ягон маҳсулот оварда мерасонад, муяссар мешавад. Масалан мо кампютери шахсӣ дорем. Методҳои лоиҳакашӣ, ҳисоббарорӣ ва муътадил гардонии микросхемаҳо хело мураккаб, калон ва қимат буда метавонанд. Аммо худи мавҷудияти чунин маҳсулот, донишҳои сершумор ва маълумотҳоро аз соҳаҳои гуногун аз механикаи квантӣ то микроиқтисодиёт маҳдуд месозад.

Тавсифотҳои иқтисодӣ ва техникии маҷмӯи молумулк, ки дар ҷараёни амалигардонии намудҳои инҳисори табии фаъолият истифода мегардад, аз он шаҳодат медиҳанд,ки онҳоро иншоотҳои мураккаби муҳандисӣ номидан мумкин аст. Чунончи, шабакаи барқӣ маҷмӯи зернеругоҳҳо, сохторҳои тақсимкунанда ва хатҳои пайвасткунандаи барқии онҳо, ки дар қаламрави ноҳия, нуқтаи аҳолинишини истеъмолкунандаи қувваи барқ ҷойгиранд, дар бар мегирад. Тибқи моддаи 2 Оинномаи нақлиёти роҳи оҳан аз 5 июни соли 2002 №244[167] зери мафҳуми нақлиёти роҳи оҳан яке аз намудҳои маҷмӯи нақлётии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз хоҷагиҳои гуногуну бо ҳам зич алоқаманд (лакомативӣ, вагонӣ, роҳӣ, энергетикӣ, сигналӣ, алоқавӣ) таркиб ёфта, маҷмӯи ягонаи истеҳсолию техникиро дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки маҷмӯи молумулки субъекти инҳисори табиӣ аз пайванди якчанд ашёҳои якхела ва гуногун иборат буда, дар маҷмӯъ як мақсади умумӣ дорад–татбиқгардонии сикли ягонаи истеҳсолӣ–технологӣ. Чунин маҷмӯи аносири гуногун дар доираи ҳуқуқӣ бояд ба сифати воҳид, як ашё баррасӣ гардад. Аз рӯи тавсифоти дохилии худ ин ашё мураккаб мебошад. Тағйири қисмҳои таркибии он (камшавӣ, афзоиш, ивазшавӣ) моҳияти худи ашёро тағйир намедиҳад.

Бинобар ин, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ баррасии маҷмӯъҳои ягонаи технологии молумулкии субъектҳои инҳисори табиӣ на ба сифати корхона,балки чун ашёи мураккаб дурустар менамояд. Ба таркиби он, чун қоида, ашёҳои гуногун

[167] Оинномаи нақлиёти роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2002, № 244// Бонки марказии иттилооти хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

дохил мешаванд ва як қисми онҳо ғайриманқулу қисми дигарашон манқул мебошанд. Аломати пайвасткунандаи онҳо вазифаи умумии иқтисодӣ ҳисоб меёбад,ки онро онҳо ичро менамоянд. Ҳамзамон, имконияти татбиқи ин таъинот танҳо ҳангоми истифодаи тамоми маҷмӯъ дар умум чун воҳиди ягонаи хочагидорӣ ва истеҳсолӣ ҷой дошта метавонад[168].

Мувофиқи моддаи 147 КГ ҶТ агар ашёҳои гуногуне, ки як чизи ягонаву томро ташкил диҳанду истифодаи онҳо таъиноти умумиро дар назар дошта бошад,онҳо чун як ашё (ашёи мураккаб) баррасӣ мегарданд. Қубурҳои магистралӣ, хатҳои интиқоли барқ, бандару фурудгоҳҳо, системаҳои алоқа, дигар объектҳои молумулкӣ, ки дар намудҳои инҳисори–табиӣ фаъолият истифода мешаванд,ба ин меъёрҳо ҷавобгӯянд, яъне якчанд унсурҳои гуногунро дар бар мегиранду дар маҷмӯъ бояд як вазифаи умумиро ичро намоянд, маҳсулоти ягона(мол,хизматрасонӣ)–ро истеҳсол кунанд.

Тибқи қоидаи қисми 2 моддаи 147 КГ ҶТ амали созишномае, ки аз рӯи ашёи мураккаб баста мешавад, ба тамоми қисмҳои таркибии он паҳн мегардад, агар шартнома тартиби дигареро пешбини накарда бошад. Бинобар ин суоле ба миён меояд, ки аҳамияти амалӣ дорад–муайян намудани ҳудудҳои маҷмӯи молумулкӣ, ки дар асоси он субъекти инҳисори табиӣ фаъолият мекунад. Мураккабияти ҳалли ин масъала бо хоссагии шабакавии корхонае, ки газу қувваи барқро мекашонад ва хизматрасониро дар соҳаи алоқа ичро мекунад, асоснок мегарданд. Аз рӯи хусусияти хизматрасониҳо шабакаи нақлётӣ бояд аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ равона шавад.Бинобар ин,дараҷаи чунин хат хело калон буда метавонад, масалан,ҳангоми истихроҷи газ дар Балҷувон ва истеъмоли он дар Суғд. Бинобар эътироф гаштани тамоми қубури шоҳроҳҳо ба сифати ашёи мураккаби ягона, бояд дар назар дошт, ки дилхоҳ додугирифтҳо, масалан, шартномаҳо доир ба фурӯш, иҷора ва ғайра амали худро ба тамоми маҷмӯъ дар умум паҳн мекунанд, агар дар шартнома чизи дигаре ҷой надошта бошад.

Дар натиҷаи эътирофи маҷмӯъҳои ягонаи истеҳсолӣ–технологии субъектҳои инҳисори табиӣ чун ашёи мураккаб тавсифи умумии ҳуқуқии он бояд дода шавад.

---

[168] Григорьева О.А. Правовое регулирование естественный монополий: Дис. ... канд. юрид. наук., М.: РГБ, 2003. С. 148.

Маҷмӯъҳои молумулкӣ, ки дар ҷараёни амалигардонии намудҳои инҳисорӣ–табии фаъолият истифода мешаванд,ба молумулки инфиродии муайян бояд мансуб дониста шавад. Онҳо метавонанд аз дигар молумулк ҷудо гашта, аломатҳои хоси худро дошта бошанд. Маҷмӯи технологие, ки ки дар асоси он ин ё он субъекти инҳисори табиӣ амал мекунад, беҳамтост.Чунин хусусият ба он хос аст,ҳар чанде ки унсурҳои алоҳидаи таркибии он ба қатори ашёҳое дохил мешаванд, ки бо аломатҳои ҷинсии худ муайян мегарданд. Онҳо метавонанд, ки бо объектҳои мушобеҳ иваз карда шаванд. Илова бар ин,аксар қисмҳои маҷмӯӣ истеҳсолӣ баъд аз як вақти муайян ҳатман иваз мегарданд (қисмҳо, агрегатҳо ва ғайра.), чунки онҳо ба васоити фарсудашаванда мансубанд. Барои таҷҳизоту маводҳое, ки маҷмӯӣ ягонаи истеҳсолиро ташкил менамоянд, меъёрҳои амортизатсия муқаррар карда шудаанд.Нодирияти маҷмӯи ягонаи технологӣ бошад бо ҳамбастагии муайян,бо мувофиқати унсурҳои таркибии он,инчунин алоқамандии маҷмӯъ бо қитъаи замин асос меёбад. Масалан, кашонидани газ, нафт, маҳсулотҳои коркарди онҳо, кашонидани молҳо тавассути роҳи оҳан,интиқоли қувваи барқу гармидиҳӣ, хизматрасониҳои бандарҳо, фуругоҳҳо,терминалҳои нақлиётӣ ва намудҳои дигари фаъолият ҷойгиршавии статсионарии воситаҳои асосии истифодашавандаро дар назар доранд. Амалигардонии давраи ягонаи истеҳсолӣ мутобиқсозии устувори ҷисмонии таҷҳизоту иншоотҳоро ба қитъи замин талаб мекунад. Тасодуф нест, ки дар меъёрҳои қонунгузории махсус қоидаҳои махсус дар бораи замини қубурҳо, роҳи оҳан ва нақлиёти дигар пешбинӣ шудааст.

Ба заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, қубурҳои шоҳроҳҳо ва таъиноти дигар дар шаҳрҳо заминҳое, ки барои роҳҳои автомабилӣ, роҳи оҳан,нақлиёти обӣ ва ҳавоӣ,қубурҳои шоҳроҳҳо,хатҳои интиқоли барқ, заминҳои саноатӣ доир ба коркарди канданиҳои фоиданок ва дигар заминҳо кор бурда мешаванд, масубанд.Ба заминҳои қубурҳои шоҳроҳҳо (қубурҳои газу нафт) қитъаҳои замине дохил мешаванд,ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ҷойгиркунии бино ва иншоотҳои иловагӣ медиҳанд. Ин қитъаҳои замин ба дигар иншоотҳо низ хизмат расонида, баистифодадиҳии меъёрии ин соҳаро тибқи лоиҳаҳои техникӣ таъмин менамоянд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ,ки соҳиби қитъаҳои замин барои истифодаи

фаврӣ қад–қади қубурҳои шоҳроҳҳо гаштаанд, бо ба охир расидани сохтумон ин қитъаҳои заминро бояд ба ҳолати пешина оварда расонанд[169].

Ҳар як қитъаи замин нотакрор буда, аломатҳои ба худ хосеро дорад. Бинобар ин, маҷмӯи ин ё он қитъаи замин бо маҷмӯи ягонаи технологӣ нодир мебошад. Бояд гуфт,ки дар умум чунин объект ивазнашаванда ҳисоб меёбад.

Мантиқи таснифоти молумулкро идома дода,бояд қайд кард, ки маҷмӯъҳои технологии субъектҳои инҳисорҳои табииро ашёи ҷудонашаванда ҳисобидан лозим аст. Сухан дар бораи маҷмӯи ягонаи истеҳсолӣ (технологӣ) дар доираи як бозори молӣ меравад, ки аз тарафи як субъекти хоҷагидорӣ истифода мегардад. Тақсимот (ҷудокунӣ)–и ҷисмонии қисмҳои ба он дохилшаванда имконпазир аст. Аммо,дар натиҷаи тақсимот аносири маҷмӯи ягонаи молумулкӣ хоссагиҳо ва таиноти ибтидоии ашёро гум мекунанд.

Ба қавли дигар, ҳамаи ашёҳо, чун объектҳои моддӣ, тақсимшавандаанд, зеро ки тақсимшавандагӣ хусусияти худи материя мебошад. Г.Ф. Шершеневич барҳақ қайд мекунад, ки ҳам чалак (хум)–и вино ва ҳам ҳайкал (муҷассама)–и мармарин тақсимшавандаанд. Дар баъзе ҳолатҳо тақсимот ба нобуд сохтани мақсаде, ки барои он ашё сохта шудааст, масалан ба тақсим кардани раял ё ҳайкал баробар аст. Масалан, аз рӯи меъёрҳои қонунгузории граждании қаблан амалкунанда (тоинқилобӣ) қоидае вуҷуд дошт–ашё танҳо ҳамон вақт тақсимшаванда аст,вақте ки қисмҳои он ҳамон қадар том, вале ба шакли хурдтар воқеъ мегардад. Нисбати маҷмӯъҳои технологӣ тақсимнашавандагӣ дар он зоҳир мегардад, ки қисмҳои ҷудошавандаи онҳо моҳият ва аҳамияти иқтисодии томро гум мекунанд. Аммо тақсимнашавандагӣ аз ҷониби қонунгузор чун «тақсимнашавандагии қонунӣ» метавонад махсус мустаҳкам гардонида шавад. Роҳи оҳан бо тамоми мансубияти он» дар қонунгузории қаблӣ намунаи тақсимнашавандагии қонунӣ буданд. Ҳамзамон, дар олимони то инқилобӣ чунин муқаррароти қонун суолҳои зиёдеро ба вуҷуд овард; «...нофаҳмост, маҳз кадом қитъаи роҳҳои оҳан тақсимнашаванда мебошад: танҳо оне,ки аз рӯяш дар ибтидо хат гузаронида шуда буд ё ҳама

---

169 Моддаҳои 77(10), 85 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, № 326// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23–24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод. 176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; с. 2012, №4, мод. 269, №8, мод. 828; с. 2016, №11, мод. 879.

қитъаҳои дигаре, ки баъдтар ба молик ҳамроҳ гардида баданд? Тақсимнашавандагӣ бо муттасилияти хатҳо ва ё бо мансубият ба як субъект асоснок мегардад?[170].

Инчунин, истифодаи таснифоти ашёҳо ба истеъмолшаванда ва истеъмолнашаванда нисбати молумулки субъектҳои инҳисори табиӣ ҷолиби диққат аст. Дар умум ҳамаи ашёҳо истеъмолшавандаанд,чунки дар натиҷаи истеъмол онҳо қобилияти хизмат кардан ба он мақсади иқтисодие, ки барои он сохта шуда буданд, гум мекунанд. Аммо баъзе ашёҳо дар муомилоти гражданӣ вазифаи худро бо роҳи нобудшавии фаврӣ иҷро менамоянд. Ашёҳои дигар вазифаи худро ба таври дигар иҷро мекунанд–онҳо фавран нобуд намешаванд, ҳарчанд ки бо гузаштани як вақти муайян арзишнокии худро аз истифода гум мекунанд. Бинобар ин,зери мафҳуми ашёи истеъмолшаванда ашёе фаҳмида мешавад,ки истеъмоли он бе нобудшавии фаврии он ё тағйирдиҳии фаврии моҳияти онҳо имкон надорад. Ашёҳои истеъмолнашаванда, баръакс, ашёе мебошад,ки истеъмоли он бо нигоҳдории давомноки вазифаи иқтисодии он имконпазир аст. Тафовути баррасишаванда аксаран аз вижагиҳои табии ашёҳо ва баъзан аз он таъиноте, ки дар муомилоти гражданӣ ба онҳо дода мешавад, вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, додугирифт бо ашёҳои истеъмолнашаванда баргардонидани ашёҳое, ки барои истеъмол гирифта шуда бадаанд, дар назар дошта мешавад, зеро ки баргардонидани ашёҳои истеъмолшаванда имконнопазир аст.

Маҷмӯи ягонаи молумулкӣ, ки дар шароити инҳисори табиӣ истифода мегардад,ба ашёҳои истеъмолнашаванда мансуб мебошад. Дар натиҷаи истифодаи яккаратаи он нобуд намегардад,мавҷудияти худро ба намуди аввала идома медиҳад.Чунин объект барои истифодаи бисёркарата таъин мегардад. Намуду ҳолати ибтидоии худро он дурудароз нигоҳ медораду оҳиста–оҳиста фарсуда мешавад.

Дар асоси ин гуфтаҳо, маҷмуъҳои ягонаи истеҳсолот–технологии субъектҳои инҳисорҳои табииро чун ашёи мураккаб барраси кардан зарур аст.

---

170 Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права (по изданию 1907 года). – М: Фирма "СПАРК", 1995. С. 103.

Бинобар ин, ба моддаи 147, қисми 3 Кодекси граждании ҶТ илова намудани меъёре, ки мазмуни зерин дорад, мувофиқи мақсад мебошад: «Ашёи мураккаб маҷмӯи молумулке мебошад, ки бо мақсади умумии истеҳсолӣ–хоҷагидорӣ (қубурҳо, хатҳои интиқоли барқ, роҳи оҳан, бандарҳо,терминалҳои нақлиётӣ ва ғайра) муттаҳид гардонида мешавад».

Қайди аниқи чунин маҷмӯҳо дар қонун ба сифати ашёи мураккаб ба тақсим кардани онҳо роҳ намедиҳад. Ин унсури ҷиддии режими ҳуқуқии маҷмӯъҳои молумулкии технологӣ, ки аз тарафи субъектҳои инҳисори табиӣ корбурд мегарданд,ҳисобида мешавад.

Илова бар ин, маҷмӯи истеҳсолӣ–технологиро чун як намуди молумулк ба сифати объекти мустақили ҳуқуқҳои гражданӣ қайд кардан ва дар моддаи 140 Кодекси граждании ҶТ мустаҳкам намудан зарур мебошад. Меъёри моддаи мазкур дар таҳрири зерин бояд байён карда шавад: «Ба объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ ашёҳои зерин мансубанд: пул ва қоғазҳои қиматнок, молумулки дигар, аз ҷумла маҷмӯъҳои молумулкии истеҳсолӣ–технологӣ, ҳуқуқҳои молумулкӣ; кору хизматрасониҳо; иттилоот; натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, аз ҷумла ҳуқуқи мустасно ба онҳо (моликияти зеҳнӣ), неъматҳои ғайримоддӣ».

Чӣ тавре ки дар боло қайд гардид, ягонагӣ ва алоқаи байниҳамдигарӣ хусусияти базаи молумулкӣ мебошад, ки дар ҷараёни хизматрасонии инҳисорӣ–табиӣ истифода мегардад. Маҷмӯъҳои технологии субъектиҳои инҳисори табиӣ системаҳои истеҳсолиро дар бар мегиранд. Чунин системаҳо аксаран сохтори шабакавӣ доранд.

Ҳамчунин, боз як хусусияти объектҳои молумулкиро, ки аз ҷониби субъектҳои инҳисорҳои табиӣ истифода мегарданд, қайд кардан зарур аст. Яъне, ин ё он объекте, ки ба маҷмӯи технологӣ дохил мешавад, сифати қисми таркибии онро танҳо баъд аз шомилшавӣ ба системаи ягона пайдо мекунад. Танҳо баъд аз ин имконият барои истифода, истеъмоли хусусиятҳои фоиданоки он ба вуҷуд меояд. Яъне,танҳо дар ҳолати гирифтани мақоми унсури таркибии системаи ягона он сифатҳои неъмати иқтисодиро пайдо мекунад. Масалан, механизми идоракунии масофавӣ бо арматураи маҳкамшаванда танҳо ҳангоми воридсозии он

ба системаи қубурҳо аз рӯи таъинот истифода мегардад. Системаҳои сигналдиҳӣ ва идоракунии ҳаракати нақлиёти роҳи оҳан танҳо чун инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан метавонанд вазифаҳои худро иҷро намоянд. Истифодаи дигар самараи лозимиро намедиҳад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нисбати объектҳои маҷмӯи ягонаи истеҳсолӣ–технологии субъектҳои инҳисорҳои табииро ташкилдиҳанда режими махсуси ҳуқуқӣ амал мекунад. Онҳо таъиноти ҷиддии мақсаднок доранд ва сервазифа мебошанд.

Бояд қайд кард, ки маҷмӯъҳои технологии субъектҳои алоҳидаи инҳисори табиӣ дар навбати худ худмухтори мутлақ ҳисоб намеёбанд. Онҳо бо маҷмӯи мушобеҳи дигар,ки аз ҷиҳати ҷӯғрофӣ дар дигар минтақа ҷой гирифтаанд,алоқаманд мебошанд. Дар натиҷа системаи ягонаи ҳамгиро ба вуҷуд меояд. Сердараҷагӣ вижагии он мебошад: ба он унсурҳои дараҷаи маҳдуд,ки дар маҷмӯъ дар як режими технологӣ ва ташкилӣ амал мекунанд, дохил мешаванд. Объктивияти мавҷудият ва зарурати рушд мавҷудияти қонуниятҳоеро, ки ба ҳар як объекти таркибии системаи умумӣ изҳор мегарданд ва ҳамбастагӣ, самаранокии онҳоро таъмин мекунанд, муқаррар менамоянд.

Мураккабияти архитектоникаи базаи молумулкии субъектҳои инҳисори табиӣ зарурат ба интихоби шаклҳои лозимии ҳуқуқиро барои муқаррар кардани режими ҳуқуқии он, интихоби тарзҳои мувофиқи танзими ҳуқуқӣ ва назорат аз болои корбурди он муайян менамояд. Чунин муносибат қобили қабул аст, зеро ки талабот ба коркарди принсипу қоидаҳои кори якҷояи ҳамаи унсурҳои таркибии ба системаи миллӣ воридшаванда (таъминот бо барқ, газ, гармидиҳӣ; хизматрасонии роҳи оҳан ва ғайра), дарвоқеъ, вуҷуд дорад. Илова бар ин, ҳоло дар тамоми ҷаҳон ҷараёнҳои ҳамгирошавӣ ва ҷаҳонишавии системаҳои миллии энергетикӣ, нақлиётӣ, системаи алоқа дар системаҳои минтақавӣ ва ҳатто байналмилалӣ фаъолона сурат гирифта истодааст. Масалан, ҳанӯз соли 1996 Шветсия ва Норвегия бозори ягонаи қувваи барқро ташкил намудаанд. Моҳи июли соли 1998 ба ин бозор Финляндия ва аз июли соли 1999 қисми шарқии Дания ҳамроҳ шудаанд. Дар доираи Ҷомеаи Аврупо 19 декабри соли 1996 дар бораи мустақилсозии муносибатҳо дар бозори энергетикии Аврупои Ғарбӣ дастур қабул

карда буд. Ҳамин тариқ,барои ташкили як бозори умумии аврупоии қувваи барқ асос гузошта шуд. Эҳтимол аст, ки ба он баъдан Норвигия, Шветсия, мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ дохил мегарданд. Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ низ захираҳои энергетикии худро муттаҳид сохтаанд. Чорабиниҳои мушобеҳ дар соҳаи таъмин бо газ ва нафт, алоқа ва ғ. сурат мегиранд. Ташкили системаҳои муттаҳидшуда дар доираи ИДМ низ зарур аст, қонунгузорӣ дар як қатор ҳолатҳо шамоилҳои мавҷударо инъикос менамояд[171].

Ҳамин тариқ, вазифаи таъмини муттасилӣ ва мувофиқсозии ҳамаи объектҳое, ки ба таркиби маҷмӯи ягонаи истеҳсолӣ–технологии субъектҳои инҳисори табиӣ дохиланд, хело муҳим мебошад. Сохтори мураккаби технологӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ, ки ба он объектҳои аз тарафи субъектҳои инҳисори табиӣ истифодашаванда дохил мегарданд, танҳо дар ҳолати мавҷудияти маҷмӯи қоидаҳо, ки ба ҳамаи ашхоси дар кори ин система иштирокунанда ҳатмӣ мебошад, вазифаҳои худро метавонад самаранок иҷро намояд.Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар ин соҳа тавассути муқаррар сохтани чунин қоидаҳо ва ташкили назорат аз болои иҷрои онҳо амалӣ мегардад. Мақсади ниҳоии манъ ва маҳдудиятҳои муқарраршуда таъмини кори муттасили ҷараёни ягонаи технологӣ ва аз он ҳосил намудани самараи системавӣ мебошад.

Масълаи мувофиқати қисмҳои таркибии маҷмӯъҳои молумулкии субъектҳои инҳисори табиӣ, инчунин ҳамбастагии худи маҷмӯъҳои истеҳсолӣ дар системаи ягона дар дохили бозорҳои минтақавӣ ё умумиллӣ танҳо технологӣ ё ташкилӣ–иқтисодӣ намебошад. Қарори ёфташуда бояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкам ва бо кафолатҳои ҳуқуқӣ таъмин гардад.

Маҷмӯъаҳои ягонаи истеҳсолӣ–технологии субъектҳои инҳисори табиӣ ташкилаҳои сохтореро дар бар мегиранд, ки дар доираи онҳо алоқаву муносибатҳои муайян вуҷуд доранд. Дар умум ин зуҳуроти мураккаби тартиботи ғайримуқаррарӣ буда, талаботи ҳуқуқии он то ҳол мавзӯи омӯзиши алоҳида нагаштааст. Дар тадқиқоти мазкур як қатор масоили фаъолияти маҷмӯъҳои технологии субъектҳои инҳисори табиӣ гузошта шудааст. Кори мазкур ба ҳалли

[171] Ниг.: Мартынов К.К. Электроэнергетический рынок Швеции: политика ценообразования и экономическое регулирование/ Интерактивная наука. 2017. № 8 (18). С. 39-41.

ниҳоии масъалаҳои мувофиқ даъво надорад ва барои тадқиқотҳои минбаъда ҳамчун асос хизмат хоҳад кард.

Молумулки аз тарафи субъектҳои инҳисори табиӣ истифодашаванда, аз ҷумла қубурҳо ва хатҳои интиқоли барқ ба объектҳои хатарнок мансубанд. Мутобиқан, фаъолият доир ба корбурди онҳо бо хатари калон алоқаманд аст. Хатарнокии фаъолият ҳам бо мавҷудияти омилҳои хатарноки истеҳсолӣ дар ҷараёни кашонидани газ,нафт,маҳсулотҳои нафтӣ, интиқоли барқ ва ҳам бо хусусиятҳои хатарноки худи объектҳои кашонидашаванда муайян мегардад. Масалан, осеб дидани қубурҳо, вайроншавии хатҳои интиқоли барқ бо парвози шикастапораҳои металл, хок,ба муҳит афтидани маҳсулоти заҳрнок,инчунин ҷараёни баландшиддат ҳамроҳ мегардад.

Натиҷаҳои эътирофи молумулки аз тарафи субъектҳои инҳисори табиӣ ба сифати сарчашмаи хатари калони истифодашаванда корбурди шартҳои махсуси фарорасии ҷавобгарии граждан–ҳуқуқӣ мебошад. Тибқи моддаи 1094 КГ ҶТ соҳиби сарчашмаи хатари калонафзоянда барои зарари расонидааш, новобаста аз мавҷудияти гуноҳ дар зараррасонӣ,ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Барои озод намудани ӯ аз ҷавобгарӣ мавҷудияти қувваи муқовиматнопазир ё қасди ҷабрдида асоси ягона буда метавонад. Қонунгузор хосагиҳои молумулки субъектҳои инҳисори табиӣ ва аҳамиятнокии вазифаҳои иҷроменамудаи онҳоро бо мақсади танзими муносиби ҳуқуқӣ бо алоқаву муносибатҳои объективона мавҷуда ҳатман бояд ба ҳисоб гирад.

Ҳамин тариқ, ба моддаи 147 КГ ҶТ илова намудани қисми 3 бо мазмуни зерин мувофиқи мақсад мебошад: «Ашёи мураккаб маҷмӯи молумулке мебошад, ки бо мақсади умумии истеҳсолӣ–хоҷагидорӣ (қубурҳо, хатҳои интиқоли барқ, роҳи оҳан, бандарҳо, терминалҳои нақлиётӣ ва ғайра) муттаҳид гардонида мешавад».

## 2.2. Вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектони инҳисори табиӣ

Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа шакли асосии ҳуқуқии ҳама намудҳои фаъолияти шартномаи гражданӣ баҳисоб меравад. Худи инҳисори табиӣ ҳамчун шартномаи дарозмуҳлат байни давлат ва ташкилот баҳисоб меравад, ки дар шароити зарурат ба хизматрасонӣ ва мавҷудияти захираҳои гуногунсифат баромад мекунад. Вижагии ин шартнома дар он аст, ки инҳисорчиёни табиӣ дар ин ҷо ҳамчун субъектҳое баромад мекунанд, ки рафтори ба иҷора нигаронидашударо истифода мебаранд.

Дар шароити муосир шартнома воситаи муҳимтарини иҷтимоию ҳуқуқӣ мебошад, ки имкон медиҳад манфиатҳои ҷамъият ва давлатро бо манфиатҳои сохторҳои гуногуни коллективӣ ва манфиатҳои шахси алоҳида ҳамоҳанг намоем. Сарфи назар аз мушкилоти гуногун ва душвориҳои зиёд динамикаи муносибатҳои шартномавӣ ба таври возеҳ на танҳо ба мушкилии онҳо, балки ба тамоюлҳои мусбати рушд ва такмили минбаъда низ нишон медиҳад[172].

Ташкил намудани иқтисодиёти бозоргонӣ, ки баҳри боз ҳам иҷтимоикунонидани давлат равона шудааст, талаб менамояд, то фаъолияти бомуваффақият ва қатънашавандаи механизми идоракунӣ пешниҳоди истеҳсолотро ба талаботи афзояндаи инсон таъмин намояд. Ба ин раванд ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои шартномавӣ мусоидат менамояд. Дар шароити нави хоҷагидорӣ шартнома яке аз воситаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ мебошад[173].

Дар шартнома ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо, ҳамкории онҳо, ҳамчунин рафтори онҳо новобаста аз он ки дар қонун муқаррар шудан ё нашуданашон, инъикос карда мешаванд. Танзими шартномавии фаъолияти соҳибкорӣ, имконияти иштирокчиёни онро оид ба муқаррар намудани ҳамкориҳои соҳибкорӣ

---

[172] Возломитель М.В., Малышев С.Е., Попов А.Н. Договор и его роль в предпринимательских отношениях// Государство и регионы. 2012. № 1. С. 65.

[173] Саъдиев И.З.Танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе, 2019. – С.112.

ифода менамояд. Дар баробари ин, санадҳои қонунгузорӣ бояд шароити созгорро оид ба иҷрои шарномаҳо фароҳам оварад[174].

Олимони ватанӣ дар робита бо хусусиятҳои хосси шартномаҳои бахши соҳибкорӣ андешаҳои худро баён намудаанд. Д.Ш. Сангинов ва П.З. Мирзоев қайд менамоянд, ки хусусиятҳои шартномаи соҳаи соҳибкорӣ дар аломатҳои зерин ифода меёбад: 1) таркиби субъективии махсус; 2) мақсади ба даст овардани фоида ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ; 3) музднок будан; 4) баррасии баҳсҳо дар суди иқтисодӣ[175].

Субъектони инҳисори табиӣ вобаста ба намуди хизматрасоние, ки анҷом медиҳанд ба ҳайси тарафи шартнома баромад мекунанд. Масалан дар вақти хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ шартномаи хизматрасонии истеҳсол, ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ баста мешавад. Аммо дар КГ ҶТ чунин намуди шартнома чой надорад.

Дар адабиёти илмӣ низ баҳсҳои гуногун ҷой дорад. Масалан ба андешаи Н.Е. Ткаченко ин шартнома наметавонад ба намуди муайяни шартномаҳо, ки Кодекси граждании пешбинӣ шудааст, дохил гардад ва он мустақил асту дар номгӯи шартномаҳои КГ нест. Қонунгузор низоми мушаххаси санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳоро оид ба ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтиро қабул накардааст, ки ин боиси аз ҷониби ҳуқуқшиносон гуногунфаҳмӣ ва истифодаи усулҳои алоҳидаи тадбиқнамоиро пеш меорад. Дар ҷомеаи илмӣ оид ба ин мавзӯъ баҳсҳо идома доранд, ки масъалаи таснифи шартномаро оид ба интиқоли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ кушода мегузорад ва омӯзиши минбаъдаи доктриналиро талаб мекунад[176].

---

[174] Рахимов М.З. Договор как средсво достижения конечного результата предпринимательской деятельности // Избранные труды. – 2014. С. 410.

[175] Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2015. – С 325.

[176] Ткаченко Н.Е. Правовая квалификация договора, регулирующего отношения по транспортировке нефти и нефтепродуктов по магистральным трубопроводам// Наука и технологии трубопроводного транспорта нефти и нефтепродуктов. 2015. № 1 (17). С. 101.

Ҷанбаҳои гуногуни танзими шартномавӣ дар соҳаи энергетика торафт ба мавзӯи тадқиқи ҳуқуқӣ қарор гирифта истодаанд[177]. Хато аз ҷониби олимон пешниҳод шуда истодааст, ки санади кадификатсионии комплексӣ муқарраркунандаи принсипҳо ва қоидаҳои асосии танзими ҳуқуқӣ ва шартномавии муносибатҳо дар соҳаи энергетика қабул карда шавад. Чунин санад бояд дарбаргирандаи намунаи шартномаҳои таҳияшуда оид ба истифодаи энергия ва захираҳои энергетикӣ бошад[178].

Дар умум бояд эътироф намуд чунин шартномаҳо дар соҳаи истифодабарии қаъри замин, ба монандӣ, созишномаи консессионӣ, созишнома оид ба тақсими маҳсулот, конракти хизматрасон (конракт оиди пешниҳоди хизматрасонӣ) ҷой доранд[179].

Шартномаи дигаре, ки субъектони инҳисори табиӣ вобаста ба фаъолияти худ мебанданд, шартномаи хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, интиқол, тақсими нерӯи барқ ва гармӣ мебошад. Дар асоси моддаи 569 КГ ҶТ тибқи шартномаи таъмини барқ ташкилоти таъминкунандаи барқ уҳдадор мешавад, аз тариқи хати барқи васлшуда нерӯи барқ диҳад ва мизоҷ (абонент) бошад ӯҳдадор мегардад, ки арзиши барқи истифодашударо пардозад, инчунин низоми истифодаи онро, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, риоя намояд, таъмини бехатарии истифодаи шабакаҳои барқи таҳти ихтиёраш қарордошта, инчунин дастгоҳ ва таҷҳизоти истифода менамудаашро вобаста ба истифодаи барқ дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ дорад. Нисбат ба муносибатҳои шартномаи таъмини барқ, ки КГ танзим нанамудааст, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ оид ба таъмини барқ, инчунин қоидаҳои ҳатмии мутобиқи он қабулгардида истифода бурда мешаванд. Таҳлили КГ ҶТ далели он аст, ки оид ба ин масъала низ мухолифат ҷой дорад. Чунки

---

[177] Актуальные проблемы энергетического права: учебник / под ред. д.ю.н. В.В. Романовой. М.: Издательство «Юрист», 2015. С. 52–67, 89–164 ; Гаврилина Е.А. Система договорных связей на рынке нефти и нефтепродуктов. М. : Издательство «МГИМОУниверситет», 2016 ; Романова В.В. Договоры на строительство и модернизацию энергетических объектов. М. : Издательство «Юрист», 2010; Шевченко Л.И. Договорные отношения в сфере энергетики. М. : Издательство «МГИМО-Университет», 2015; Энергетическое право. Общая часть. Особенная часть : учебник / под ред. д.ю.н. В.В. Романовой. Изд. 2-е, перераб. и доп. М. : Издательство «Юрист», 2015. С. 125–187, 299–309, 380–389, 487–496, 554–563, 637–643

[178] Шевченко Л.И. Проблемные аспекты правоприменения по договорам поставки энергетических ресурсов// Правовой энергетический форум. 2017. № 2. С. 30.

[179] Буриев А.М. Таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе: 2018. – № 2 (10). – С. 91.

таъмини шартномаи таъмини барқ ҳамчун як зернамуди шартномаи хариду фурӯш дарҷ гардидааст.

Ин нуқсон аз ҷониби олимон низ пазирои наёфтааст. Аз ҷумла Т.Р. Сабирова қайд менамояд, ки “Гарчанде ки аз нуқтаи назари техникаи ҳуқуқӣ шартномаи таъмини барқ дуруст ба гурӯҳи «хариду фурӯш» дохил шудааст, мавҷудияти хусусиятҳои фарқкунандаи шартномаи таъмини барқ ва мавҷудияти бисёр намудҳои мавҷудаи энергия, ба хулосае меорад, ки ҷойи шартномаи таъмини барқ дар низоми шартномаҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ беназир аст. Илова бар ин доираи шартномаи таъмини барқ дар доираи гурӯҳи шартномавии "хариду фурӯш" дар шароити воқеияти ҳуқуқии муосир на танҳо самарабахш нест, балки хеле маҳдуд аст ва аз ин рӯ, бо мақсади пешгирӣ кардани ихтилофот дар амалияи ҳуқуқтадбиқнамоӣ, пешниҳод мешавад, ки шартномаи оид ба таъмини барқ ва захираҳои барқӣ тавассути шабакаҳои ба ҳам алоқаманд ба гурӯҳи мустақили шартномавҳо дохил карда шавад”[180].

Аммо баъзе олимон муқаррароти қонунгузории граждaниро нуқсон не, балки ифодаи воқеияти маҷуда баҳо медиҳанд. Масалан В.С. Каменков менависад, ки “КГ пешбинӣ менамояд, ки танзими ҳуқуқии таъминоти ҳама намуди энергия дар асоси шартномаи ягонаи таъмини барқ амалӣ карда мешавад. Дар он таснифнамоӣ ба шартномаҳои алоҳидаи таъмини барқ, газ, нафт, гармӣ, об ва ғайра вуҷуд надорад. Чунин шартномаҳо метавонанд дар амалияи иқтисодӣ баста шаванд, аммо онҳо як намуди шартнома оид ба таъмини барқ мебошанд. Инро қонунгузории амалкунанда тасдиқ менамояд”[181].

Шартномаи дигаре, ки субъектони инҳисори табиӣ онро мебандад шартномаи хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан аст. Тибқи шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан Ф.Ш. Қудбудинов баён мекунад, ки боркашон уҳдадор аст, ки дар мухлати муайяншуда, бо тарзи нигоҳдошт ва бо риояи шарту талаботҳои ҳамлу нақл бори аз ҷониби борфиристанда ба ӯ боваркардашударо дар истгоҳи роҳи оҳан ба шахси

[180] Сабирова Т.Р. Договор энергоснабжения: место в системе гражданско-правовых договоров// Казанская наука. 2013. № 7. С. 194.
[181] Каменков В.С. Договор энергоснабжения: современные проблемы, судебная практика, перспективы// Актуальные проблемы гражданского права. 2015. № 2 (6). С. 64.

ваколатдор (боргиранда) супорад ва борфиристанда уҳдадор мешавад, ки маблағи барои ҳамлу нақли бор муқарраршударо пардохт намояд. Аз ин мафҳум бармеояд, ки ин шартнома пеш аз ҳама реалӣ, муҳлатнок, дутарафа, ба манфиати шахси сеюм ва музднок мебошад. Таркибаш метавонад махсус гардад, агар ба сифати борфиристанда соҳибкор баромад кунад. Ҳамзамон, оператори миллии боркашонӣ дар роҳи оҳан, яъне Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» дар асоси с. 1,м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ» ташкилоти тиҷоратӣ мебошад. Яъне шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан як навъи шартномаи ҳуқуқи граждани бо иштироки ҳатмии соҳибкор буда, дар он оператори миллӣ яке аз тарафҳои ҳатмӣ ва фаъоли ин шартнома мебошад[182].

Дар ҳама намуди шартномаҳое, ки субъектони инҳосри табиӣ мебананд вижагии муҳим он аст, ки озодии шартнома ба онҳо паҳн намегардад. Принсипи умумии озодии шартнома мутлақ нест. Нисбати субъектони инҳисори табиӣ маҳдудиятҳои қонунгузории истифодаи озодии шартнома муқаррар шудаанд.

Тибқи моддаи 453 КГ ҶТ озодӣ дар бастани шартнома яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқӣ шартномавӣ мебошад. Кодекси граждании ҶТ натанҳо мустаҳкам мекунад, балки озодиро дар бастани шартнома кафолат медиҳад. Кафолатҳо, аз ҷумла, дар эътирофи беэътибор донистани додугирифте, ки бо вайронкунии принсипи озодии шартнома содир гардидааст, ифода меёбанд. Аммо озодии шартнома,чун дилхоҳ озоди маҳдудиятҳо дорад. Ҳуқуқ дар ҷомеа мавҷуд аст, ки ҳамаи субъектҳои муносибатҳои гражданӣ–ҳуқуқӣ иродаи озодро доранд. Ин, дар навбати худ ба муқобилати иродаи озод оварда мерасонад ва аён аст, ки озодии як шахс бо озодӣ ва ҳуқуқҳои шахси дигар маҳдуд мегардад. Бинобар ин, масъалаи озодии шартнома муқаррарсозии ҳудудҳои диди тарифҳоро дар назар дошт ва он дар қонун инъикос ёфт. Озодии ирода танҳо дар сатҳи беруна ба шакли изҳори

[182] Қудбудинов Ф. Ш. Масъалаҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе, 2019. – С.9.

ирода–метавонад татбиқ гардад. Он бо зарурат, вобастагӣ аз шароитҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва ғайра дучор мешавад[183].

Чӣ тавре ки маълум аст, дар асоси бастани шарномаҳо онҳо ба озоду ҳатмӣ ҷудо мешаванд. Вақте, ки муқаррарсозии муносибатҳои шартномавӣ танҳо аз изҳори иродаи тарафҳо вобастааст, ин шартномаи озод ҳисоб меёбад. Вақте,ки бастани шартнома барои як ё якчанд тараф ҳатмӣ мегардад, шартномаи ҳатмӣ ба вуҷуд меояд. Озодии инфиродӣ, ки асоси озодиро дар бастани шартнома ташкил менамояд, нисбист. Озодии беҳудуд дар бастани шартнома, ки чун шарти зарурии маишии гражданӣ ва принсипи асосии сиёсати қонунгузорӣ муаррифӣ мегашт... Зери фишори афзояндаи манфиатҳои ҷамъиятӣ ба маҳдудиятҳо дучор шуда истодааст[184].

Маҳдудиятҳои озодӣ дар бастани шартнома ду мақсадро пайгирӣ менамоянд. Аввало, бо ҳамин тарз ҳуқуқу манфиатҳои худи иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ, соҳибкорон ҳимоя карда мешаванд. Дуюм, ҳуқуқҳои доира номаҳдуди аҳли шартнома, яъне манфиатҳои ҷамъиятӣ ҳимоя мегардад. Ҳамин тариқ,муқаррар сохтани маҳдудиятҳои озодӣ дар бастани шартнома манфиатҳои хусусӣ ва оммавиро бояд кафолат диҳанд. Духелагии ҳуқуқ барои аксари меъёрҳо дар бораи муносибатҳои шартномавӣ хос аст.

Дар моддаи 458 КГ ҶТ қоидаҳои умумӣ дар бораи ҳатмият дар бастани шартнома ҷой дорад, ки принсипи озодиро дар бастани шартнома маҳдуд месозанд.

Ҳамаи маҳдудиятҳои озодиро дар бастани шартнома ба ду гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст: манфӣ ва мусбӣ. Маҳдудиятҳои манфӣ дар қонун ҷудо намудани ҳолатҳое, ки қаблан пешбинӣ шуда буданд (байни кӣ ва кадом шартномаҳо басташуда наметавонад) дар назар дорад.Маҳдудиятҳои мусбӣ дар бастани ҳатмии шартномаҳо ва (ё) дар ҳатман ворид сохтани шартҳои муайян ба онҳо ифода меёбанд. Маҳдудиятҳои манфӣ ва мусбӣ,дар навбати худ,ба субъекту объектҳо тасниф мегарданд.

---

183 Танага А.Н. Принцип свободы договора в гражданском праве России. Автореф. дисс. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2001. С. 8.
184 Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. – М, 1994. С. 449.

Маҳдудиятҳо аз рӯи субъектҳо бо қобилияти махсуси ҳуқуқӣ, бастани ҳатмии шартнома бо иштирокчиёни муайян, аз тарафи қонунгузор муқаррар намудани ҳар гуна афзалиятҳо дар мавридҳои махсус, мувофиқи асосҳои мақсади шартнома метавонанд алоқаманд бошанд. Маҳдудиятҳо аз рӯи объект манъи муомилоти додугирифт бо объектҳое,ки аз муомилоти гражданӣ бароварда шудаанд; бо объектҳое, ки тибқи қонун танҳо ба доираи муайяни шахсон мутааллиқанд,ё ба шахсоне, ки ба содир кардани додугирфт бо объектҳои мазкур иҷозатномаи махсус гирифтаанд ва ғайраро дар назар доранд[185].

Маҳдудиятҳои принсипи озодӣ дар бастани шартнома дар қонунгузории гражданӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқ раво диниста мешавад.Тибқи онҳо ба содир намудани амалҳои муайяни ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби иштирокчиёни муомилоти гражданӣ амалӣ мегардад ё амалӣ намегардад, иҷозат дода ё манъ карда мешавад[186]. Қайд кардан зарур аст,бо ёрии муқаррар намудани чунин маҳдудиятҳо ихтилофотҳои мавҷударо байни манфиатҳои ҷомеа ва моликони хусусӣ бо мақсади пешбурди хоҷагидории баробари бозоргонӣ аз байн мебарад[187].

Аз байни шартномаҳои ҳатмӣ шартномаҳои оммавӣ (моддаи 458 КГ ҶТ) мавқеи махсусро дороянд. Сохтори шартномаи оммавӣ барои қонунгузории ватанӣ нав мебошад. Созишномаҳое, ки байни истеъмолкунандагон ва субъетҳои инҳисори табиӣ баста мешаванд,ба оммавӣ мансубанд ва барои охирин ҳатмӣ мебошанд. Зери мафҳуми шартномаи оммавӣ шартномае фаҳмида мешавад,ки аз тарафи ташкилоти тиҷоратӣ баста мешавад ва уҳдадориҳоро доир ба фурӯши молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо муқаррар менамоянд.

Ташкилот ин корҳоро аз рӯи хусусиятҳои фаъолияти худ нисбати ҳар шахсе, ки ба он муроҷиат менамояд, амалӣ мегардонад. Категорияи шартномаи оммавӣ ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандаро бояд таъмин созад. Зарурат ба чунин ҳимоя бо соҳаи фаъолияти соҳибкор–кашонидан бо нақлиёти истифодаи умум, хизматрасониҳои алоқа,таъминоти барқӣ ва ғайра асоснок мегардад.

---

185 Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право: общие положения. – М., 1997. С. 130–133.
186 Тельгарин Р.А. Свобода заключения договоров в сфере предпринимательства по гражданскому праву России. Дис.... кан. юрид. наук. – М., 1998. С. 41–42.
187 Тельгарин Р.А. О свободе заключения гражданско–правовых договоров в сфере предпринимательства// Российская юстиция. 1997. №10. С. 41–42.

Тафовут байни шартномаи оммавӣ ва озод чунин аст. Дар муносибатҳои шартномавӣ тарафи уҳдадор набояд аз бастани шартнома даст кашад. Дар ҳолати дасткашӣ шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад,ки бо мақсади маҷбурсозӣ ба бастани шартнома ва рӯёнидани маблағ барои зарари расонидашуда бо даъво ба суд муроҷиат кунад (банди 4, моддаи 458 КГ ҶТ). Тарафе, ки ба бастани шартнома уҳдадор аст, дар муайян кардани шартҳои шартнома низ озод нест. Якум, шартҳои шартнома барои аҳли шартнома бояд якхела бошанд. Риоя накардани ин қоида танҳо дар ҳолатҳое, ки қонун ё санадҳои дигари ҳуқуқӣ пешбинӣ намудаанд, раво мегардад. Дуюм, Ҳукумати ҶТ шартномаҳои типӣ ва ғайраро метавонад барорад, ки дар онҳо қоидаҳои барои тарафҳо ҳатмӣ ҳангоми бастану иҷрои шартномаҳои оммавӣ ҷой доранд. Аммо чунин қоидаҳо барои тарафҳо танҳо дар ҳолате ҳатмӣ мегардад,агар имконияти қабули онҳоро қонун пешбинӣ намояд. Сеюм,қонун на танҳо ҳатмияти фароҳам овардани шароитҳои якхела барои ҳамаи истеъмолкунандагонро пешбинӣ менамояд,балки тартиби муайян кардани чунин шароитҳоро мустаҳкам менамояд.

Чӣ тавре ки дар боло қайд гардид, шартномаҳоеро,ки инҳисорчиёни табиӣ мебанданд,ба категорияи оммавӣ мансубанд. Ин аз таърифоти шартномаи оммавӣ, ки дар банди 1 моддаи 458 КГ ҶТ оварда шудааст ва мазмуни мақоми ҳуқуқии субъектҳои инҳисорҳои табиӣ бармеояд.

Иститути шартномаи оммавӣ шакли ҳуқуқии таъсири давлатӣ ба субъектҳои инҳисори табиӣ мебошад. Бинобар ин, омӯзиши масоили назариявӣ ва амалии истифодаи он ҷолиби диққат аст.

Таърифоти шартномаи оммавӣ, ки дар Кодекси граждании ҶТ мустаҳкам гаштааст, як қатор норасоиҳо дорад. Якум,ҳайати иштирокчиёни шартномаи оммавӣ, ки ба бастани шартнома уҳдадоранд, танҳо бо ташкилотҳои тиҷоратӣ маҳдуд мешавад. Ҳамзамон, қонунгузории гражданӣ амалигардонии фаъолияти соҳибкориро аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ манъ намекунад. Мувофиқи банди 1 моддаи 49 КГ ҶТ шахси ҳуқуқӣ метавонад ҳуқуқҳои шаҳрвандиро дошта бошад. Ин ҳуқуқҳо ба мақсадҳои фаъолият, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсискунандагони он пешбинӣ шудаанд ва дар алоқа бо ин фаъолият уҳдадориҳо доранд, мувофиқат

мекунанд. Кооперативҳо ва иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, фондҳо ва намудҳои дигари ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аксаран дар муносибатҳои соҳибкорӣ фаъолона иштирок менамоянд. Аммо маҳдудиятҳо ва ҳудудҳое,ки қонунгузорӣ барои ташкилотҳои тиҷоратӣ пешбини кардааст,ба онҳо паҳн намегарданд. Аз рӯйхати аҳли ҳатмии шартнома соҳибкорони инфиродӣ беасос бароварда шудаанд.

Дар тадқиқоти мазкур васеъкунии ҳайати шахсоне, ки субъектҳои инҳисорҳои табиӣ دониста мешаванд, аз ҳисоби ба онҳо ворид сохтани субъектҳои инфиродӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ пешниҳод карда мешавад. Қобили қайд аст, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи почтавӣ» ба сифати операторҳои алоқаи почтавӣ, яъне субъектҳое, ки ба бастани шартномаҳои оммавӣ уҳдадоранд, ташкилотҳои почтавӣ ва соҳибкорони инфиродиеро номбар мекунад, ки ба хизматрасониҳо дар соҳаи алоқаи почтавӣ ҳуқуқ доранд. Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почтавӣ» ҳайати имконпазири субъектҳоро, ки бо моддаи 458 КГ мустаҳкам гаштааст ва танҳо ташкилотҳои тиҷоратӣ, яъне субъектҳои колективиро дохил мекунад, васеъ менамояд. Оид ба мувофиқати меъёри мазкури қонун ба Кодекси гражданӣ суол бавуҷуд меояд–тибқи банди 1 моддаи 2 КГ ҶТ меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки дар қонунҳои дигар ҷой доранд, ба ҳамин Кодекс бояд мувофиқат намояд.

Дар алоқа бо ин яке аз мушкилоти танзими ҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ ва доираи номаҳдуди истеъмолкунандагон дар аниқгардонии ҳайати субъективӣ дар тарафи шахси уҳдадор ифода меёбад. Дастгоҳи мафҳумии сохтори шартномаи оммавӣ ба ивази муносиби истилоҳи «ташкилоти тиҷоратӣ» эҳтиёҷ дорад. Пешниҳодҳо доир ба муайян намудани аҳли уҳдадори шартнома ба сифати «ташкилотҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд баррасӣ гардидаанд[188]. Аммо дар ин ҳолат субъектҳои инфиродӣ, ки намудҳои муайяни фаъолиятро амалӣ мегардонанд, берун аз соҳаи истифода мемонанд.

188 Аминов В., Шкарин А. Единое или неделимое? Договор присоединения и публичный договор//Бизнес–Адвокат. 1997. №20. С. 8.

Бояд қайд кард,ки қонунгузорӣ намунаҳои истифодаи на танҳо мафҳумҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, балки мафҳумҳои дигареро низ, ки мавқеи фосилавии байни онҳоро дорад, медиҳад. Чунончӣ,банди 1 қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 июни соли 1998, №552 истифодаи спектри радиотакрорро аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ, соҳибкорони инфиродӣ, инчунин ашхоси дигар бо мақсади тиҷоратӣ барои хизматрасониҳо дар соҳаи алоқа дар асоси пулакӣ пешбинӣ менамоянд.

Барои муайян кардани шахсе,ки ба бастани шартномаи оммавӣ уҳдадор аст, тасвияти зерин дурусттар аст: «шахсе, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст». Ин қоида ҳам субъектҳои коллективӣ ва ҳам субъектҳои инфиродиро фаро мегирад.

Мушкилоти дигар он аст, ки дар таърифоти Кодекси граждан ӣ ҷой дорад: «шартномаи оммавӣ шартномаест, ки аз тарафи ташкилоти тиҷоратӣ баста шудааст». Тафсири айнии ин тасвият ба хулосае меорад, ки барои оммавӣ донистани шартнома он бояд содир шуда бошад. Бинобар ин, масъалаи мантиқ доштани дохилкунии меъёр дар бораи имконияти маҷбурсозии аҳли дасткашанда аз бастани шартнома, ки тарафи уҳдадор ҳисоб меёбад (банди 3, моддаи 458 КГ ҶТ) ба вуҷуд меояд. Дар алоқа бо ин тағйир додани тасвияти банди 1 моддаи 458 КГ ҶТ зарур аст.

Инчунин, тафсири таърифоти қонунгузорӣ нисбати он ки шартномаи оммавӣ шартномае дониста мешавад, ки ташкилоти тиҷоратӣ аз рӯи хусусияти фаъолияти худ нисбати ҳар шахсе, ки ба он муроҷиат менамояд, бояд амалӣ гардонад мушкилотеро ба бор меорад. Нофаҳмост,ки қонунгузор зери мафҳуми хусусияти фаъолият чиро дар назар дорад. Ба ақидаи баъзе муаллифон, истилоҳи «аз рӯи хусусияти фаъолияти худ» умуман ягон сарбории маъноиро ба душ надорад[189].

Ҳоло тибқи банди 1 моддаи 49 ва банди 2 моддаи 52 КГ ҶТ мавҷудияти қобилияти ҳуқуқии ҳам умумӣ ва ҳам махсуси шахсони ҳуқуқӣ раво дониста мешавад. Ташкилотҳои тиҷоратие, ки аз рӯи шартномаи оммавӣ чун тарафи уҳдадор номбар шудаанд,метавонанд ҳуқуқҳои гражданӣ дошта бошанд ва

---

[189] Дедиков С. Публичный договор// Хозяйство и право. 1997. №11.С. 117.

уҳдадориҳои шаҳрвандиро,ки барои амали гардонидани дилхоҳ намудҳои фаъолият зaруранд, бояд ба худ қабул намоянд. Мавзӯъ ва мақсади фаъолият дар ҳуҷҷатҳои таъсискунандаи ташкилоти тиҷоратӣ танҳо дар ҳолатҳое,қонун пешбинӣ намудааст,инчунин дар ҳолатҳое, ки муассисони ташкилот ба таври ихтиёрӣ чунин соҳаҳоро бо қарори худ маҳдуд месозанд, бояд мустаҳкам гарданд. Бояд ба назар гирифт,ки бо баъзе намудҳои фаъолият ташкилот танҳо ҳангоми доштани иҷозатномаи махсус (литсензия) метавонад машғул шавад.Бинобар ин, муайян кардани хусусияти фаъолияти ин ё он ташкилот танҳо мувофиқи намуди фаъолияте, ки дар низомнома ба қайд гирифта шудааст,беасос мебошад. Чунин менамояд, ки ҳангоми истифодаи сохтори шартномаи оммавӣ ба ҳисоб гирифтани намудҳои фаъолияте, ки субъект дарвоқеъ татбиқ менамояд, зарур аст. Аз ин ҷиҳат ба ақидаи олимоне, ки меъёри банди 1 моддаи 458 КГ ҶТ–ро на чун хусусияти фаъолияти расмӣ–низомномавии ташкилот ,балки чун хусусияти воқеӣ шарҳ медиҳанд, рози шудан лозим аст[190]. Қайд кардан зарур аст,ки таҷрибаи судӣ фаъолиятеро баррасӣ менамояд, ки ба вазифаҳои низомномавӣ, ки дар низомнома мустаҳкам нагаштаанду аз доираи фаъолияти низомномавӣ берун набаромадаанд, мувофиқат мекунад.

Бояд дар назар дошт, ки меъёри моддаи 458 КГ ҶТ,ғайр аз хусусияти фаъолият,пайдоиши уҳдадории ташкилоти тиҷоратиро доир ба бастани шартномаи оммавӣ танҳо бо мавҷудияти имкониятҳои он барои ин (банди 3 моддаи 458 КГ ҶТ) алоқаманд месозад. Ин маънои онро дорад, ки мавҷудияти заминаҳои объективӣ ба иҷрои шартномаи оммавӣ зарур аст. Дар акси ин ҳол ин маънои зерро дорад: ба зури ба ташкилоти тиҷоратӣ бор кардани уҳдадориҳо дар бастани шартнома бо ҳар касе, ки ба он муроҷиат менамояд ва ба оқибатҳои он тоб овардан, аз ҷумла, хароҷоти моддиеро ба дӯш гирифтан, ки аз тарафи ягон кас ҷуброн намешавад. Аммо дар ҳолати баррасии баҳс оид ба маҷбурсозӣ дар бастани шартнома ба ҳисоб гирифтан зарур аст, ки вазнинии бори исботкунии номавҷудияти имконияти ба истеъмолкунанда додани молҳо, иҷро намудани корҳои мувофиқ, пешниҳод кардани хизматрасониҳо ва ғайра, ба дӯши ташкилоти

190 Тотьев К. Публичный договор// Хозяйство и право. 1995. №6. С. 79.

тиҷоратӣ гузошта шудааст. Хулосае баровардан мумкин аст, ки фарзияи умумӣ вуҷуд дорад, ки тибқи он субъекти инҳисори табиӣ барои қонеъгардонии талабитҳои истеъмолкунандаи алоҳида имкониятҳои технологӣ ва истеҳсолиро доро мебошад. Ин фарзия радшаванда мебошад, ҳамзамон исботкунии фарзияи дигар,яъне уҳдадорӣ оид ба вайрон намудани фарзия,ба дӯши инҳисорчии табиӣ гузошта мешавад. Ин фарзияи умумӣ дар қонунгузории махсус низ мустаҳкам гаштааст ва нисбати субъектҳои инҳисори табиӣ амал мекунад.

Мо ба хулосае меоем, ки усулҳои техникаи ҳуқуқӣ, ки дар таърифоти шартномаи оммавӣ истифода шудаанд,аз камбудиҳо холи нестанд ва баислоҳсозӣ ниёз доранд.

Ба моддаи 458 Кодекси граждании ҶТ тавсияти зерин пешниҳод мегардад: «Шартномаи оммавӣ шартномае дониста мешавад,ки шахс аз рӯи хусусияти фаъолияти худ ба фурӯши мол, иҷрои кору хизматрасониҳои ба ҳар шахсе, ки ба ӯ муроҷиат мекунанд, уҳдадор аст».

Муҳим он аст, ки қонунгузор киро ба сифати контрагенти инҳисорчии табиӣ, истеъмолкунандаи ӯ муайян мекунад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, № 72[191] истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) – ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд.

Мувофиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» истеъмолкунандаи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти инҳисори табиӣ – шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти инҳисори табииро харидорӣ менамоянд. Ҳамин тариқ, қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ дар тафовут аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» таърифоти дигари мафҳуми калидии

---

[191] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1498.

«истеъмолкунандагон»–ро дода, соҳаи истифодаи онро васеъ менамояд ва ба ҳайати истеъмолкунандагону шахсони ҳуқуқӣ дохил мекунад.

Илова бар ин, он ҳолатеро қайд кардан зарур аст,ки худи субъектҳои инҳисори табиӣ ба сифати истеъмолкунандагон баромад карда метавонанд. Ин фарзия, ҳар қадаре, ки ғайриоддӣ менамояд,ба ҳар ҳол, бинобар зарурати технологӣ, ташкилоте, ки инҳисорчии табиӣ, масалан, дар соҳаи хизматрасониҳои алоқаи почтавӣ мебошад, бояд аз қуваи барқ,газ,об,алоқаи телефонӣ истифода барад ва бо субъектҳои инҳисори табиӣ мувофиқ муносибатҳои шартномавиро ба роҳ монад. Илова бар ин, дар чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ ташкилоти алоқаи почтавӣ чун истеъмолкунанда баромад мекунад.

Ташкилоти тиҷоратӣ, субъекти инҳисори табиӣ шартномаи оммавиро баста, аз рӯи қоидаи умумӣ, бартарии ягон нафарро бар нафари дигар набояд эътироф намояд (ба истиснои ҳолатҳое,ки қонун ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ намудаанд). Ба чунин категорияҳо қонун харидоронро барои эҳтиёҷоти давлатӣ, эҳтиёҷотҳои комуналӣ–маишӣ ва иҷтимоӣ, инчунин харидоронеро,ки нисбати онҳо шартномаҳои амалкунанда барои расонидани газ дароз карда мешаванд, мансуб медонад.

Нархи молҳо, корҳову хизматрасониҳо, инчунин шартҳои дигари он барои ҳамаи истеъмолкунандагон ( яъне шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ) якхела муқаррар карда мешавад. Ҳолатҳое имкон доранд, вақте, ки қонун ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ ба категорияҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон додани имтиёзҳоро пешбинӣ менамоянд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳодҳо доир ба Кодекси граждании ҶТ, дар моддаи 458 мустаҳкам сохтани номгӯи пурраи шартномаҳое баррасӣ гаштаанд, ки бо ишора ба моддаи мувофиқи қисми дуюми ҳамин Кодекс ва хусусияти оммавии шартномаи мушаххас ба шартномаҳои оммавӣ мансуб дониста мешаванд. Татбиқи чунин пешниҳод, ба ақидаи мо, намунаи начандон хуби техникаи ҳуқуқӣ буда, ба мураккабшавии байёни меъёрҳои гражданӣ–ҳуқуқӣ, афзоиши лозими ҳаҷми Кодекси гражданӣ оварда мерасонад. Суръати рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин имконияти бастани шартномаҳои ҳам номбаршуда ва ҳам

номбарнашуда дар қонунгузорӣ мустаҳкамсозии феҳристи пӯшидаи шартномаҳои оммавиро номатлуб мегардонад. Шартномаҳои оммавӣ ҳисобшаванда хело зиёданд, мазмуни санадҳои меъёрии махсус аз ин шаҳодат медиҳад. Масалан, моддаи 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи почта» пешбинӣ менамояд, ки тарифҳо барои хизмати алоқаи почта, ба истиснои хизмат аз рӯи шартнома аз тарафи мақоми давлатӣ бо мувофиқа бо мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ тавассути муайян кардани тарифҳо ё ҳадди охирини онҳо мувофиқи тартиби ҷорӣ ва дар асоси принсипҳои зерин ба кор андохта мешаванд:

– тарифҳои хизмати алоқаи почта, ба истиснои хизмати универсалӣ, бояд ба арзиши аслии онҳо наздик бошанд ва ба ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ ба хотири рушди рақобат мусоидат намоянд;

– тарифҳо бояд бо нархҳои асосии байналмилалӣ бо назардошти то ҳадди ниҳоӣ қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба хизмати алоқаи почта мувофиқ бошанд;

– тарифҳо набояд ба рақобати боинсофонаи дигар таҳвилкунандагони хизмати алоқаи почта дар бозори хизмати алоқаи почта таъсири манфӣ расонанд;

– мавриди муайян кардани тарифҳо бояд таъинот ва тавсияҳои Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви он мебошад, ба назар гирифта шаванд.

Тарифҳо барои хизмат аз рӯи шартнома ва дигар хизмате, ки характери ғайрианъанавӣ дорад, аз тарафи ташкилотҳо ва операторони алоқаи почта дар асоси шартнома муқаррар карда мешаванд[192].

Қайд кардан лозим аст, ки мавҷудиятҳои аломатҳои дар банди 1 моддаи 458 КГ ҶТ ҷойгиршуда барои оммавӣ эътироф намудани шартнома кофист. Аз ин бармеояд, ки дар меъёрҳо дар бораи намудҳои алоҳидаи уҳдадориҳо на ҳама вақт нишон дода мешавад, ки чунин шартнома, масалан шартномаи бо барқтаъминсозӣ оммавӣ мебошад.

---

[192] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 462; с. 2004, №5, мод. 341; с. 2007, №7, мод. 684; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 412, мод. 413; Қонуни ҶТ аз 14.11.2016 с., №1370.

Масъалаҳои таносуби меъёрҳо дар бораи шартномаи оммавӣ ва шартномаи ҳамроҳшавӣ, ки байни субъектҳои инҳисори табиӣ баста мешаванд, аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ доранд.

Ба ақидаи Р.О. Халфина, пешниҳоди хизматрасониҳо, чун интиқол, таъминсозӣ бо барқ, газ, об ва қонеъгардонии як қатор талаботҳои дигар аз тарафи ширкатҳои калони инҳисорӣ ба шартҳои худ, ки ба онҳо истеъмолкунанда метавонад ҳамроҳ гардад ва амалан ин корро кунад, зеро ки дар ин маврид ӯ илоҷи дигар надорад[193]. Мувофиқи банди 1 моддаи 458 КГ ҶТ шартномаи ҳамроҳшавӣ шартномаест, ки шартҳои онро яке аз тарафҳо дар варақаҳои хизматӣ ё шаклҳои дигари стандартӣ муайян мекунаду тарафи дигар онҳоро бо роҳи ҳамроҳшавӣ ба шартномаи пешниҳодшуда қабул мекунад.

Дар навбати аввал, суолҳо дар атрофи истилоҳоте, ки қонунгузор истифода мебарад, ба вуҷуд меоянд. Нофаҳмост, ки варақаи хизматӣ ва шакли стандартӣ чиро дар бар мегиранд, кӣ ҳуқуқ дорад, ки онҳоро коркард, тасдиқ ва барои корбурд ҳатми намояд. Инчунин, қонунгузор ба суоли шартҳои кадом шартномаҳо чун шартномаи ҳамроҳшавӣ метавонанд муайян карда шаванд, ҷавоб намедиҳад. Таҳлили қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки дар аксари мавридҳо шаклҳои стандартии шартномаҳо аз тарафи Ҳукумати ҶТ коркард ва тасдиқ мегарданд.

Қайд кардан зарур аст,ки баррасии шартномаи ҳамроҳшавӣ ба сифати шартномаи мустақил ё намуди шартнома асос надорад. Шартонмаи ҳамроҳшавӣ танҳо механизми ҳамроҳшавӣ ба муносибатҳои ҳуқуқии уҳдадорӣ, тарзи бастани шартномаро дар бар мегирад. Илова бар ин, имконияти амалигардонӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни уҳдадориҳои шартномавӣ аз он вобаста буд.

Дар тафовут аз сохтори шартномаи оммавӣ Кодекси гражданӣ бевосита муқаррар намекунад, ки кадоме аз тарафҳои шартномаи ҳамроҳшавӣ ба муқаррар намудани шартҳои чунин шартнома ҳуқуқ дорад. Пас, инро ҳам молгузор ва ҳам истеъмолкунанда карда метавонад. Ҳамин тариқ, истифодаи тамсилаи шартномаи ҳамроҳшавӣ нисбати муносибатҳое, ки дар онҳо на субъекте, ки молашро

---

[193] Халфина Р.О. Современный рынок: правила игры. – М. Ассоциация "Гуманитарное знание", 1993. С. 50.

мефурӯшад ё хизмат мерасонад, балки, баръакс, истеъмолкунанда инҳисорчӣ мебошад. Сухан дар бораи инҳисори истеъмолӣ меравад. Масалан, ин ҳолатҳоест, ки вақте ки дар муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ корхонаи калони саноатӣ, ки дар бозори истеъмолӣ захираҳои барқӣ бартарӣ дорад,соҳиби ҳукми иқтисодӣ мебошад ва имконияти дар доираи шартҳои хеш талаб кардани бастани шартномаро дорад иштирок мекунад.

Барои танзими фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ ҳалли масъала оид ба имконияти бастани шартномаи оммавӣ ба шакли шартномаи ҳамроҳшавӣ асосӣ мебошад. Азбаски шартномаи ҳамроҳшавӣ ин танҳо механизми бавуҷудоии уҳдадорист,пас истифодаи он нисбати шартномаҳои оммавӣ низ, ки яке аз тарафҳои он субъекти инҳисори табиӣ мебошад, имкон дорад. Аммо,барои ин мавҷудияти санади махсуси ҳуқуқӣ зарур аст. Ин санад барои яке аз тарафҳои созишкунанда имконияти коркарди мустақилона ё истифодаи шакли коркардшудаи стандартиро пешбинӣ мекунад ва дар он аҳли шартнома бояд ё шартномаро қабул намоянд ё аз бастани шартнома даст кашанд.

Яке аз оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқии эътирофи аз тарафи субъектҳои инҳисори табиӣ бастани шартномаҳои ҳамроҳшавӣ маҳрумсозии истеъмолкунанда дар пешниҳоди талаботи пешазшартномавӣ аз рӯи он мебошад. Тафсири системавии меъёрҳои моддаи 458 КГ ҶТ ба хулосае меорад, ки аз ҳалли масъала аз мансуб донистани шартнома ба оммавӣ ё шартномаи ҳамроҳшавӣ ҳалли масъала дар бораи тартиби танзими ихтилофотҳо вобастагӣ доранд. Бастани шартномаи оммавӣ ба тарзи ҳамроҳшавӣ тартиби ҳалли ихтилофотҳои ҳангоми бастани шартнома пайдошавандаро,ки онро банди 2 моддаи 458 КГ ҶТ муқаррар кардааст, тағйир медиҳад.

Илова бар ин, ҳуқуқи бо даъво муроҷиат кардан дар бораи тағйир додан ё бекор кардани шартномаи ҳамроҳшавиро истеъмолкунанда танҳо дар он ҳолат дорад, агар чунин шартнома, ҳуқуқи ӯро,ки одатан чунин намуди шартнома пешниҳод менамояд,маҳрум созад..., ё барои тарафи ҳамроҳшуда шартҳои вазнинро бор кунад ва ӯ бо такя ба манфиатҳои оқилона худ ва мавҷудияти

имконияти иштирок дар муайянкунии шартҳои шартнома онҳоро қабул накунад (банди 2 моддаи 460 КГ ҶТ).

Барои мо тасвияи «ҳуқуқи одатан пешниҳодшаванда нофаҳмост. Чӣ тавр истеъмолкунанда бояд факти пешниҳоди чунин ҳуқуқҳоро бояд тасдиқ кунад, то чӣ андоза онҳо бояд «одатӣ» бошанд, меъёрҳои системанокӣ барои эътирофи ҳуқуқҳои «одатан пешниҳодшаванда» чӣ гунаанд? Ба ин саволҳо қонун ҷавоб намедиҳад. Дар ҳолати баҳси шартҳои шартнома бо инҳисорчии табиӣ вазифаи истеъмолкунанда мушкилтар мегардад, зеро ки молгузор субъекти ягонае мебошад,ки имконияти пешниҳод кардани чунин мол, хизматрасониро дорад. Пас, истеъмолкунанда шартҳои бастани шартномаро бо сабабҳои объективӣ муқоиса карда наметавонад.

Ҳамин тариқ, муносибатҳое, ки дар шароити инҳисори табиӣ бавуҷуд меоянд, бо маҷмӯи сершохаи санадҳои қувваю аҳамияти гуногундошта танзим мегарданд. Норасоии асосии қонунгузорӣ оид ба инҳисори табиӣ дар он зоҳир мешавад, ки санадҳои сершумори танзимкунандаи муносибатҳои гуногун бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ ба таври ҷудогона амал мекунанд. Ҳарчанде, ки аз рӯйи умумият муносибатҳои танзимшаванда мантиқи қонунгузориро ифода менамоянд, бояд бо ҳамдигар алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста буда, ҳамдигарро пурра кунанд ва инкишоф диҳанд. Вобастагӣ бояд дар сохтори зинавии санадҳо, тобеияти онҳо (алоқаи амудӣ) ифода ёбанд. Илова бар ин, бояд алоқаи байниҳамдигарии санадҳои ҳуқуқӣ доир ба инҳисори табиӣ дараҷаи якхеладошта (алоқаи уфуқии санадҳо) вуҷуд дошта бошад.

## 2.3. Ҷавобгарии граждании-ҳуқуқии субъектони инҳисори табиӣ

Барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ ҷавобгарии гражданӣ–ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Олимони пешқадами муосири мо ва ҳам классикони илми ҳуқуқшиносӣ ба ин масъалаҳои бунёдӣ дар солҳои гуногун осори худро бахшидаанд. Дар натиҷаи таҳлили мушкилоти ҷойдошта ақоиди гуногун доир ба мафҳуми ҷавобгарӣ ба вуҷуд омаданд. Ба ақидаи аксари муаллифон,

ҷавобгарӣ чораи маҷбурсозии давлатӣ буда, бо маҳкум сохтани шахси ҳуқуқвайронкунанда ва барои ӯ муқаррар намудани оқибатҳои муайяни манфӣ (номусоид)ба шакли маҳдуд( маҳрум) сохтани молумулки шахсӣ ва ғайраҳо асос меёбад. Илова бар ин,ба дӯши шахси ҷавобгар заҳматҳои нави иловаги гузошта мешавад. Агар дар ҳали вайронкунанда чизе тағйир наёбад, ҳудуди байни ҷавобгарӣ ва уҳдадорӣ аз байн меравад[194]. Ба ақидаи М.З.Раҳимов, дар чунин ҳолати оқибатҳои номусоиддошта ба шакли заҳматҳои иловагӣ иҷрои иҷбории уҳдадориҳо (интиқоли ашё, пардохти пул боркуниву борфарории маҳсулот ва ғайра) ҷавобгарӣ ҳисоб намеёбад. Танҳо рӯёнидани зарарҳо,ҷарима ва ғайраҳо ҷавобгарӣ буда метавонад[195]. Муаллифони дигар ҷавобгариро чун татбиқи муҷозотҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ барраси кардаанд ва ин муҷозот чун унсур ва ё аломати меъёри ҳуқуқӣ ҳамеша вуҷуд дорад. Ҷавобгарӣ бошад танҳо ҳангоми вайронсозии воқеии ин меъёр фаро мерасад[196]. Баъзан нишон дода мешавад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқи муҷозотҳои меъёрҳои ҳуқуқ мебошад, чунки мазмуни муҷозотҳо аз муқаррарсозии оқибатҳои муайяни ҳуқуқии рафтор маншаъ мегирад[197]. Сеюмиҳо ҷавобгариро чун истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии чораҳои маҷбуркунии давлатӣ, ки онро муҷозотҳо нисбати вайронкунандаи қонун пешбини кардааст ва ба шакли маҳрумсозии хусусияти шахсӣ, ташкилӣ ё молумулкидошта муайян мекунанд ва аломатҳои асосии зерини онро номбар менамоянд: 1) ҷавобгари ҳуқуқӣ маҷбуркунии давлатиро дар назар дорад; 2) ин «умуман»на маҷбуркнӣ,балки «чора»–и чунин маҷбуркунӣ,ҳаҷми тарҳшудаи он (нишондиҳандаҳои миқдорӣ); 3) ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо ҳуқуқвайронкунӣ алоқаманд аст,онро пайгирӣ мекунанд ва ба вайронкунандаи ҳуқуқ равона шудааст; 4) ҷавобгарӣ барои вайронкунандаи ҳуқуқ оқибатҳои номатлуб (маҳрумиятҳо)–ро ба бор меорад: маҳдудсозии ҳуқуқҳои ӯ (маҳрумият аз озодӣ, ҳуқуқҳои волидайнӣ ва ғ.),ба дӯши ӯ гузоштани уҳдадориҳои нави иловагӣ (пардохти маблағи муайян, содир кардани ягон амал ва ҳ.к.); 5) хусусият ва

---

194 Малеин Н.С. Правонарушение: Понятие, причины, ответственность. М., 1985 С. 134–136; Васькин В.В., Овчинников Н.И., Рогович Л.Н. Гражданско–правовая ответственность. Владивосток, 1988. С.8–12.
195 Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательства: теория и правовое регулирование. Душанбе, 2007.С.228.
196 Самощенко И.С., Фарукшин М. Х. Ответственность по советскому законодательству. М., 1971. С.54–61.
197 Лейст О.Э. Санкции и ответственность по советскому праву. М., 1981. С. 18.

муҳлати маҳрумиятҳо дар муҷозотҳои меъёри ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд; 6) додани маҳрумиятҳо,истифодаи чораҳои давлатӣ–маҷбуркунӣ дар рафти фаъолияти истифодаи ҳуқуқ аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятноки давлатӣ, ки онро қонун муқаррар кардааст, амалӣ мегардад. Берун аз шакли мурофиавӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ номумкин аст[198].

Ба ақидаи Д.Ш.Сангинов, нуқтаи назари охирин асоснoктар мебошад, чунки ҷавобгарии гражданӣ–ҳуқуқӣ чун яке аз намудҳои ҷавобгарӣ барои вайронкунии ухдадориҳои шартномавии хусусиятҳои молумулкидошта ё барои расонидани зарари молумулкии берун аз шартномавӣ муқаррар мегардад. Моҳияти он дар маҷбуркунии шахс барои ба дӯш гирифтани оқибатҳои манфии молумулкӣ зоҳир мегардад. Ҷуброни пурраи зарар принсипи асосии ҷавобгарии гражданӣ–ҳуқуқӣ мебошад[199]. Ҷуброни зарарҳо дар баъзе ҳолатҳо бо муҷозотҳо масалан, пардохти ҷаримаҳо пурра мегардад. Вогузории ин намуди ҷавобгарӣ аз тарафи мақомотҳои судӣ (суди умумӣ ё иқтисодӣ) амалӣ карда мешавад.

Дар ин ҳолат дар баробари мақомоти давлатӣ шахс низ, ки ҳуқуқаш вайрон шудааст, ба сифати даъвогар баромад мекунад. Барои ба ҷавобгарии гражданӣ–ҳуқуқӣ кашидани шахс маҷмӯи шартҳои муайян заруранд, ки дар якҷоягӣ «тартиби қонунвайронкунии гражданӣ–ро ташкил менамоянд[200]. Барои он ки дар соҳаи инҳисороти табиӣ ҷавобгарии шартномавӣ бавуҷуд ояд асосҳои зерин заруранд: 1) рафтори ғайриқонунӣ; 2) мавҷудияти зарар; 3) алоқаи сабабӣ байни рафтори ғайриқонунӣ ва натиҷаи манфии бавуҷудомада; 4) гуноҳ[201].

Бо мақсади пешгирӣ намудани вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи инҳисороти табиӣ мақомотҳои давлати ҳуқуқ доранд, ки чораҳои махсусро аз қабили қабули қарор ва дар асоси он баровардани амрнома истифода баранд.

---

198 Алексеев С.С. Общая теория права. В 2–х т. Т.1. М., 1981. С.144.

199 Сангинов Д.Ш. Туризм в Республики Таджикистан: теория и практика правового регулирования. Монография. Душанбе: «Эр–граф» 2013.С.148–149.

200 Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве. М., 1958. С.57.

201 Иоффе О.С. Обязательственное право. М., 1975. С.87; Он же. Размышление о праве// Гражданское законодательство Республики Казахстан. Астана, 2002. С.52–68; Менглиев Ш.М. Восстановительные правоотношения в советском гражданском праве. Душанбе, 1986. 117 с.; Он же. Теоретические проблемы гражданско–правовых способов восстановления (нормализации) имущественных прав граждан: Дис. … докт. юрид. наук. Ташкент, 1991. 368 с.; Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности: Автореф. дис. … докт. юрид. наук. Душанбе, 2000, 40 с.; Рахманкулов Х.Р. Обязательственное право. Ташкент, 2005. 294 с.; Бозоров Р.Б. Действия в чужом интересе. Душанбе, 2001. 86 с. и др.

Чунин тарзи таъсиррасонии мақомотҳои танзимкунандаи инҳисори табиӣ, чун баровардани амрнома баррасии алоҳидаро талаб мекунад. Дар ин ҳолат дар бораи гуногунии талаботи ҳуқуқии он сухан рондан мумкин аст. Аз як тараф, баъзе муаллифон нишон медиҳанд, ки он аломатҳои ҷазои оперативии мақомотҳои салоҳиятнокро барои вайронкунии қонунгузорӣ дорад[202]. Аз тарафи дигар, чораҳои пешгирии маъмурӣ. Илова бар ин,бо ёрии амрнома ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншудаи гражданӣ низ имконпазир мегардад. Пас, бинобар кушодагии меъёрҳои моддаи 12 КГ ҶТ истифода ва иҷрои амрнома чун яке аз тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ метавонад мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар асоси Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар ҶТ тибқи Қонунҳои ҶТ "Дар бораи инҳисори табиӣ", "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ва "Дар бораи реклама", ки аз ҷониби Вазорати адлияи ҶТ 3 майи соли 2012, тахти № 692 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст[203], Қоидаҳо, тартиби гузаронидани санҷишҳо, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои кормандони ваколатдори мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ ва субъектони хоҷагидорро муайян мекунанд. Мақсади санҷиш аз инҳо иборат аст: ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои хоҷагидор ва шаҳрвандон, таъмини риояи шартҳо ва талаботҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ, огоҳкунӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳо дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор; сари вақт ошкор, пешгирӣ ва қатъ кардани қонунвайронкуниҳои зиддиинҳисорӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодии ҶТ зарар мерасонанд; муқаррар кардани сабаб ва шароитҳое, ки ба содир намудани онҳо мусоидат менамоянд; дидани чораҳо оид ба ҷуброни зарари расонидашуда; пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона, мусоидат ба рушди рақобат ва соҳибкорӣ.

---
[202] Олейник О.М. Пределы, запреты и санкции в антимонопольном законодательстве// Закон. 1995. №4. С. 16.
[203] Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар ҶТ тибқи Қонунҳои ҶТ "Дар бораи инҳисори табиӣ", "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ва "Дар бораи реклама", ки аз ҷониби Вазорати адлияи ҶТ 3 майи соли 2012, тахти № 692// Бонки марказии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 7.00.

Барои баррасии амрномаи мақомоти танзимкунандаи инҳисори табиӣ ба сифати ҷазои оперативӣ ягон асос вуҷуд надорад. Тибқи аломатҳои тахассусӣ, ки онҳоро илми ҳуқуқи шӯравии граждании ошкор карда буд, муҷозотҳои оперативӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои аз рӯи шартнома қабулшуда истифода мегарданд. Илова бар ин, онҳо дар истифодаи яктарафа аз ҳамдигар фарқ мекунанд (масалан, дар ҳолати пардохт накардани мол молгузор метавонад ҳамлу нақл молро боздоранд ва ғайра) Барои баровардани амрнома рафтори ғайриқонунии субъекти хоҷагидорӣ, аз тарафи он вайрон кардани меъёрҳои қонунгузорӣ асос шуда метавонад. Ҳамзамон, мақомоти назорати давлатӣ ва субъекти инҳисори табиӣ бо уҳдадориҳои шартномавӣ алоқаманд нестанд. Талаботҳое, ки дар амрнома ҷой доранд, на ба ҳифзи тарафе, бинобар он ки контрагент уҳдадориҳояшро иҷро накардааст, зарар дидааст, балки ба қарор кардани тартиботи қонунии вайроншуда равона гаштаанд.

Байни амрнома ва чораҳои пешгирии маъмурӣ тафовут вуҷуд дорад. Амрнома аз чораҳои анъанавии пешгирии маъмурӣ, масалан, бо он фарқ мекунад, ки мақомоти онро бароранда доир ба татбиқи маҷбурсозии талаботҳои дар он ҷойдошта ваколатҳо надорад. Чунончӣ, агар оид ба буҷет гузаронидани тамоми маблағи аз фоидаи ғайриқонунӣ гирифташуда амрнома бароварда шаваду он иҷро нагардад, мақомоти ваколатдор бояд ба суд муроҷиат кунад. Ҳамзамон,барои мақомоти судие, ки парвандаро баррасӣ менамояд, амрнома танҳо чун яке аз далелҳо аҳамият дошта метавонад.

Аз рӯи маънои моддаи 12 КГ ҶТ сухан дар бораи ҳифзи мустақилонаи ҳуқуқҳои вайроншудаи граждании субъект меравад. Яъне, дар ин ҳолат ҳимоя хусусияти субъективӣ дорад. Аммо дар ҳолати вайроншавии қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ ба сифати ҷабрдида, чун қоида, на як субъект, балки гурӯҳи онҳо ва аксаран доираи номаҳдуди истеъмолкунандагон, яъне ҷомеа дар умум баромад мекунад. Бинобар ин, объекти ҳуқуқвайронкунӣ на танҳо манфиатҳои шахсии ашхоси алоҳида, балки манфиатҳои оммавӣ дар умум дониста мешавад. Чӣ тавре ки К.Ю. Гиотев қайд кардааст, амрнома аз доираи

тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншудаи граждании берун мебароянд[204]. Ба ибораи дигар, ин мафҳумҳои наздик, вале бо ҳамдигар номувофиқ мебошанд.

Амрнома аз тарафи мақомоти танзимкунанда дар асоси қарори қабулшуда дода мешавад. Аммо он на аз рӯи ҳар як қарор, балки вақте ки ашхоси муайян ягон амалеро содир мекунанд. Ба ин маънӣ, амрнома чун санади таъсири беруна баррасӣ мегардад. Аз нуқтаи назари Н.А.Баринов ва М.Ю.Козлова, амрнома моҳиятан як намуди танзимкунии давлатӣ мебошад[205].

Амрнома ҳама аломатҳои санади истифодаи ҳуқуқро дорад: аз тарафи мақомотҳое, ки вазифаҳои ҳокимияти давлатиро иҷро мекунанд, бароварда мешавад; хусусияти инфиродӣ дорад; ба муқаррар намудани оқибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ – ҳуқуқу ухдадориҳои субъективӣ равона шудааст; дар шаклҳои мурофиявии махсус пешбинишуда татбиқ мегардад. Амрномаи мақомоти зиддиинҳисорӣ санади истифодаи ҳуқуқ, факти ҳуқуқӣ мебошад ва бо ёрии он танзими инфиродӣ амалӣ мегардад. Ба шакли амрнома ҳалли инфиродию мушаххаси парвандаҳо аз рӯи фактҳои вайроншавии қонунгузории зиддиинҳисорӣ қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ сурат мегирад. Амрнома метавонад чун санади маъмурияти давлатӣ баррасӣ гардад[206].

Яке аз аломатҳои санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла маъмурӣ ҳатмият ва таъмин будан бо маҷбурсозии давлатӣ мебошад. Аммо,амрнома чун санади маъмурии мақомоти зиддиинҳисорӣ ё мақомоти танзимкунандаи инҳисорҳои табиӣ чунин аломатро надорад. Амрнома, албатта, талаботҳои муайяни зеринро дар бар мегирад: қатъ намудани вайронкунии қонунгузорӣ, бартараф сохтани оқибатҳои он, бастан тағйир додан)–и шартнома бо истеъмолкунанда, ба буҷети давлат гузаронидани фоидаи ғайриқонунӣ ба даст овардашуда ва ғайра. Ҳамзамон, ин талаботҳо ба таври иҷбори иҷро карда намешавад. Бо оқибати худ амрнома вайронкунии қонунгузориро қатъ менамояд. Вале ин натиҷаҳои ҳуқуқӣ танҳо бо амалҳои худи субъектҳои хоҷагидорӣ, ки дар вайронкунии ҳуқуқ гунаҳгор аст, ба

[204] Тотьев К. Ю. Правовая природа предписания антимонопольного органа // Хозяйство и право. 2011. № 1. — С. 56.
[205] Баринов Н.А., Козлова М.Ю. Указ. соч. С. 159.
[206] Бахрах Д.Н. Административное право России. Учебник для вузов. – М.: Издательство НОРМА, 2000. С. 275.

даст оварда мешавад. Дар ҳолати дасткашии инҳисорчии табиӣ аз рафтори матлуб мақомоти салоҳиятнок, ғайр аз мурочиат ба суд, воситаҳои дигари ҳуқуқиро надорад. Додани аризаи норизоӣ аз болои амрнома ҳамзамон маънои додани аризаи норизоиро аз болои қароре, ки дар асоси он амрнома бароварда шудааст, дорад. Баррасии даъво дар суд,ҳамзамон санҷиши мувофиқат ба қонун ва қарори мақомоти зиддиинҳисорӣ мебошад[207]. Танҳо ҳалномаи мақомоти судӣ, ки соҳибҳуқуқии даъвои мақомоти давлатиро тасдиқ кардааст,бо истифодаи чораҳои таъсиррасонии давлатӣ ба таври иҷборӣ иҷро карда мешавад. Бинобар ин, механизми иҷрои иҷбории амрнома танҳо тавассути суд метавонад амалӣ гардад.

Мушобеҳи амрнома тарзи таассур ба вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисориро қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ низ пешбинӣ намудааст. Масалан,тибқи қонун дар бораи Комиссияи федеролии савдои ИМА (номи расмии санад: қонуне, ки бо мақсади ташкил додани Комиссияи федеролии савдо муайян кардани ваколату вазифаҳои он,инчунин мақсадҳои дигар қабул гардидааст) Комиссия ҳуқуқи пешгирӣ кардани қонунгузории зиддитрестиро дорад. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии парванда дар бораи рақобати бевиҷдонона комиссия ҳуқуқ дорад, ки маърӯзаи хаттиро,бо байёни ҳолатҳои воқеӣ,инчунин фармонеро, ки қатъи истифодаи методи ғайриқонунии рақобатро талаб мекунад, пешниҳод намояд[208]. Дар ҳолати дасткашӣ аз иҷрои ихтиёронаи фармон Комиссия бо талабот дар бораи иҷрои иҷбории фармон метавонад ба суди аппелятсионӣ мурочиат кунад. Ҳамзамон, шахсе, ки нисбати ӯ фармон бароварда шудааст, ҳуқуқ дорад, ки дар ҳамон суд аз нав дида баромадани фармонро талаб намояд. Суд ҳуқуқ дорад, ки фармони Комиссияро тасдиқ ё бекор кунад ё тағйир диҳад.

Чун санади маъмурӣ амрнома аз рӯи асосҳои гуногун тасниф мегардад. Чунончӣ, амрнома метавонад санади инфиродӣ бошад. Он қарори мақомоти салоҳиятнокро аз рӯи масъала мушаххас ва нисбати шахси мушаххас дар бар мегирад.

---

[207] Конкурентное право Российской Федерации: Учебное пособие для вузов/ Под ред. Н.И. Клейн, Н.Е. Фонаревой. – М. Логос, 1999. С. 233.

[208] Гражданское, торговое и семейное право капиталистических стран: Сб. нормативных актов: законодательство о компаниях, монополиях и конкуренции. Учебное пособие/ Под ред. В.К. Пучинского, М.И. Кулагина. – М.: Издательство УДН, 1987. С. 199.

Моҳиятан амрнома санади ҳуқуқӣ мебошад: аз рӯи шикоят, ариза, сабабҳои дигар бароварда мешавад, масъалаҳои баҳснокро ҳал менамояд.

Аз рӯи оқибатҳои ҳуқуқӣ амрнома уҳдадоркунанда (масалан, муқаррар намудани уҳдадориҳо дар бастани шартнома; тағйир додани шароити шартномаи аллакай басташуда), манъкунанда (масалан, амрнома дар бораи роҳ додан ба амалиётҳое, ки хатари вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисориро ба вуҷуд меоранд).

Аз рӯи шакл амрнома дар тафовут аз баъзе санадҳои дигари маъмурӣ бояд табиӣ бошад, зеро ки истифодаи амрномаҳои шифоҳӣ хело мушкил мегардад.

Аз нуқтаи назари тартиби қабули амрнома ба санадҳои коллегиявӣ мансуб аст, чунки натиҷаи кори на як шахси вазифадор, балки комиссияи мақомоти давлатӣ мебошад.

Вобаста ба санаи оғози амал амрнама дарҳол (аз санаи барориш ) ё аз санае, ки дар худи амрнома нишон дода шудааст, ба ҳукми қонун медарояд. Эҳтимол аст, ки оғози амали амрнама бо муҳлате, ки дар санади дигар ишора ёфтааст, алоқаманд аст.

Вобаста ба мазмуни қарори қабулкардаи мақомоти давлатӣ, ки дар асоси амрнома бароварда шудааст, метавонад чун чораи барқароркунанда баррасӣ гардад. Мақсади асосии онҳо ҷуброни зарари расонидашуда, барқарор кардани ҳолати пешина.Чунончӣ, масалан, амрномаи мақомоти танзимкунандаи инҳисорҳои табиӣ дар бораи аз тарафи субъекти хоҷагидорӣ ба буҷети федералӣ гузаронидани маблағ аз фоидае, ки дар натиҷаи амалҳое, ки Қонун дар бораи инҳисорҳои табииро вайрон кардаанд, ё амрномаи мақомоти зиддиинҳисориро дар бораи барқарорсозии ҳолате, ки то вайроншавии қонунгузории зиддиинҳисорӣ вуҷуд дошт, ба сифати чораи барқароркунанда барраси кардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки амрнома унсури механизми танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ мебошад. Он таассур ба рафтори ғайриқонунии субъекти инҳисори табиӣ ҳисоб меёбад. Мақсади асосии қабули амрнома – ҳифзи тартиби ҳуқуқи мавҷуда.

Ба сифати яке аз намудҳои таъсиррасонӣ ба субъектҳои инҳисори табиӣ назорат аз болои амалҳои он аз тарафи мақомотҳои ваколатдор номбар карда мешавад. Объекти назорат, аз ҷумла, додугирифте мебошад, ки дар қонун дар бораи инҳисорҳои табиӣ дарҷ ёфтааст. Мақомотҳои танзимкунандаи инҳисори табиӣ аз болои дилхоҳ додугирифт, ки дар натиҷаи онҳо субъекти инҳисори табиӣ ба маблағҳои асосии барои истеҳсоли молҳои инҳисори табиӣ таъиннагашта ҳуқуқ пайдо мекунаду арзиши балански чунин маблағҳои асосӣ аз 10 фоизи арзиши сармояи хусусии субъекти инҳисори табиӣ аз рӯи балански охирини тасдиқшуда баланд аст; аз болои маблағгузории субъекти инҳисори табиӣ ба фаъолияте, ки инҳисорӣ–табиӣ намебошад ва бештар аз 10 фоизи арзиши самояи шахсии субъекти инҳисори табииро аз рӯи балански охирини тасдиқшуда; аз болои додугирифте, ки дар натиҷаи он субъекти хоҷагидорӣ ба маблағҳои асосии субъекти инҳисори табиӣ ҳуқуқ байдо мекунад, агар арзиши балансии чунин маблағҳои асосӣ аз 10 фоизи арзиши сармояи шахсии субъекти инҳисори табиӣ аз рӯи балански охирини тасдиқшуда баландтар аст, назорат мебаранд.

Аломати умумии миқдории чунин додугирифтҳо нархи онҳо мебошад–10 фоиз аз арзиши сармояи шахсии субъекти инҳисори табиӣ аз рӯи балански охирини тасдиқшуда. Барои содир кардани чунин додугирифтҳо субъекти инҳисори табиӣ ризояти мақоми танзимсозандаро пешакӣ бояд гирад. Масъалаи тақдири ҳуқуқии додугирифте, ки бе гирифтани ризоияти мувофиқ баста шудааст, ба вуҷуд меояд. Ба ақидаи мо, дар ин ҳолат сухан бояд дар бораи ғайриқонунӣ будани додугирифт равад. Ризогии мақомоти салоҳиятнок шарти фармоишонаи муқарраршудаи воқеияти додугирифт мебошад. Ризояти мақомоти танзимкунандаро чун воқеияти ҳуқуқӣ баррасӣ намудан зарур аст ва барои содир кардани додугирифт лозим ҳисоб меёбад. Номавҷудияти санади маъмурӣ қарори мақомоти зиддиинҳисорӣ ё мақомоти танзимкунанда маънои ноқисии додугирифти басташударо дорад. Додугирифти назоратшавандаи субъекти инҳисори табиӣ, ки бе дархост дар бораи ризоят ба содир кардани он ё ҳангоми норизогӣ содир мегардад, беаҳамият мебошад. Тибқи моддаи 168 КГ ҶТ, додугирифте, ки ба талаботҳои қонун ва

санадҳои дигари ҳуқуқӣ мувофиқат намекунад, беаҳамият мебошад, агар қонун муқаррар накардааст, ки чунин додугирифт баҳснок аст.

Баръакс, бастани шартномаҳои гражданӣ–ҳуқуқӣ бе ризоияти ҳатмии мақомоти танзими инҳисори табиӣ бояд беаҳамият ҳисоб ёбад, чунки ҳуқуқу уҳдадориҳоро ба вуҷуд намеорад.

Тавсифоти миқдории додугирифтҳои назоратшавандаи субъектҳои инҳисори табиӣ имкон медиҳад, ки онҳоро чун додугирифтҳои калон муаррифӣ намоем. Аломатҳои додугирифти калонро моддаҳои 78–79 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марта соли 2007, №237[209], моддаи 46 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» аз 23 апрели соли 2002, №275[210] муқаррар намудаанд. Ба ибораи дигар, тартиботи содиркунии онҳо ризояти мақомотҳои салоҳиятнокро дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ талаб менамояд.

Баррасии масъалаи оқибатҳои вайроншавии қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ таҳқиқи масъалаи истифодабарии қонунгузориро дар бобати рақобатнокӣ нисбати муносибатҳои ҳуқуқӣ бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ талаб мекунад. Аз ҷумла, дар бораи имконияти истифодаи чораҳои таъсиррасонӣ, ки онҳоро қонунгузорӣ дар бораи рақобатнокӣ пешбинӣ намудааст. Ин масъала аҳамияти принсипиалӣ дорад, зеро ки мақсадҳои асосии Қонун дар бораи рақобатнокӣ ёрӣ ба рушди рақобатнокӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ мебошад ва ба муносибатҳои ҳуқуқӣ бо иштироки субъектҳои инҳисори табиӣ бинобар фавқулодагии мақоми онҳо истифода намегардад. Аз тарафи дигар, дар бозор мавқеи инҳисорӣ дошта, бинобар хусусияти фаъолияти худ, субъектҳои инҳисори табиӣ имконият доранд, ки аз ҳукми иқтисодии худ истифода баранд. Бинобар ин, аз болои амалҳои онҳо мунтазам назорат бурдан мумкин аст. Дар асоси зарурат ба ҳифзи манфиатҳои оммавӣ,таъмини устувории муомилоти

---

[209] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марта соли 2007, №237 “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 170; с. 2008, №10, мод. 812; с. 2009, № 5, мод. 318, №7–8, мод. 496; с. 2010, №1, мод. 9, №12, қ. 1, мод. 816; с. 2011, №12, мод. 844; Қонуни ҶТ аз 14.11.2016 с., №1374.

[210] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2002, №275 “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қисми 2, мод. 314; соли 2008, №10, мод. 810.

гражданӣ ва тартиби ҳуқуқ, пешгирӣ ва бартарафсозӣ аз тарафи давлат дилхоҳ фактҳои маҳдудкунии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони субъектҳои инҳисори табиӣ воҷиб аст. Заминаи назариявии онро бартарӣ доштани чунин субъектҳои хоҷагидорӣ дар ин ё он бозори молҳо ташкил мекунад. Дар ин асос мақомотҳои зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ доранд, ки нисбати субъектҳои инҳисорҳои табиӣ чораҳои пешгирикунандаро истифода баранд. Аз ҷумла, манъи амалҳо (беамалӣ)–и субъектҳои хоҷагидорӣ (гуруҳи шахсҳо), ки нисбати дигарон бартарӣ доранду метавонанд манфиатҳои субъектҳои дигари хоҷагидориро маҳдуд созанд, дар қонунгузорӣ муқарар шудааст.

Хамин тариқ, бо мақсади ҳифзи ҷомеа аз суиистифода аз қудрати инҳисори табиӣ сохторҳои якҷояшуда ба қонунгузорӣ ворид сохтани манъ ба якҷоякунии намудҳои инҳисори табиӣ ва рақобатнокии фаъолият аз тарафи як субъекти хоҷагидорӣ мувофиқи мақсад аст. Бояд қайд кард, ки қонунгузорӣ дар бораи соҳаҳои алоҳидаи инҳисори табиӣ–муносибати вобастагии байни субъектҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустақили хоҷагидориро ба ҳисоб гирифта, фаъолияти онҳоро маҳдуд гардонида истодааст.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Истилоҳи «инҳисор» дар иқтисодиёт ва ҳуқуқшиносӣ эҳсоси номатлуб (манфӣ)–ро ба вуҷуд меорад. Инҳисор танг кардани мавқеи рақибонро дар бозор, сохтани монеъаҳо дар роҳи истеҳсолкунандагони нав, фишордиҳӣ бо нархҳо ба истеъмолкунандагон ва молгузорон, дар ҳолатҳои алоҳида–кушишҳои фишордиҳӣ ба давлат (агар дар иқтисодиёт инҳисор нақши муҳим бозад)–ро дар назар дорад. Барои бартараф сохтани чунин зуҳуротҳо давлат ба танзими зиддиинҳисорӣ (аз ҷумла маҷбуркунии ширкатҳоро ба муборизаи рақобатнокӣ ба вуҷуд меорад, ки аз тарафи қонунгузорӣ ғалаба дар он манъ карда шудааст) диққати калон медиҳад.

Аммо набояд фаромӯш сохт, ки дар як қатор ҳолатҳо назорати инҳисорӣ аз болои бозор варианти ягонаи имконпазири таъмини рушди устувори соҳаи мувофиқи иқтисодиёт буда, ба пуррагӣ ба манфиатҳои ҳам истеъмолкунанда ва ҳам давлат мувофиқат мекунад, ҳол он ки рақобатнокӣ, баръакс, ба афзоиши хароҷотҳои истеҳсоливу афзоиши хароҷотҳои истеъмолкунандагон оварда мерасонад. Сухан дар бораи инҳисори табиӣ меравад. Аммо суолҳои муҳим пайдо мешаванд:

– кадом инҳисорҳо ба табиӣ мансуб буда метавонанд? Яқин аст, ки дилхоҳ инҳисорчӣ мавқеи бозоргонии худро ҳимоя намуда, ба мансубияти ширкати худ ба инҳисори табиӣ таъкид мекунад. Воқеан, маҳз ҳамин мавқеро мухолифони назарияи инҳисори табиӣ ҷонибдорӣ менамоянд.Тибқи ақидаи онҳо, инҳисорҳо дар ҷавоб ба эътирози истеҳсолкунандагон аз рақобати сахт дар бозор (масалан),дар ИМА дар охири асри Х1Х дар ибтидои асри ХХ ба вуҷуд омадаанд ва сабабгори пайдоиши онҳо Ҳукумати ИМА буд, ки ба онҳо амалан мақоми инҳисориро додааст. Худи назарияи инҳисори табиӣ чун зарурат ба дуруст шумоdoes мавҷудияти чунин инҳисорҳо ба вуҷуд омад.

–инҳисорҳои табиӣ ба танзими махсус ниёз доранд, ё бинобар муфиднокии баланди ҷамъиятӣ ба дастгоҳи махсуси танзимкунанда эҳтиёҷ надоранд?

Инҳисори табиӣ ба он, танҳо ба он ҳолати бозоргонӣ мувофиқ аст,вақте ки истеҳсоли самаранок ва тақсимоти дилхоҳ ҳаҷми маҳсулот ё хизматрасонӣ танҳо ҳангоми мавҷудияти ширкат истеҳсолкунандаи ягона имкон дорад. Ин меъёрро чун субаддитивияти хароҷотҳо тасвир кардан мумкин аст. Хароҷотҳо субаддитивӣ мебошанд, вақте, ки бузургии онҳо барои як ширкат нисбат ба ду ва ғайра ширкатҳо дар сатҳи муайяни ҷамъиятан асосноки истеҳсолот камтар аст. Мавҷудияти рақибон дар ин ҳолат ба хароҷотҳои беасос барои бунёди инфрасохтори мувозӣ (масалан,барои сохтани боз як роҳи оҳан) оварда мерасонад [1–М].

Чунин ҳолати махсус танҳо дар натиҷаи амали се омилҳо ба вуҷуд меояд:

1) вижагиҳои технология. Агар фикрҳоро каме ҷанбаст кунем, пас муқаррар менамоем, ки мавҷудияти инҳисори табиӣ бо қонунҳои объективии физикӣ, ки асоси технологияи истифодашавандаро ташкил медиҳад, асоснок мегардад;

2) нодирии маҳсулот ва захираҳо. Нодирии молҳо ё хизматрасониҳоеро, ки инҳисорчиёни табиӣ истеҳсол мекунанд,дар имкон надоштани ивазкунии онҳо ба хусусиятҳои истеъмолӣ ба молу хизматрасониҳои дигар иваз кардан номумкин аст. Инчунин, захираҳое, ки барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо аз тарафи инҳисорчиёни табиӣ истифода мегарданд, нақши калон мебозанд. Ба ин захираҳо, аз ҷумла, инфрасохтор (маҷмӯи истеҳсолӣ) ва худи ашёи хоме, ки аз он мол истеҳсол мешавад (масалан, назорат аз болои кон инҳисори табииро ба вуҷуд мерорад) мансубанд;

3) монеаҳои калон барои воридшавӣ ба бозор. Ҳарчанд тахмин меравад, ки ин омил на танҳо барои ташаккули инҳисорҳои нави табиӣ,балки барои нигоҳдории мақоми аллакай ҷойдоштан инҳисорҳо аҳамияти калон дорад (азбаски рақибон чунин хароҷотҳои калонро барои лоиҳа маблағгузорӣ карда наметавонанд). Аммо ин фикр нодуруст аст. Монеаҳои калони воридшавӣ ба бозор ширкатеро,ки хатарҳои мавҷударо ба дӯши худ мегираду ин монеаро бомуваффақият паси сар мекунад, дар ҳол ба инҳисорчии табиӣ табдил медиҳад. Ба ибораи дигар, монеаҳо барои воридшавӣ ба бозор ба инҳисори табиӣ имкон

медиҳанд, ки на танҳо мавқеи худро нигоҳ доранд,балки онро ба даст оранд [3–М].

Агар инҳисор дар натиҷаи амали ақаллан яке аз омилҳои дар боло номбаршуда ба вуҷуд омада бошад, пас он ба табиӣ мансуб аст. Омилҳои дигаре, ки мавҷудияти инҳисорҳоро асоснок мекунанд, ҳам ба инҳисорҳои табиӣ ва ҳам ба инҳисорҳои анъанавӣ хосанду меъёрҳои фарқкунанда буда наметавонанд. Ба ин омилҳо мансуб буда метавонанд:

1) сарфакорӣ ба гуногунрангӣ;

2) якҷоякунии амудии фаъолият;

3) мавҷудияти патентӣ;

4) мувофиқат ба талаботҳои амнияти миллӣ.

Дар атрофи ин омил каме таваққуф кардан зарур аст, зеро ки муаллифони алоҳида ба он ақидаанд, ки мувофиқат ба ин меъёр аломати ҳатмии инҳисори табиӣ мебошад. Ҳар чанде ки барои давлат чунин намуди рушди ягон соҳа, ки дар он бозори муайян аз тарафи танҳо як ширкат зери назорат гирифта мешавад,афзалиятнок мебошад, вале ин ин маънои онро надорад,ки чунин намуд аз нуқтаи назари бозор низ афзалиятнок шуда метавонад. Инҳисоре, ки бо мақсади таъмини амнияти миллӣ сохта шудааст, метавонад ҳам инҳисорӣ бошад(субодитивияти хароҷотҳоро таъмин менамояд) ва ҳам метавонад бо таври сунъӣ нигаҳдорӣ карда шавад [2–М].

Фоида аз инҳисори табиӣ барои иқтисодиёти миллӣ на дар он аст,ки он барои пешбурди фаъолияти муайян хароҷоти камтарро таъмин менамояд, балки дар он зоҳир меёбад, ки он чун як ширкати ҳаҷман калон ё оператори ягона дар ягон соҳа барои татбиқи лоиҳаҳои ҷамъиятан муҳим бо муҳлати давомноки хароҷотбарорӣ захираҳои калонро ба танзим даровarda метавонад. Масалан,барои ташаккули нақши ҷӯғрофию иқтисодии Россия лоиҳаи роҳравӣ нақлиётии трансаврупоӣ танҳо тавассути инҳисори инфрасохтори амалкунанда–роҳи оҳани Россия татбиқ мегардад.

Яқин аст, ки инҳисори табиӣ, бинобар ҳаҷми воқеии худ (воқеан соҳаи калонро дар бар мегиранд) ва аҳамиятнокии фаъолияти худ барои таъмини

некӯаҳволии ҷомеа (азбаски ширкатҳои дигар ҳамаи намуди фаъолиятро пеш бурда наметавонад), дар иқтисодиёти мамлакат нақши стратегиро мебозанд. Аз ин сабаб давлат барои чунин инҳисорҳо шароити мусоид барои пеш бурдани тиҷорат фароҳам меорад, вале айни замон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки шаҳрвандони худро аз рафтори беинсофонаи инҳисорчии табиӣ ҳимоя намуда, вазифаи танзимсозӣ ва назоратбарӣ аз болои инҳисорҳои табииро ба дӯши худ гирад.

Дар аксари интишорот, ки ба инҳисорҳои табиӣ бахшида шудаанд, ҳудуди байни мафҳумҳои «назорат»ва «батанзимдарорӣ» номуайян аст. Чун қоида, ин воқеаҳо ба сифати муродифҳо истифода мегарданд. Тибқи «Луғати муосири иқтисодӣ назорат»қисми таркибии идоракунии объекту ҷараёнҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар мушоҳида кардани объект бо мақсади санҷиши мувофиқати ҳолати мушоҳидашавандаи объект ба ҳолати зарурию интизоршаванда, ки бо қонунҳо, қоидаҳо, дастурҳо, санадҳои дигари меъёрӣ, ин чунин барномаҳо, нақшаҳо, шартномаҳо, лоиҳаҳо, созишномаҳо пешбинӣ шудаанд, зоҳир мегарданд. Истилоҳи «батанзимдарорӣ»,чун қоида,ба сифати назорат аз болои тарофаву нархҳои муқарраршуда фаҳмида мешавад. Қайд мегардад, ки батанзимдарории сифати хизматрасониҳо, назорат аз болои риояи қоидаҳои рафтор дар бозор, иҷозатномадиҳӣ, таъмини дастрасӣ ба инфрасохтор, мутаасифона, ба таври кофӣ институтгардонӣ нашудаанд. Илова бар ин,фаҳмиши ногусастании маҷмӯи таъсиррасонии танзимкунандагӣ ба ин ё он соҳаи фаъолият мавҷуд нест. Чунин муносибат ба танзимсозӣ ба фаъолияти инҳисори табиӣ таъсир расонида, метавонад ба қонеъгардонии нокофии талаботи истеъмолкунандагон, паст шудани МУМ ва дигар оқибатҳои номатлуб оварда расонад [5–М].

Ҳоло ду намуди назорати давлатӣ (берунӣ ва дохилӣ) аз болои инҳисорҳои табиӣ мавҷуд аст. Ин намудҳоро Ж.Сапир ошкор намудааст. Берунӣ–»тавассути қабули санадҳои батанзимдароранда ё саҳеҳкунии андозбандӣ (ҷаримаҳо ва кӯмаки моддӣ), дохилӣ–»ба воситаи иштироки намояндагони мақомотҳои давлатӣ (бо ҳуқуқи қабули қарор) дар худи ширкатҳо».

Агар ба таҷрибаи хориҷӣ назар афканем, пас мебинем, ки дар ин фаъолият мустақилияти мақомотҳои танзимкунанда на танҳо аз худи ширкатҳои назораткунанда,балки аз мақомотҳои дигари идоракунии давлатӣ дар мадди аввал меистад. Илова бар ин, амалҳои тамоми мақомотҳои танзимкунанда бояд ба ҳам мувофиқат кунанд ва ин ба онҳо дар қабули қарорҳо озодии калон медиҳад.

Танзими инҳисори табиӣ дар мамлакатҳои Ғарб бо ёрии мақомотҳои маҷмурӣ, судӣ ва ғайра амалӣ мегардад. Вазъияти аз ҳама ғайриоддӣ дар Британияи Кабир ба вуҷуд омадааст, ки дар он ҷо системаи назорат дутарафа мебошад. Соли 1980 дар мамлакат Қонун дар бораи рақобатнокӣ қабул гашт, вале орзуҳоро амалӣ нагардонид ва дар назорат аз болои инҳисори табиӣ беҳбудӣ ба вуҷуд наомад. Ҳоло системаи британиявии назорат бо қонунгузорӣ дар бораи савдои боинсофона ва дар бораи рақобатнокӣ, ки нақши асосиро идора оид ба савдои боинсофона, Комиссия оид ба инҳисорҳо, савдо ва саноати давлатӣ асос меёбад. Аз тарафи дигар,инҳисорҳои табииро суд доир ба таҷрибаи маҳдудкунанда назорат мекунад.

Бояд қайд кард,ки дар Британияи Кабир нақлиёт ва тақсимоти газ аз соҳаҳои рақобатнокии имконпазир(истихроҷи газ) ҷудо карда шудаанд, «яъне дар моликият ва идоракунии инҳисорӣ танҳо қубурҳои газ ва шабакаи тақсимкунанда ҷой доранд,вазифаи ислоҳот бошод баланд бардоштани самаранокӣ бо роҳи ба фаъолияти инҳисори табиӣ ҷорӣ кардани механизми бозоргонӣ мебошад ва он имкониятҳои мувофиқи техникиро дорад».

Дар ИМА вазифаи асосии назорати давлатӣ аз болои инҳисори табиӣ ба шӯбаи зиддитрестии Вазорати адлия гузошта шудааст.Ин шӯъба ҳуқуқ дорад,ки ба муқобили вайронкунии қонунгузории зиддитрестӣ парвандаҳои судиро оғоз намоед. Вазифаи назоратро Комиссияи федералии савдо низ дорад. Аммо,дар ин фаъолият судҳои федеролӣ ва, дар навбати аввал, Суди олии ИМА, ки қонунӣ будани ин ё он маҳдудиятҳоро дар шартномаҳо ё дар методҳои фаъолияти хоҷагидорӣ муайян мекунад, накши асосиро мебозанд.

Чун дар Британияи Кабир дар ИМА низ таркиби соҳаҳои танзимшаванда вижагиҳои худро дорад. Чунончӣ, ҳамлу нақли газ тавассути қубурҳои газ

инҳисори табиӣ намебошад. Дар ИМА бозорҳои спотӣ ва фючерии газ «нархҳои паст ба газ, бо бозори нисбатан кушода бо ҳуқуқи истифодабарӣ аз қубурҳои газ ва анборҳо»мавҷуданд.

Дар Олмон вазифаи танзимкунӣ ба дӯши мақомотҳо доир ба картелҳо,ки ба онҳо Идораи федеролӣ доир ба кори кортелҳо,вазири иқтисодиёт ва мақомотҳои олии заминҳо шомиланд, гузошта шудааст.Онҳо ба амалигардони тафтишот ва шурӯи парвандаҳои маъмурӣ, инчунин ҷаримабандӣ ваколат доранд.

Дар умум, принсипҳои асосии батанзимдарории инҳисори табиӣ дар хориҷаро ба тариқи зайл муайян кардан мумкин аст:

–зарурат ба сарчашмаҳои алтернативии иттилоот дар бораи объекти танзимшаванда;

–бартарияти танзими нархҳо дар назди танзими меъёри фоидаи инҳисори табиӣ;

–ҷудокунии пурраи институти соҳаи танзимшавандаи инҳисори табиӣ аз соҳаҳои рақобатноки фаъолият.

Дар умум, гуфтан мумкин аст,ки танзими давлатии инҳисорҳои табиӣ дар мамлакатҳои тараққиёфта ба якчанд стратегияҳо такя мекунад ва дар байни онҳо стратегияе, ки бо модели нархгузорӣ асос меёбаду ба кори инҳисорҳои табиӣ дар шароити «қарори беҳтарини дуюм»равона шудааст,аз ҳама самаранок мебошад.

Таҷрибаи хориҷии танзими инҳисорҳои табииро омӯхтаву онро ба Россия гузаронида, фаромӯш набояд сохт,ки «иқтисодиёти ватанӣ ва иқтисодиёти мамлакатҳои Ғарб дар давраҳои гуногуни рушди технологӣ қарор доранд [7–М].

Интихоби методи батанзимдарориро худи мақомоти танзимкунанда нибати субъекти мушаххаси инҳисори табиӣ дар асоси таҳлили фаъолияти он амалӣ мегардонад. Ҳамзамон,нақши ҳавасмандсозандаи методҳои ишорошуда дар баланд бардоштани сифати молҳои истеҳсолшаванда (ба фурӯш баровардашаванда) ва қонеъгардонии талабот ба онҳо, инчунин асосноккунии хароҷотҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба диққат гирифта мешавад: хароҷотҳо барои истеҳсол (фурӯш)–и молҳо; андозҳо ва пардохтҳои дигар; арзиши воситаҳои асосии истеҳсолӣ, талаботҳо ба сармоягузориҳои барои истеҳсолӣ

такрорӣ зарур ва хароҷотҳои амортизатсионӣ; фоидаи пешбинишаванда аз фурӯши имконпазири молҳо аз рӯи нархҳо (тарофаҳо)–и гуногун; дурии гуруҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон аз ҷойи истеҳсоли молҳо; мувофиқати сифати молҳои истеҳсолшаванда (ба фурӯши баровардашаванда) ба талаботи истеъмолкунандагон; дотатсияи давлатӣ ва чораҳои дигари дастгирии давлатӣ.

Танзими давлатии ин ҷараёнҳо ба таври зайл амалӣ мегардад:

–бо ёрии сиёсати нархҳо,андозҳо ва гумрук;

–тавассусти азнавсозиҳои институтӣ–ташкилӣ бо такмилёбии методҳои назорати зиддиинҳисорӣ аз болои нархҳои яклухти (кутара) ва чаканаи бозорҳои энергетикӣ дар сатҳӣ ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва танзими инҳисорҳои табиӣ;

–бо ёрии такмили қонунгузорӣ ва базаи меъёрию ҳуқуқии кори соҳаи энергетика, стандартизатсия, сертификатсия ва литсензиякунонии фаъолияти субъектҳои бозори энергетикӣ.

Ҳоло,аксари олимон бар он ақидаанд, ки давлат танзими нархҳоро дар соҳаи инҳисорҳои табиӣ бояд ба роҳ монад,аммо таъмини барои давлат фоиданоки кору рушди соҳаҳои инҳисории иқтисодиёт зарур аст. Ба ақидаи аксари ашхоси манфиатдор,таносуби муносиби ин чораҳо дар танзими давлатӣ масъалаи мураккабест,ки ҳалли оқилонаро талаб менамояд. Ба интихоби курси беҳтарин дар ин соҳаи танзими давлатӣ ба қадри муайян таҷрибаи мамолики Ғарб кӯмак расонида метавонад.

Инак, танзими инҳисори табиӣ яке аз амалҳои муҳимтарин буда, кори мӯътадили иқтисодиётро таъмин менамояд. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ бояд солиму оқилона бошад. Татбиқи он аз ҷониби кормандони мақомотҳои танзимкунанда бояд мӯътадил бошад,зеро ки назорати беҳад сахт ба нобаробариҳо дар муносибатҳои бозоргонӣ оварда мерасонад.

Агар ҷараёнҳоеро,ки ба инҳисорҳои табиӣ Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ мансубанд,баррасӣ намоем,кас ҷамъбасти муайян кардан мумкин аст ва ба он олимони гуногун диққат медиҳанд.Дар навбати аввал бояд танзими оммавӣ–ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ ба роҳ монда шавад,то ин ки манфиатҳои ҳам истеҳсолкунандагон ва ҳам истеъмолкунандагон риоя гардад.

Илова бар ин, танзими ҳуқуқӣ набояд танҳо ба муқаррар кардани нарху тарофаҳо равона шавад ва набояд танҳо назорат аз болои фаъолияти инҳисорҳои табииро дар бар гирад.Ин дар ҳолатест,ки асбоби танзими тарофаҳо дар сиёсати макроиқтисодиёти мамлакат нақши калонро мебозад,азбаски тамоюли пурзуршавии таъсири тарофаҳои инҳисорҳои табиӣ ба сатҳи умумии беқурбшавии пул мушоҳида мегардад.

Барои муносибгардонии танзими инҳисорҳои табиӣ, барои солимгардонии иқтисодиёт дар навбати аввал такмили базаи қонунгузории танзими фаъолияти инҳисори табиӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ, инчунин такмили фаъолияти мақомотҳои назораткунанда хело зарур аст [10–М].

Ҳамчунин, мувофиқсозии нақшаи рушди шабакаҳои инфрасохторӣ,таҳлили фаъолияти молиявӣ–хоҷагидорӣ,сармоягузорӣ ва иннаватсионии инҳисорҳои табиӣ, коркарди механизми муносибатҳои шартномавӣ байни корхонаҳо ва истеъмолкунандагони асосии онҳо,коркарди стандартҳои сифат ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳо хело муҳим мебошад.

Таҳлили усулу тарзҳои танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ ба хулосабарорӣ дар бораи бартарияти тарзҳои императивии таъсиррасонӣ дар соҳаи баррасишавандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имкон медиҳад.Дар механизми танзими ҳуқуқӣ методи диспозитивӣ хело кам вомехурад.Ба ҳар ҳол,гуфтан мумкин аст,ки якҷоясозии методҳои танзими ҳуқуқӣ мавҷуд аст,–яъне танзими ҳуқуқии инҳисорҳоии табиӣ хусусияти маҷмӯи дорад.Маҷмӯи воситаву методҳои танзими ҳуқуқӣ чун модели ҳуқуқии танзими инҳисорҳои табиӣ метавонад тавсиф ёбад.

Таҷрибаи танзими фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ моро ба хулосае меорад, ки такмили он бо роҳи воридсозии механизму методҳои таъсиррасонӣ хело зарур аст.Дар адабиёт ин масъала номи ислоҳоти сохторӣ ё азнавсозии сохтори инҳисорҳои табииро гирифтааст. Дар доираи тасаввуроти анъанавӣ мафҳумҳои «рақобатнокӣ» ва «инҳисори табиӣ» ба ҳам муқобиланд.Чунончӣ,дар моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» нишон дода шудааст,ки инҳисори табиӣ ҳолати бозори молҳо мебошад, ки дар он қонеъгардонии талабот

дар ин бозор,бинобар номавҷудияти рақобатнокӣ, самараноктар аст. Ба ин маънӣ рақобатнокӣ ба инҳисори табиӣ мувофиқат намекунад.Аммо,аллакай аз солҳои 60–уми қарни ХХ дар назария ва амалияи танзими давлатии инҳисорҳои табиӣ мафҳуми алтернативӣ рақобатнокӣ барои ҳуқуқи дастрасӣ ба бозори инҳисори табиӣ мавриди истифода қарор мегирад.Илова бар ин,аз охири солҳои 70–уми асри ХХ тасаввурот дар бораи инҳисороти табиӣ чун муҳити патенсиалии рақобатнокӣ ташаккул ёфта истодааст. Самаранокии фаъолияти он танҳо бо имконияти воридшавии ширкатҳои нав таъмин мегардад. Ин ақидаҳо тасаввуротро дар бораи сохторҳои бозорӣ ба тавре васеъ менамоянд, ки мафҳумҳои рақобатнокӣ ва инҳисор дигар ба ҳам муқобил намегарданд [13–М].

Дилхоҳ модели маълуми танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ аз норасоиҳо озод нест. Хусусияти нисбии инҳисори табиӣ,алоқаи мавҷудияти онҳоро бо сатҳи рушди илм,техника,иқтисодиёт ба ҳисоб гирифта, пеш аз қабули қарор дар бораи истифодаи ин ё он модел арзёбии дурусти дараҷаи рушди соҳаҳои мувофиқ ва имконияти танзими онҳоро аз ҷумла бо ёрии механизмҳои рақобатнокӣ бояд зарур ҳисоб кард.

## **Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Дар хулоса бояд чунин пешниҳодҳои назариявӣ ва амалиро пешкаш намуд:

1. Дар замони Истиқлолияти давлатӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши инҳисори табиӣ вобаста ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба инҳисори табиӣ ба ду марҳила тақсим карда мешавад: а) марҳилаи аввал - солҳои 1991-1996; б) марҳилаи дуюм – солҳои 1997-2018. Ба марҳилаи аввали танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ хусусияти заминавии танзими ҳуқуқӣ, яъне танзимнамои дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ хос буда, марҳилаи дуюм хусусияти коплексро касб намуд, яъне танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар асоси воситаҳои хусусияти хусусӣ ва умумидошта бароҳ монда шуд. Ба сохтори қонунгузорӣ дар бораи инҳисорҳои табиӣ чунин омилҳои субъективӣ, мисли сатҳи рушди техникаи ҳуқуқӣ, коркард

дар назарияи ҳуқуқии масъалаҳои танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ таъсир мерасонанд.

